Тибқи талаботи шартҳои “Корти сабз” дар ҳолате, ки ҳангоми истифодаи воситаи нақлиёти автомобилие , ки дар яке аз давлатҳои аъзо ба қайд гирифта шудааст, дар дигар давлати аъзо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарар расонида шавад, ин зарар тавассути механизми суғуртаи ҳатмӣ (Корти сабз) ҷуброн карда (подош) мешавад. Дар аввал, дар ҳамаи давлатҳои аъзои Созишнома соҳиби воситаи нақлиёти автомобилӣ уҳдадор мебошанд, ки хатари масъулияти граждании худро, ки бо истифодаи он алоқаманд аст, суғурта кунад. Дуввум ин, ки ҳангоми бастани шартномаи суғурта, ба суғурташаванда полиси суғуртавӣ

(«Корти сабз») дода мешавад, ки дар дохили давлат амал мекунад ва он тасдиқ мекунад, ки суғурташаванда уҳдадор аст, ки барои зарари расонидашуда бо истифодаи воситаи нақлиёт ба шахсони сеюм дар ҳудуди дигар давлатҳои аъзои Созишнома аст, ҷавобгар мебошад. Сеюм ин, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳодисаи суғуртавӣ мутобиқи низоми «Корти сабз» зарар аз ҷониби ташкилоти махсус бюрои миллии суғуртавӣ,ки аз якчанд аъзои ташкилоти суғуртавӣ иборат мебошад, пардохт карда мешавад.

Мутобиқи низоми «Корти сабз» бояд дар давлати аъзо ташкилоти махсус бюрои суғуртавӣ ташкил карда шавад. Бюрои суғуртавӣ барои анҷом додани фаъолияти суғуртавӣ дар суғуртаи ҳатмии масъулияти граждании соҳибони нақлиёти автомобилӣ барои ташкилотҳои суғуртавӣ, иҷозатнома медиҳад. Ҳамаи бюроҳои давлатҳои аъзо Шӯрои бюроро ташкил медиҳанд, ки он дар Брюссел ҷойгир мебошад. Шӯрои бюро асосан ҳамчун ташкилоти ҳамоҳангсоз танзимгари муносибатҳо байни бюроҳои миллӣ ва намояндаи онҳо дар ташкилоти мазкур баромад менамояд. Бюроҳои миллӣ байни ҳамдигар созишномаҳои дутарафа мебанданд, тибқи он бояд:

- ҳар як давлати аъзо бояд полиси суғуртавии «Корти сабз» ро, ки аз ҷониби ташкилоти суғуртавии яке аз бюрои миллӣ дода мешавад ва ҳангоми ворид гардидани суғурташаванда ба ин давлат, эътироф намояд;
- зарари дар ҳудуди давлат аз ҷониби шахси хориҷии соҳиби «Корти сабз» ба шахсони сеюм расонидашуда, аз тарафи бюрои ҳамон давлат, ки дар он ҳодисаи суғуртавӣ рӯй додааст, тибқи қонунгузории давлати мазкур оид ба суғуртаи ҳатмӣ, пардохт карда мешавад;
- баъд аз ҷуброни зарар бюрои миллӣ ба бюрои давлати дигар, ки воситаи нақлиёт рақами бақайдгирии онро дорад, варақаи ҳисобро пешниҳод менамояд;
- подоши пардохташуда аз ҷониби суғуртакунандаи давлати бақадгирандаи воситаи нақлиёт, ки ингуна шартномаи суғуртаро бастааст бо воситаи бюрои миллияш ба ташкилоти суғуртавии пардохти ҷуброни зарар, бармегардонад.

Дар танзими ҳуқуқии низоми «Корти сабз» нақши муҳимро панҷ директиви Иттиҳодияи Аврупо оид ягона намудани қонунгузории давлатҳои аъзо, мебозанд, ки онҳо ба суғуртаи ҳатмӣ тааллуқ доранд (1972, 1983, 1990, 2000 ва 2009 сол). Санадҳои меъёри ҳуқуқии мазкурро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки онҳо пеш аз ҳама ба ягона намудани қонунгузории давлатҳо бахри ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсоне, ки дар натиҷаи садамаи нақлиётӣ зарар мебинанд, танзим мекунанд. Ҳамзамон, қайд кардан лозим аст, ки санадҳои Иттиҳодияи Аврупо меъёрҳоеро дарбар мегиранд, ки онҳо талаботҳоро оид ба шартномаи суғуртаи ҳатмӣ, муаайин менамоянд ва онҳо аз ҷониби давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо риоя карда мешаванд. Масъалаҳое, ки дар ин санадҳо танзим нашудаанд, тибқи қонунгузории миллии давлатҳои аъзои Итттиҳод танзим карда мешаванд[3 с. 39].

Тибқи Директиви Иттиҳоди Аврупо аз 30 декабри соли 1983 №84/5/EEC "Дар бораи наздикшавии қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо оид суғуртаи ҳатмӣ" андозаҳои камтарини андозаи ҷуброни зарар (лимитҳо) муайян шудаанд, ки онҳоро ҳамаи давлатҳои аъзо риоя бояд намоянд. Тибқи санадҳои номбаршуда, меъёри андозаи подоши зарар барои ҳар як шахс, дар натиҷаи садамаи нақлиётӣ ба саломатии он зарар расонида шудааст,ҷуброни зарар бояд аз 350 ҳазор евро кам набошад. Ҳангоми дар натиҷаи садамаи нақлиётӣ ба зиёда аз як нафар зарар расонида шуда бошад, ҳаҷми меъёри камтарини подоши зарар барои ҳамаи ҷабрдидагон на кам аз 500 ҳазор евро ташкил менамояд. Меъёри ягонаи камтарини подоши зарар ба ҳаёт ва саломатӣ, инчунин молу мулкӣ ва барои ҳар як садамаи нақлиётӣ ба шахсони сеюм ба ҳаҷми на кам аз 600 ҳазор евроро муқаррар карда аст.

Дар муқоиса ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамаи давлатҳои номбаршуда, инчунин аз давлатҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил [4], андозаи маблағи подоши зарар барои ҷабрдидае, ки аз садамаи нақлиёти зарари ҷисмонӣ ва молу мулкӣ бардоштааст, бисёр дар сатҳи паст қарор дорад [5].

Директиви Иттиҳоди Аврупо "Дар бораи наздикшавии қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо оид суғуртаи ҳатмӣ инчунин, муқаррар намудааст, ки бюрои давлате, ки дар он ҳодисаи садамаи нақлиётӣ рӯй додааст,

танҳо дар ду ҳолат ҳуқуқ дорад ба ҷабрдида подошро пардохт нанамояд: агар ҷабрдида подошро аз мақомоти таъминоти иҷтимоӣ гирифта тавонад ва агар ҳодисаи садамаи нақлиётӣ бо гуноҳи шахсе, ки ғайриқонунӣ воситаи нақлиётро идора менамояд, рӯй диҳад.

Меъёри андозаи маҳдуди подоши зарар ҳангоми расонидани зарар ба молу мулки шахсони сеюм дар як садамаи нақлиётӣ, новобаста аз шумораи нафарони ҷабрдида 100 ҳазор евро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, дар давлатҳои аъзои «Корти сабз» метавонад, меъёри ягонаи подоши зарар нисбати ҳар як садамаи нақлиётӣ бо расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии шахсони сеюм ва молу мулки онҳо, ба ҳаҷми на кам аз 600 ҳазор евро муқаррар карда шавад. Инчунин, қайд кардан зарур мебошад, ки меъёрҳои подоши зарар на дар ҳама давлатҳо ягона амал менамояд, масалан, дар Финляндия, Фаронса, Британияи Кабир, Ирландия, Исландия андозаи меъёри товони зарар (лимит) мавҷуд намебошад. Дар қонунгузории давлатҳои дигари аъзо, меъёрҳои баланд барои ҳамаи ҷабрдидагон вуҷуд доранд. Дар Испания 70 млн евро, Олмон 7,5 млн евро, Итолиё 5 млн евро ташкил менамояд[6].

Директиви чоруми Иттиҳоди Аврупо аз 16 майи соли 2000 № 2000/26/ЕС муқаррар намудааст, ки тарафи ҷабрдида ҳуқуқ дорад талаби суғуртавиро, дар ҳамон давлати аъзое, ки зиндагонӣ мекунад, ба мақомоти ваколатдор, ки аз тарафи ташкилоти суғуртавӣ муайян шудааст, пешниҳод намояд. Давлатҳои аъзо бояд хадамотеро ташкил намоянд, то ин, ки фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ва намояндагони онҳоро оид ба пардохтҳои суғуртавӣ, назорат намоянд. Ҳамзамон, Директиви мазкур уҳдадориҳои давлатҳои аъзоро нисбати ташкил намудани маркази маълумотӣ, ки хазинаи ташкилотҳои суғуртавиро ташкил медиҳад ва чунин маълумотҳо ба монанди рақамҳои «Корти сабз» ва дигар маълумоти лозимаро нигоҳ медорад, муқаррар намудааст. Марказҳои мазкур бояд байни ҳамдигар ҳамкорӣ кунанд ва ба тарафи ҷабрдида дар давоми 7 сол пас аз садама маълумоти лозимаро пешниҳод намоянд.

Бо қабули Директиви Иттиҳоди Аврупо “Дар бораи суғуртаи ҳатмӣ, ки бо истифодаи воситаҳои нақлиёт ва иҷрои уҳдадориҳо вобаста ба чунин масъулият, алоқаманд мебошад” муқаррароти чор директиви дигар аз нав дида баромада ба Директиви мазкур ҳамроҳ карда шуд. Айни замон, он санадҳои мурратабгашта мебошад, ки он дар соҳаи суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаҳои нақлиёт муносибатҳои байналмилалиро ба танзим медарорад.

Бояд қайд кард, ки санадҳои Иттиҳоди Аврупо меъёрҳои ҳатмиро вобаста ба масъалаҳои асосии суғуртаи ҳатмӣ муқаррар менамоянд, ки онҳо ба ҳифзи ҳуқуқҳои тарафи ҷабрдида равона карда шудаанд. Қонунгузории миллии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо механизми ҳуқуқии амалигардонии меъёрҳои ҳатмии мазкурро омода менамоянд. Истифодаи қонунгузории миллӣ асосан дар асоси меъёри коллизионӣ-қонуни ҷойгиршавии (ҷои зист) тарафи ҷабрдида амалӣ мешавад. Ғайр аз ин, тибқи муқаррароти конвенсияи Аврупо дар бораи ҷазо барои садамаҳои нақлиётӣ, мақомоти ҳокимияи давлатҳо дар ҷои зисти шахс, ҳуқуқи комил доранд, ки кори судиро оид ба ҳодисаи садамаи нақлиётӣ, ки аз ҷониби шаҳрванди дигар давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо дар ҳудуди давлати мазкур содир шудааст, гузаронанд.

Таҷрибаи Аврупо нишон медиҳад, ки суғуртаи ҳатмии масъулияти граждании соҳибони нақлиёт метавонад ба пешгирии ҳодисаҳои садамаи нақлиётӣ ва коҳиш додани натиҷаи оқибатҳои номусоид мусодат намояд. Ҳамзамон, қонунгузории миллӣ вобаста ба зарур будани аз ҷониби давлат ҷудо намудани маблағҳо барои ҳифзи манфиатҳои ҷабрдида, аҳамияти ҷиддӣ дорад, ки он соҳибони воситаҳои нақлиётро ба бастани шартномаҳои суғурта, тибқи талаботҳои камтарин аз ҷониби давлат муқарраршуда, уҳдадор менамояд [7, с. 10]. Аммо, дар ҳолати меъёрҳои ками пардохтҳои суғуртавӣ рушди суғуртаи ҳатмӣ дар ин соҳа суст мегардад, чунки ҳангоми зиёдшавии арзиши воситаи нақлиёт ва хизматрасонии тиббӣ ба суғуртаи ихтиёрӣ водор месозад, ки ин ба ташкилотҳои суғуртавӣ хеле фоидаовар буда, аз соҳибони воситаҳои нақлиёт хароҷоти зиёдро талаб мекунад. Ҳамин тавр, дар Тоҷикистон якчанд соли охир масъалаи зиёд намудани меъёри маблағ вобаста ба ҷуброни зарар ба ҳаёт ё саломатии ҳар як ҷабрдида, бардошта шуда истодааст, лекин он аз пардохти муқарраршудаи давлатҳои Аврупо-аъзои «Корти сабз» кам мебошад. Ба амал намудани Директиваҳои махсуси Иттиҳоди

Аврупо нигоҳ накарда, масъалаҳои ягонагардонии қонунгузории милии суғурта, яъне ташкил ва рушди бозори ягонаи суғурта дар ҳудуди давлатҳои аъзоёни Иттиҳод ҳанӯз кушода мемонанд, аз ҷумла дар соҳаи суғуртаи ҳатмӣ, чунки рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, зиёдшавии ҳамлу нақли автомобилӣ ва туризми автомобилӣ ҳалли масъалаҳои ҳифзи суғуртавии шаҳрвандонро ҳам дар дохили кишвар, ҳам берун аз он, талаб мекунад. Масъалаи мазкур барои Тоҷикистон низ хеле муҳим аст, зеро иштироки он дар низоми аврупоии «Корти сабз» ба рушди минбаъдаи қонунгузории суғурта ва ба стандартҳои аврупоӣ ҷавобгӯ гардонидани он, аз ҷумла, дар масъалаҳои баланд бардоштани меъёри маблағи подоши зарар ва дар баъзе дигар масъалаҳои ба талаботҳои суғурта дохилшаванда, мусоидат менамояд.

**Руйхати адабиёт:**


1. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.newsru.com/world/, (санаи муроҷиат: 1.05.2019 с.).
2. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.cobx.org/Content/Default.asp – сайт Council of Bureaux Green Card (санаи муроҷиат: 1.05.2019 с.).
3. Федорова Т. А. Страхование учебник / 2-е изд. – М. : Экономистъ, 2004. – С. 39.
4. Муминзода О.С. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ дар бораи суғуртаи ҳатмии масъулияти граждани-ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт дар кишварҳои ИДМ // Пайёми ДМТ. – 2018. – № 5. – С. 226.
5. Қарори Ҳукумати ҶТ ”Дар бораи суғуртаи давлатии ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаи нақлиёт аз 10 июни соли 1996 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.06.2019).
6. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.autoins.ru/ru/greencard (дата обращения: 1 декабря 2015 г.).
7. Матвеева И.Ю. Современные тенденции обязательного страхования гражданской ответственности владельцев транспортных средств (опыт ЕС и России): автореф. дис. … канд. экон. наук. – М., 2008. – С. 10.



**Аннотатсия**

**Баъзе аз хусусиятҳои суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ дар Иттиҳодияи Аврупо**

Дар мақолаи мазкур муаллиф низоми ҳуқуқии суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ дар Иттиҳодияи Аврупоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Дар рафти баррасӣ тамоми санадҳои меъёри ҳуқуқии танзимкунандаи суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ дар низоми ҳуқуқии Иттиҳодияи Аврупо, аз ҷумла Созишномаи дар бораи суғуртаи ҳатмии масъулияти гражданӣ ва дигар директивҳое, ки баҳри ҳифзи ҳуқуқу манфиятҳои ҷабрдидагон дар садамаҳои нақлиётӣ зарар диданд, мади назар қарор дода шудааст.



**Аннотация**

**Некоторые особенности ответственности страхования гражданских владельцев автомобильных транспортных средств в Европейском Союзе**

В данной статье автор анализирует правовую систему страхования гражданской ответственности владельцев транспортных средств в Европейском Союзе. В ходе обсуждения были подтвереждены все правовые акты, регулирующие страхование гражданской ответственности владельцев транспортных средств в правовой системе Европейского союза, включая обязательное Соглашение о гражданской ответственности и другие меры защиты для защиты прав и интересов потерпевших


**Annotation**

**Some feature insurance of civilian vehicle owners in the European Union**

In this article, the author analyzes the legal system for civil liability insurance of motor vehicle owners in the European Union. In the course of the discussion, all legal acts governing the civil liability insurance of motor vehicle owners in the European Union's legal system, including the Compulsory Civil Liability Agreement and other protections for the protection of the rights and interests of victims, were damaged. has been.



**Турсунзода Шаҳло,**

*судяи суди ноҳияи Рӯдакӣ, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail.: tursunova@mail.ru*

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ ХОҶАГИИ ДЕҲҚОНӢ (ФЕРМЕРӢ) ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; соҳибкор; фаъолияти соҳибкорӣ; дастгирии давлатӣ; хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ); субъекти фаъолияти соҳибкорӣ.*

***Ключевые слова:*** *нормативный правовой акт; предпринимательство; предпринимательская деятельность; государственная поддержка; дехканское (фермерское) хозяйство; субъект предпринимательской деятельности.*

***Key words:*** *normative legal act; entrepreneurship; business activity; state support; dehkan (farm) economy; business entity.*

Хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) (минбаъд – хоҷагии деҳқонӣ) ҷузъи таркибии иқтисоди миллӣ ва субъекти мустақили фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад, ки фаъолияти он ба истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ равона карда шуда, дар таъмини яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат – таъмини амнияти озуқаворӣ нақши муҳим дорад. Ҳамчунин рушди хоҷагии деҳқонӣ дар кишвар яке аз роҳҳои самараноки баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, паст кардани сатҳи бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳисоб меравад.

Агар шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар соли 1997 – 8023, дар соли 2010 ба 51372 расида бошад, шумораи хоҷагиҳои деҳқонии амалкунанда ба ҳолати то 1 январи соли 2018-ум 164631 ададро ташкил намуд. Масоҳати умумии қитъаҳои замини ба хоҷагии деҳқонӣ ҷудокардашуда дар соли 1997 – 139,0 (3,3 % аз ҳаҷми умумии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар кишвар), дар соли 2010 – 2682,7 (71,4 % аз ҳаҷми умумии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар кишвар), дар соли 2017 бошад, 2571,9 (70,3 % аз ҳаҷми умумии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар кишвар)-ро ташкил медиҳанд [1].

Хоҷагиҳои деҳқонӣ яке аз субъектони асосии истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ ба шумор рафта, дар таъмини амнияти озуқавории кишвар нақши муассир доранд, чунки мувофиқи маълумотҳои омории соли 2017 аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҳаҷми 8962090 сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол карда шудааст, ки ин аз ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар кишвар 36,5 %-ро ташкил медиҳад.

Яке аз масъалаҳои бунёдӣ дар раванди фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ, ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ яке аз шаклҳои танзими давлатии он ба шумор меравад. Дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ аз маҷмӯи дастгириҳо, имтиёзҳо ва кафолатҳое иборат мебошанд, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ шуда, барои васеъ намудани имкониятҳо ва рушд бахшидани фаъолияти хоҷагидории он равона карда шудаанд. Ҳамзамон дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ яке аз воситаҳои муҳими самаранокии фаъолияти он, баланд гардидани сифатнокии маҳсулоти кишоварзии аз тарафи хоҷагии деҳқонӣ истеҳсолшуда, ҳавасмандии ин субъекти хоҷагидорӣ, рушди фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ҷаҳон оид ба дастгирии хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ таҷрибаҳои назаррас мавҷуд аст, ҳатто дар кишварҳое, ки хоҷагиҳои хурд дар таъмини озуқаворӣ ва даромади оилаҳои деҳот

нақши муҳимро иҷро намекунанд. Масалан, дар ИМА дар соли 1997 вазорати кишоварзӣ Комиссияи миллиро оид ба хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ таъсис дод, ки барои рушди онҳо чораҳои махсус таҳия кардаанд. Дар натиҷа, то соли 2000-ум дар ин кишвар шумораи хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ афзуд, гарчанде ки шумораи онҳо дар тӯли асри XX коҳиш ёфтааст [2].

Бояд қайд намуд, ки ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар шакли ҳуқуқӣ, ташкилӣ, молумулкӣ, молиявӣ, иттилоотӣ ва дигар шаклҳо амалӣ шуда, ба беҳтар намудани шароити соҳибкорӣ ба низоми бақайдгирии соҳибкорӣ, андозбандӣ, иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ, санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, бақайдгирии молу мулк, ҳисоботдиҳӣ, танзими зиддиинҳисорӣ, содда намудани амалиёти воридотию содиротӣ бо дарназардошти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, қарздиҳӣ, мораторияи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ асос меёбад.

Дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ ба воситаи ҳуқуқ ва бо роҳи дар қонунгузории амалкунанда пешбинӣ намудани низоми ягонаи меъёрҳо, усулҳо, чораҳо ва воситаҳо амалӣ карда мешавад. Меъёрҳо, усулҳо, чораҳо ва воситаҳо, ки дар қонунгузорӣ ифода гардидаанд, шаклҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ мебошанд.

Ба андешаи М.З. Раҳимзода дар фарқият аз дигар шаклҳои дастгирӣ, ки ба воситаи онҳо ҳамчун қоида доира ва ҳудуди муайяни фаъолияти субъектҳои хоҷагӣ муқаррар карда мешавад, дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ барои васеъ намудани имконияти онҳо равона карда шудааст. Дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ нисбати ҳам соҳаи муайян ё намудҳои мушаххаси субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ (мисол, фаъолияти аудиторӣ) ва ҳам нисбати субъектҳои муайян (ба монанди субъектҳои соҳибкории хурду миёна) амалӣ карда мешавад [3].

Мақсади дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ барпо намудани шароити ташкилӣ ва иқтисодӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ буда, фаъолияти мақомоти давлатиро оид ба татбиқи чорабиниҳои пешбининамудаи барномаҳои давлатӣ ва ҳудудии рушди соҳибкориро дар бар мегирад.

Бинобар ин, дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ низоми бо қонунгузорӣ муқарраргардидаи меъёр, усул, чора ва воситаҳое мебошад, ки дар маҷмӯъ ба ташкил ва таъмини кори самараноки онҳо равона гардида, ҳавасмандгардонии ҳуқуқии субъектҳои мазкур ва маҳдудиятҳои ҳуқуқии шахсони бо онҳо алоқамандро баҳо медиҳад (мақомоти ҳокимияти оммавӣ ва шарикони хусусӣ) [4].

Моҳиятан шаклҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии зикргардида, ки дар қонунгузорӣ ифода ёфтаанд, маҷмӯи омилҳои ҳуқуқӣ ва маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи соҳибкории хурд мебошад. Бо дастгирии ин воситаҳо қонунгузор кӯшиш мекунад, ки соҳаи соҳибкориро ба самти ба фикри ӯ зарурӣ равона созад. Асосҳои дар боло зикршудаи дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд ва шакли ҳуқуқии дастгирии давлатиро ба асос гирифта, шаклҳои баррасишавандаро аз рӯйи хусусиятҳояшон ба ҳуқуқпешниҳодкунанда ва ҳуқуқмаҳдудкунанда ҷудо кардан мумкин аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар қонунгузорӣ низоми кафолатҳо, имтиёзҳо ва дастгириҳои давлатиро пешбинӣ намудааст. Хоҷагии деҳқонӣ шакли соҳибкории мувофиқ ва паҳнгашта дар мамлакат ба ҳисоб меравад ва аксарияти аҳолӣ ба чунин шакли хоҷагидорӣ машғул гаштаанд. Дастгириҳои давлатии хоҷагии деҳқонӣ низоми кӯмакҳо, имтиёз ва дастгириҳои аз тарафи давлат амалишаванда мебошанд ва онҳо дар қонунгузорӣ муқаррар карда шудаанд.

Дар боби ҳаштуми Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 марти соли 2016 [5] муқаррарот оид ба дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ пешбинӣ карда шудааст. Дар м. 34 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» муқаррарот оид ба низоми дастгириҳои давлатии хоҷагии деҳқонӣ, дар ҳудуди заминҳои хоҷагӣ аз ҳисоби давлат сохтани иншоотҳои объекти инфрасохторӣ, дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва мақомоти амаликунандаи дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ муқаррар гардидааст.

Дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ яке аз шаклҳои танзими давлатии он ба шумор меравад. Дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ аз маҷмӯи дастгириҳо, имтиёзҳо ва кафолатҳое мебошанд, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ шуда, барои васеъ намудани имкониятҳо ва рушд бахшидани фаъолияти хоҷагидории он равона карда шудаанд.

Нисбат ба хоҷагии деҳқонӣ муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» мавриди амал қарор дода мешавад, зеро хоҷагии деҳқонӣ субъекти комилҳуқуқи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад [6, с. 43]. Дар кишвар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бахши дастгирии давлатии соҳибкорӣ қабул гардидаанд, ки дар як навбат онҳо низ нисбати хоҷагии деҳқонӣ паҳн мегарданд. Ба ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» аз 26 июли соли 2014 [7], Қонуни ҶТ «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии ҶТ» [8] аз 5 марти соли 2007, Қонуни ҶТ «Дар бораи шарикии давлат дар бахши хусусӣ», Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Фонди дастгирии соҳибкорӣ» аз 14 феврали соли 2015, Низомномаи «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати ҶТ» аз 28 апрели соли 2017 ва ғайра дохил мешаванд.

Мувофиқи м. 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» [9] ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз ҷониби Ҳукумати ҶТ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад. Дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар шакли ҳуқуқӣ, ташкилӣ, молу мулкӣ, молиявӣ, иттиллоотӣ ва дигар шаклҳо амалӣ шуда, ба беҳтар намудани шароити соҳибкорӣ ба низоми зерин асос меёбад: бақайдгирии соҳибкорӣ; андозбандӣ; иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ; санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ; бақайдгирии молу мулк; ҳисоботдиҳӣ; танзими зиддиинҳисорӣ; содда намудани амалиёти воридотию содиротӣ бо назардошти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон; қарздиҳӣ; мораторияи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ.

Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъекти соҳибкорӣ бо роҳҳои зерин амали карда мешавад: сода намудани тартиби бақайдгирии субъекти соҳибкорӣ; дар асоси муқарраროти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳдуд кардани санҷиши фаъолияти субъекти соҳибкорӣ; ба суд шикоят овардани мақоми ваколатдори давлатӣ аз амали (беамалии) шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъекти фаъолияти соҳибкориро халалдор мекунанд; ҳисоб кардани собиқаи меҳнатии соҳибкори инфиродӣ тибқи қонунгузорӣ; истифодаи дигар усулҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст.

Субъекти соҳибкорӣ дорои ҳуқуқи моликият буда, он аз ҷониби давлат ҳимоя карда мешавад. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Молу мулки субъекти соҳибкориро барои эҳтиёҷоти давлатӣ фақат дар асоси қонун ва розигии ӯ бо пардохти арзиши пуррааш ё пешниҳоди молу мулки баробарарзиш гирифтан мумкин аст. Товони зарари моддӣ ва маънавие, ки дар натиҷаи амали (беамалии) ғайриқонунии шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, *мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот,* ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ё шахсони алоҳида ба субъекти соҳибкорӣ расонида мешавад, тибқи қонунгузорӣ рӯёнида мешавад.

Дахолат, амалӣ (беамалӣ)-и ғайриқонунии шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти давлатии назоратӣ ва санҷишӣ, инчунин мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, *мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот* ба фаъолияти хоҷагидории субъекти соҳибкорӣ манъ аст. Ба маҳдудкунии ҳуқуқҳои субъекти соҳибкорӣ барои иштирок дар хариди давлатии мол (кор, хизматрасонӣ) роҳ дода намешавад (м. 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ»).

Дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии ҶТ» аз 5 марти соли 2007, № 241 [8] барои дастгирии давлатии соҳаҳои комлекси агросаноатии ҶТ субсидия (кумаки молиявӣ) муқаррар карда мешавад. Субсидия (кумаки молиявӣ) ин маблағҳои мақсаднок ва суроғавӣ

мебошад, ки барои дастгирии соҳаҳои алоҳидаи комплекси агросаноатӣ равона карда мешаванд. Мувофиқи м. 8 Қонуни мазкур субсидия (кумаки молиявӣ) вобаста ба фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликияташон, ба соҳаҳои зерини комплекси агросаноатӣ ҷудо карда мешавад:

– тухмипарварии элита ва ибтидоӣ, истеҳсоли тухмиҳои репродуксияи якум ва дуюм, таъсиси фонди гардиши тухмии зироатҳои кишоварзӣ;

– ҳосилхезгардонии заминҳои кишоварзӣ;

– беҳтаргардонии ҳолати мелиоративии заминҳои корами обӣ;

– азхудкунии заминҳои нав ва ба гардиши кишоварзӣ дохил намудани заминҳои партов;

– баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва зиёд намудани истеҳсоли пахта, картошка, сабзавот, полизӣ, ғаллагӣ, лубиёгӣ, тамоку ва мубориза бар зидди касалиҳои онҳо;

– бунёди боғу токзорҳо ва парваришхонаҳо барои ниҳолҳои мевадиҳанда;

– харид ва парвариши чорвои зотӣ, парранда ва моҳӣ;

– рушди соҳаи байторӣ ва гузаронидани чорабиниҳои эпизоотӣ;

– рушди соҳаи занбӯри асалпарварӣ;

– хариди тухми пилла ва мубориза бар зидди касалиҳои зараррасони тут;

– инкишоф ва татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ, ташкил ва таҳкими минбаъдаи фонди генетикии миллии зироатҳои кишоварзӣ, чорво, парранда ва моҳӣ, инчунин хариди асбобҳо ва таҷҳизоти замонавӣ, маводҳои химиявию биологӣ барои пажӯҳишгоҳҳои илмӣ таҳқиқотии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ;

– таъсис додани истеҳсолоти нав, харид ва таъсиси фонди заҳрхимикатҳо, нуриҳои минералӣ.

Дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 марти соли 2016 низоми хоси дастгириҳои давлатии хоҷагии деҳқониро пешбинӣ намудааст, ки инҳо мебошанд:

– дастрасӣ ба техника ва технологияи муосири кишоварзӣ, хариди навъҳои тухмиҳои хушсифати зироатҳо ва намудҳои чорвои хушзот;

– татбиқи чораҳо оид ба ҳимояи бозори дохилии кишоварзӣ;

– ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ ба истеҳсолоти кишоварзӣ;

– таҳия ва пешниҳоди дастуру тавсияҳо оид ба истифодаи технологияи кишоварзӣ, дастовардҳои таҷрибаи пешқадам ва инноватсионӣ;

– ташаккулдиҳии муносибатҳои иқтисодии бозорӣ ва ҷорӣ намудани механизми босамари дастгирии молиявӣ;

– таъмини иттилоот оид ба ҳаҷми истеҳсол ва нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои дохилӣ ва беруна;

– дигар шаклҳои дастгирӣ, ки қонунгузорӣ муайян намудааст, ба шумор мераванд.

Ҳамчунин мувофиқи қисми дуюми м. 34 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 марти соли 2016 дар ҳудуди заминҳои хоҷагии деҳқонӣ объектҳои инфрасохторӣ аз тарафи давлат сохта мешаванд. Ба объектҳои инфрасохторие, ки дар ҳудуди хоҷагии деҳқонӣ аз тарафи давлат сохта мешаванд роҳ, хатҳои барқ, обрасонӣ, алоқа ва шабакаҳои ирригатсионию мелиоративӣ дохил мешаванд. Истифодаи ин объектҳои инфрасохторӣ аз ҷониби хоҷагии деҳқонӣ бо риояи талаботи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад.

Бо қарори Ҳукумати ҶТ «Тартиб ва шартҳои озод намудани хоҷагиҳои деҳқонӣ аз пардохти пайваст кардани иқтидори қувваи барқ, обрасонӣ (бе истифодаи иншоот ё дастгоҳҳои техникӣ)» аз 30 декабри соли 2009, № 702 [10] тасдиқ шудааст, ки масъалаи аз ҷониби давлат дар ҳудуди хоҷагии деҳқонӣ сохтани объектҳои инфрасохторӣ муайян намудааст. Пайвасткунии хоҷагиҳои деҳқонӣ ба иқтидорҳои қувваи барқ ва обрасонӣ ба таври ройгон мавриди амал қарор мегирад. Бахри ба расмиятдарорӣ ва омода намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гирифтани шартҳои техникӣ ва озод намудани хоҷагиҳои деҳқонӣ аз пардохти пайваст кардан ба иқтидори қувваи барқ, обрасонӣ (бе истифодаи иншоот ё дастгоҳҳои техникӣ) шахси мутассадии хоҷагӣ бояд тибқи тартиб ва шартҳои зерин амал намояд:

а) ба унвони ташкилоти таъминкунандаи қувваи барқ ва идораи хоҷагии об бо аризаи хаттӣ муроҷиат намуда, ба он нусхаи шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ё шаҳодатнома дар бораи

бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ пешниҳод намояд;

б) дар ариза ҳаҷми зарурии истифодашавандаи ҳар кВт тавоноии таҷҳизоти барқии пайвастшаванда ва ҳаҷми истифодаи обро зикр намояд;

в) ташкилоти таъминкунандаи қувваи барқ ва идораи хоҷагии об тибқи аризаи воридгардида дар муҳлати на дертар аз 3 рӯз бояд пешниҳодоти техникӣ нисбат ба барқ ва шартномаи обрасониро тайёр намоянд;

г) дар пешниҳодот мушаххасан иншоот (объект)-и ба низоми энергетикӣ пайвастшаванда ва қитъаи замине, ки обёрӣ мешавад, бояд нишон дода шавад;

Шартҳои техникӣ барои пайваст намудани иншоот ва таҷҳизоти барқии тавоноияшон то 5 кВт аз ҷониби шабакаҳои барқии шаҳру ноҳияҳо ва зиёда аз он аз ҷониби Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» дода мешавад. Хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳангоми пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқӣ бояд риояи ҳатмии Қоидаҳои истифодаи қувваи барқ ва гармиро, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 6 марти соли 1998, № 84 [11] тасдиқ шудааст, таъмин намоянд.

Дар баробари ин дар м. 34 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» дигар шакли хосси дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст. Дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ метавонад бо ҷойгиронии фармоиши давлатии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин тибқи барномаҳои мақсаднок, ки аз ҷониби Ҳукумати ҶТ қабул карда мешаванд, амалӣ мегардад. Субъекти амаликунандаи дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ мақомоти ваколатдори давлатии муайяннамудаи Ҳукумати ҶТ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ба сифати мақомоти ваколатдори давлатии амаликунандаи дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ дар шароити муосир дар кишвар ин Вазорати кишоварзии ҶТ ва сохторҳои он дар воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ба ҳисоб меравад.

Дар Барномаи ислоҳоти кишоварзии ҶТ барои солҳои 2012-2020, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 августи соли 2012, № 383 тасдиқ шудааст, зикр гардидааст, ки барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ба якчанд принсип, ба монанди таъмини ҳуқуқҳои истифодабарии замину об, таъмини «озодии интихоби зироатҳои парваришшаванда» ва таъмини танзими бозор, таҳвили одилона ва устувори маҳсулоти кишоварзӣ ва хизматрасониҳо асос меёбад. Дар асоси ин принсипҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ зарур аст, ки ба маблағгузорӣ ва қарзҳо дастрасӣ дошта бошанд.

Тибқи ин барнома душвориро тавассути пешбинии фаъолият дар ҳамкорӣ бо бонкҳои тиҷоратии дахлдор (бо роҳи таҳияи муқаррароти зарурӣ) бобати одилона ҷудо кардани маблағҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ҷиҳати таҳким ва рушди минбаъдаи дастрасӣ ба қарзҳои хурд ҳал намояд. Як қатор ташкилотҳои ғайридавлатӣ системаҳои ҷамъиятии қарздиҳиро (ташкилотҳои қарздиҳии хурдро) таъсис додаанд, ки фаъолияти самарабахш доранд ва онҳоро ба сифати таҷрибаи пешқадам мисол овардан мумкин аст. Ғайр аз ин, рушди кооперативҳои қарздиҳии кишоварзӣ дар асоси таҷрибаи минтақавӣ ва дигар намудҳои фаъолият имкон медиҳад, ки ба хоҷагиҳои декқонӣ дастрасӣ ба кредитҳо ва қарзҳои қобили қабул таъмин карда шавад.

Ҳамчунин Барномаи ислоҳоти кишоварзии ҶТ барои солҳои 2012-2020 ба таҳияи механизмҳои додани чунин қарзҳои имтиёзнок эътибори ҷиддӣ медиҳад:

– қарзҳои кӯтоҳмуҳлати ба муддати то 1 сол додашаванда: ба ташкилотҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, аз он ҷумла ба соҳибкорони инфиродӣ барои хариди маводи сӯхт ва равғанҳои молиданӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва мавод барои таъмири техникаи хоҷагии қишлоқ, нуриҳои минералӣ, воситаҳои ҳифзи растанӣ, хӯрока, маводҳои бойторӣ ва дигар захираҳои моддӣ ҷиҳати гузаронидани корҳои мавсимӣ, харидани ҷавонаи чорвои кишоварзӣ ва пардохти саривақтии маблағҳои суғуртавӣ ҳангоми суғуртаи маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин қарзҳо ба корхонаҳое, ки новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон коркарди ибтидоӣ ва минбаъдаи маҳсулоти кишоварзиро анҷом медиҳанд, бояд дода шаванд;

– қарзҳои сармоягузории (заёмии) ба муҳлати то 5 сол додашаванда: ба ташкилотҳои кишоварзӣ ва ташкилотҳои новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, ки коркарди ибтидоӣ ва минбаъдаи маҳсулоти кишоварзиро анҷом

медиҳанд, хоҷагиҳои деҳқонӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ барои хариди таҷҳизот (истеҳсоли хориҷӣ) гузаронидани мошинҳои боркаш, трактору мошинҳои хоҷагии қишлоқ ба сӯзишвории газӣ, маҳсулоти (маводи) зотӣ, нақлиёти махсусгардонидашуда, техника ва таҷҳизоти махсус, шинонидани ниҳолҳои бисёрсола ва ток, сохтмон ва азнавсозии маҷмааҳои пайвандсозӣ, сохтмон, таҷдид ва навкунии маҷмааҳои (фермаҳои) чорводорӣ, иншооти чорводорӣ ва истеҳсоли хӯроки чорво, анборҳои картошка, сабзавоту мева, маҷмааҳои гармхонаҳо оид ба истеҳсоли маҳсулоти сабзавоту мева, корхонаҳои коркард, нуктаҳои коркарди аввалияи чорво ва шир бо дастгоҳҳои хунуккунанда ва нигоҳдории гӯшту шир, сохтмони иншоотҳои коркарди пурраи зироатҳои кишоварзии дорои протеини зиёд (лубиё, ҷав, ҷуворӣ, рапс, нахӯд).

Дар сурати татбиқи ислоҳот коҳишёбии мунтазами хоҷагиҳои зиёновар аз рӯйи худи ҳамин нишондиҳандаҳо ба назар расида, ҳамасола ин чораҳо ба 15 фоиз афзоиши даромаднокии миёнаи хоҷагиҳо равона мегарданд. Дар охир, системаи миллии суғуртаи ҳосилро бо мақсади ҳифзи манфиатҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, алалхусус хоҷагиҳои деҳқонии хурд ва миёна, дар вақти бухронҳо, офатҳои табиӣ, ноустувории бозор ва чунин ҳодисаҳои дигар инкишоф додан зарур аст. Рушди механизми суғурта имконоти ҳалли мушкилоти алоҳидаро, ки бо талафоти ҳосил алоқаманд аст, медиҳад.

Барномаи мазкур вусъатёбии дастрасии хоҷагиҳои деҳқониро ба майдонҳои бештари заминҳои кишт пешбинӣ намуда, ба ҳамин васила иқтидорҳои истеҳсолиро афзуда, вазъи молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кафолати сармоягузориҳоро аз ҳисоби буҷети давлатӣ устувортар мегардонад. Ҳамчунин ин Барнома ба ҳалли мушкилот бобати норасоии воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва нокифоягии хизматрасониҳои зарурӣ равона гардидааст. Дастрасӣ ба тухмии хушсифат, нурию заҳрхимикатҳои асосӣ, инчунин ба хизматрасониҳои бойторӣ ва хадамотӣ, интишори донишҳои кишоварзӣ (муҳофизати растанӣ, мубориза бо зараррасонҳо ва бемориҳо) аз ҷониби бахши хусусӣ таъмин карда мешавад, давлат бошад, дастуру қоидаҳои дахлдори бозориро муқаррар намуда, масъулияти назорати сифатро ба зиммаи худ мегирад. Таҳия, мусоидат ва татбиқи технологияҳои дахлдор барои таъминоти хоҷагиҳои деҳқонӣ дар вусъат додани истеҳсолот ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат боз ҳам зарууртар аст. Хизматрасонии дастгирии иттилоотии техникӣ беҳад маҳдуд буда, бештар дар ҳолати ҷой доштан бесамар аст ва на танҳо барои хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, балки эҳтимол барои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва қитъаҳои наздиҳавлигӣ зиёдтар маҳдуд аст.

Дар қонунҳои пештар амалкунанда оид ба хоҷагии деҳқонӣ имтиёзу дастгириҳои давлатии мухталиф пешбинӣ шуда буд. Аз ҷумла, дар м. 26 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 19 майи соли 2009, № 526 [12] низоми дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ пешбинӣ шуда буданд, ки онҳо аз низоми муқаррарнамудаи дастгирии давлатии дар Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 марти соли 2016 фарқ менамоянд, ки мувофиқи қонуни пештар барои хоҷагии деҳқонӣ имтиёзҳои зайл муқаррар гардида буд: а) бақайдгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ хусусияти озод дошта, барои бақайдгирӣ маблағ пардохта намешавад; б) бо тартиб ва шартҳои пешбининамудаи Ҳукумати ҶТ аз пардохти пайвасткунии иқтидорҳои қувваи барқ, обрасонӣ (бе ба кор бурдани иншоот ё дастгоҳҳои техникӣ), озод мебошад; в) дар бонкҳои тиҷоратӣ бе пардохт суратҳисоб кушояд; г) аз бонкҳои тиҷоратӣ кредитҳои имтиёзнок гирад; д) аз ҳуқуқи афзалиятнок ҳангоми ҷойгиронии супоришҳо барои эҳтиёҷоти давлатӣ истифода барад; е) аз ҳисоби маблағҳои барои дастгирии соҳибкории хурд ҷудошуда такмили ихтисос ва кадрҳо тайёр намояд; ё) аз дигар имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ истифода барад.

Масъалаҳои молиявӣ оид ба сохтани роҳ, хатти радио, интиқоли қувваи барқ, обтаъминкунӣ, хатти интиқоли газ, телевизион ва мелиоратсияи замин аз ҳисоби воситаҳои буҷети маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ таъмин карда мешавад. Дастгирии давлатии хоҷагиҳои деҳқонӣ метавонад дар дигар самтҳо низ амалӣ карда шавад».

Аз таҳлили конунгузории миллӣ оид ба дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ бармеояд, ки давлат ба рушди ин шакли хоҷагидорӣ диққати ҷиддӣ дода, барои дастгирии давлатии он низоми кафолатҳо ва имтиёзҳоро муқаррар

намудааст. Хоҷагии деҳқонӣ ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ ва шакли мустақили фаъолияти хоҷагидорӣ аз низоми дастгириҳои давлатӣ, ки қонунгузорӣ барои субъектони фаъолияти соҳибкорӣ кафолат додааст, истифода мебарад, дар баробари дар қонунгузорӣ оид ба хоҷагии деҳқонӣ низ маҷмӯи кафолатҳо, имтиёзҳо ва дастгириҳои давлатиро пешбинӣ намудааст. Ҳамчунин таҳлили қонунгузории кишвар дар самти дастгириҳои давлатии хоҷагии деҳқонӣ нишон медиҳад, ки ин дастгириҳои давлатӣ дар сатҳи баланд муқаррар гардидаанд. Пурра дар амал татбиқ намудани низоми дастгириҳои давлатии кафолатдодаи давлат ба рушди ин бахши фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан ба баланд гардидани самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ, зиёд гардидани саҳми он дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва босифатии маҳсулоти истеҳсолнамудаи ин шакли хоҷагидорӣ мусоидат менамояд

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Нишондиҳандаҳои гендерӣ оид ба фаъолияти истеҳсолии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар солҳои 2012-2017 // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Калинин Н. И. Постатейный комментарий к Федеральному закону от 7 июля 2003, № 112-ФЗ «О личном подсобном хозяйстве» // СПС «Гарант».
3. Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. Душанбе: МН Дониш, 2019. – С. 423.
4. Шарифов И.М. Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020. – С. 123.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016. – № 3. – Мод. 142.
6. Исмоилов Ш.М., Муртазоқулов Ҷ.С., Шораҳмонов Ш.Н. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)». – Душанбе, 2017. – С. 43.
7. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – № 7, қ. 2. – Мод. 404; 2015. – № 3. – Мод. 216; 2017. – № 1436.
8. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2007. – № 3. – Мод. 174; 2008. – № 12, қ. 2. – Мод. 1007.
9. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №7, қ. 2. – Мод. 404; 2015. – № 3. – Мод. 216; 2017. – № 1436.
10. Қарори Ҳукумати ҶТ «Тартиб ва шартҳои озод намудани хоҷагиҳои деҳқонӣ аз пардохти пайваст кардани иқтидори қувваи барқ, обрасонӣ (бе истифодаи иншоот ё дастгоҳҳои техникӣ)» аз 30 декабри соли 2009, № 702 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 29.07.2020).
11. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи қоидаҳои истифодаи қувваи барқ ва гармӣ» аз 6 марти соли 1998, № 84 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 29.07.2020).
12. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – № 5. – Мод. 333.

**Аннотатсия**

**Танзими ҳуқуқии дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст. Ҳамчунин намудҳои дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ дар мақолаи мазкур мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф бо мақсади такмили қонунгузории дастгирии давлатии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ самтҳои ояндаи такмили қонунгузории соҳаи мазкурро пешбинӣ намудааст.

**Аннотация**

**Правовое регулирование государственной поддержки дехканского (фермерского) хозяйства как субъекта предпринимательской деятельности в соответствии с законодательством Республики Таджикистан**

В данной статье анализируются правовые основы государственной поддержки дехканского (фермерского) хозяйства как субъекта предпринимательской деятельности в соответствии с законодательством Республики Таджикистан. Также были изучены виды государственной поддержки дехканского (фермерского) хозяйства как субъекта предпринимательской деятельности. Автором для совершенствования законодательства о государственной поддержке дехканского (фермерского) хозяйства как субъекта предпринимательской деятельности рекомендованы конкретные предложения.

**Annotation**

**Legal regulation of state support of the dehkan (farm) economy as a business entity in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan**

This article analyzes the legal basis for state support of the dehkan (farm) economy as a business entity in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan. The types of state support for the dehkan (farm) economy as a business entity were also studied and investigated in this article. The author provides further directions for improving the legislation on state support for dehkan (farmer) farms as a business entity



**Қодиров Некрӯз Абдулмаҷидович,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*E-mail: master.nek@mail.ru*
*Тел.: (+992) 905-80-86-86*

# ОДАТИ САВДОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР МИСОЛИ “LEX MERCATORIA”

***Калидвожаҳо:*** *одат, одатҳои савдоӣ, lex mercatoria, одатҳои миллӣ, одатҳои байналмилалӣ, хусусияти одатҳои тиҷоратӣ.*

***Ключевые слова:*** *обычаи, торговые обычаи, lex mercatoria, национальные обычаи, международные обычаи, особенности торговый обычаев.*

***Keywords:*** *custom, trade custom, lex mercatoria, national customs, international customs, features of entrepreneurial customs.*

Барои доктринаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавқеи то имрӯз одатӣ боқӣ мемонад, ки мутобиқи он одатҳои савдои байналмилалӣ ба сифати унсури ҷудонопазири «ядрои lex mercatoria» баррасӣ карда мешаванд ва дар қатори таҷрибаи умумии тиҷоратӣ ҳамчун сарчашмаҳои асосии он эътироф мегарданд. Ҳамзамон оид ба масъалаи таносуби одатҳо ва lex mercatoria, ки начандон ба табиати ҳуқуқии падидаҳои зикршуда мутобиқат мекунад ва барои ҳамин на ҳама вақт асоснок мебошад.

Ба андешаи Ф.С. Сулаймонов ҳуқуқи савдоӣ ҳамчун маҷмӯи меъёрҳои одатӣ (одатҳои савдоӣ) (Lex mercatoria) ҷиҳати ба танзим даровардани муносибатҳои савдоӣ дар табақавӣ будани онҳо зоҳир гардида, муносибатҳои ҷамъиятиеро ба танзим медарород, ки иштиркчиёни асосии онҳо савдогарон мебошанд [1, с. 23-39]. Воқеан одатҳои савдоро худи савдогарон ташкил кардаанд. Баъдан одатҳои савдоӣ аз ҷониби Палатаи байналмилалии савдоӣ дар шакли маҷмаа ҷамъоварӣ гардида, инкотермс номгузорӣ шудааст. Инкотермс Incoterms ин истилоҳи кӯтоҳкардашудаи International Commercial Terms, яъне қоидаҳои (истилоҳҳои) байналмилалии тиҷоратӣ мебошад.

Дар робита ба ин, барои ифода кардани хулосаи дуруст аз рӯи проблемаи бардошташуда, ба андешаи мо, зарурати дар мадди аввал муайян намудани моҳияти худи lex mercatoria – меъёрияти ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқии он ҷой дорад.

Таҳлили адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ дар иртибот ба табиати ҳуқуқии lex mercatoria имкон медиҳад ду муносибати асосӣ нисбати падидаи баррасишаванда ҷудо карда шавад: 1) lex mercatoria ба сифати низоми ҳуқуқии мукаммал эътироф мегардад, ки тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои байналмилалии тиҷоратиро дар бар мегирад ва татбиқи ҳуқуқи миллиро истисно менамояд (Б. Голдман, К.П. Бергер, Д. Якобсон, М. Мастил, Г. Берман, Ф. Дассер, О.В. Мата, О.В. Аблезгова); 2) lex mercatoria низоми мустақили ҳуқуқро рад менамояд, вале имконияти истифодаи онро ба сифати алтернатива ва ё илова ба ҳуқуқи татбиқшаванда қайд мекунад (А. Лоунфельд, Х. Хуттэ, О. Ландо, К. Хайет, Р. Гуд, А.Кассис, Б. Вортманн, В.П. Звеков, Л.А. Лунц, Н.И. Марышева, Г.М. Вельяминов).

Яке аз ҷонибдорони фаъоли муносибати якум ба моҳияти lex mercatoria Голдман Б. иброз медорад, ки он дар худ «низоми ҳуқуқии ташкилотҳои байналмилалии тиҷоратиро мемонад, ки аз тарафи иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалии савдоӣ новобаста аз низомҳои ҳуқуқии миллӣ ташкил карда мешавад» [2, с. 36]. Бо ин ҳол, мавҷудияти ҳуқуқи ғайримиллӣ, фаромиллӣ ва низоми ҳуқуқии волотар аз миллӣ эътироф карда мешавад, ки дар саҳнаи ҳуқуқии он тарафҳои

аҳди байналмилалӣ, новобаста аз он, ки онҳо ҳуқуқи нисбати муносибатҳояшон татбиқшавандаро интихоб намудаанд ё не, қарор мегиранд.

Дар пайи Б. Голдман оид ба lex mercatoria ҳамчун низоми ҳуқуқии мустақили воломиллии сеюм, ки миёни ҳуқуқи миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ мавқеъ гирифтааст ва аз тарафи қувваҳои меъёрэҷодкунандаи иттиҳодияҳои байналмилалии тиҷоратӣ ташаккул ва инкишоф меёбад» инчунин К.П. Бергер менависад. Ба монанди Гудо Р., Ландо О. ва Лоунфелд А., ӯ низ ба сифати сарчашаи асосии lex mercatoria одатҳои савдои байналмилалиро эътироф карда, бо назардошти табиати аз давлат мустақили ин низоми ҳуқуқӣ, дар хусуси моҳияти ғайридавлатии танзимкунандаҳои ташкилдиҳандаи lex mercatoria (аз ҷумла одатҳои савдои байналмилалӣ) хулосабарорӣ менамояд [3, с. 538]. Муаллифони дигар дар ин самт дуртар рафта, табиати одатӣ доштани lex mercatoria-ро эътироф намуданд ва мазмуни онро мутлақо одати савдои байналмилалӣ эълон карданд.

Берман Г. ва Дассер Ф. нуқтаи назари ба ин монандро ҷонибдорӣ карда, қайд менамоянд, ки lex mercatoria маҷмӯи ҳуқуқҳои савдоии байналмилалӣ ва ё фаромарзиро мемонад, ки дар он тамоми низомҳои ҳуқуқии миллӣ, ки нисбати хариду фурӯши байналмилалӣ таҳти татбиқнамоӣ қарор доранд, ҷамбаст шудаанд; мурoҷиат намудан ба ин ҳуқуқ зарур дониста мешавад, вақте ки ҳуқуқи миллии татбиқшаванда қоидаеро дар бар мегирад, ки он ба одати байналмилалии тиҷоратӣ мухолифат менамояд [4, с. 55-56].

Г.П. Каллис падидаҳои баррасишавандаро таҳлил намуда, мафҳуми зерини lex mercatoria-ро истифода мебарад: «ин категояи сеюми ҳуқуқҳо, як навъ чизе, ки миёни ҳуқуқи одатии миллӣ ва байналмилалӣ қарор дорад, низоми ҳуқуқи мухтор мебошад, ки ба принсипҳои заминавии ҳуқуқ асос ёфта, бо роҳи таҳлили муқоисавии мафҳумҳои умумии низомҳои ҳуқуқии миллӣ (масалан, принсипҳои УНИДРУА ва ҳуҷҷатҳои ба он монанд) ҳосил шудааст, инчунин ба одатҳо ва санадҳои ташкилотҳои байналмилалии тиҷоратӣ (масалан, шаклҳои стандартии шартномаҳо, шартҳои умумӣ ва ғ.) такя намуда, бо арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ таъмин гардидааст».

Гайлард С. ҳам, дар нисбати lex mercatoria сифати низоми ҳуқуқиро эътироф менамояд, ки ба чунин аломатҳои ба низоми ҳуқуқии баррасишаванда хос, ба монанди қонуният, мавҷудияти сохтори мушаххас, имконияти инкишофи минбаъда ва пешгӯишаванда ишора менамояд [5, с. 65]: 1) холигиҳои дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ ҷойдошта, баъзан ба принсипҳои умумии ҳуқуқ, ба lex mercatoria ҳавола менамоянд; бо назардошти чунин ҳолат, lex mercatoria барои танзими муносибатҳои иқтисоди хориҷӣ, нисбат ба ҳама гуна низоми ҳуқуқии дигар дорои иқтидори зиёдтар мебошад; 2) дар lex mercatoria мавҷуд будани сохтори мушаххас дар шакли кодификатсияи дар солҳои навадум анҷомёфта дар намуди Принсипҳои УНИДРУА, Принсипҳои Ҳуқуқи Аврупоии Шартномавӣ, Принсипҳо, Қоидаҳо ва Стандартҳои Lex Mercatoria, ки аз тарафи Марказ оид ба Ҳуқуқи фаромарзӣ (CENTRAL) таҳия гардидаанд, ифода меёбад; 3) аломати дигари низоми ҳуқуқ – эҳтимолияти инкишофи минбаъдаи он – дар иртибот ба lex mercatoria дар он ифода меёбад, ки кодификатсияҳои гузаронидашудаи сарчашмаҳои асосии он барои ҳамешагӣ шахшуда боқӣ намемонанд, балки мунтазам бо назардошти талаботҳои актуалии таҷрибаи савдоӣ бознигарӣ ва такмил дода мешаванд (масалан, Инкотермс); 4) lex mercatoria дараҷаи баланди пешбинишавандагиро соҳиб аст, чунки дар ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ қонунгузор меъёрҳои ҳуқуқро на «истеҳсол», балки бештар онҳоро ба таҷрибаи ташаккулёфта мутобиқ гардонда, «таҷдид» менамояд; дар ин муносибат lex mercatoria бинобар сабаби тобоварии принсипҳо ва мавҷуд набудани расмиёти давлатӣ ҳангоми ворид намудани тағйирот, нисбат ба ҳуқуқи дохилӣ афзалияти беандозаро соҳиб аст.

А.С. Комаров андешаҳои ҷонибдорони муносибати якумро вобаста ба моҳияти lex mercatoria дар маҷмӯъ таҳлил карда, дар хусуси имконияти тавзеҳ додани ин падида ҳамчун низоми меъёрии мухтор дар ду маъно

– васеъ ва маҳдуд хулосабарорӣ менамояд. Дар маънои маҳдуд ба таркиби lex mercatoria «принсипҳои аз тарафи низомҳои ҳуқуқии миллӣ умумиэътирофшуда ва одатҳои савдоӣ» дохил карда мешаванд; тафсири васеи lex mercatoria талаб менамояд, ки ба сифати сачашмаҳои он тамоми принсипҳо ва қоидаҳои ҳуқуқӣ, ки дар низоми ҳуқуқи миллӣ мавҷуд намебошанд (Принсипҳои УНИДРУА, Принсипҳои ҳуқуқи аврупоии шартномавӣ, ҳуҷҷатҳои ПСБ) муайян карда шаванд [6, с. 28].

Чи тавре қаблан қайд шуда буд, на ҳамаи ҳуқуқшиносон назария худро нисбати lex mercatoria дар мустаҳкам намудани сифати низоми ҳуқуқи мухтор ҷонибдорӣ менамоянд. Ҳамчунин мухолифони мавқеи дар боло зикршуда низ ҷой доранд, ки дар хусуси падидаи таҳқиқшаванда ҳамчун «мухторияти тахаюлии lex mercatoria» ҳарф мезананд, ки танҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ мавҷуд мебошад ва аҳамияти амалиро соҳиб нест. Чунончи, бахусус, яке аз онҳо, Х. Хуттэ қайд менамояд: ҳанӯз дар хусуси мавҷудияти lex mercatoria-и универсалӣ ҳарф задан бармаҳал аст, дурусттараш мешавад, агар оид ба мавҷудияти низомҳои зиёди lex mercatoria вобаста ба хусусияти хосси соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ ё ин ки хусусиятҳои хосси маъмурию ҳудудӣ сухан ронем. Барои асоснок намудани нуқтаи назари худ, муаллиф ба шумораи ками меъёрҳои универсалие ишора менамояд, ки татбиқ намудани онҳо нисбати ҳама гуна намуди қарордод имконпазир мебошад ва онҳо аз тарафи на гурӯҳҳои алоҳида, ки фаъолияти худро дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон амалӣ менамоянд, балки ташкилотҳои байналмилалии тиҷоратӣ эътироф шудаанд.

Дар маҷмӯъ далели асосӣ барои дастгирии консепсияи lex mercatoria ба сифати низоми ҳуқуқи мухтор аз инҳо иборат мебошад:

– нотавонии меъёрҳои lex mercatoria дар иваз намудани ҳуқуқи миллӣ ҳамчун низоми ҳуқуқӣ. Танҳо низоми ҳуқуқии миллӣ метавонад ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳоро муайян намояд ва иҷрои онҳоро таъмин намояд. Ҳатто, агар тарафҳо муносибатҳои худро ба Принсипҳои УНИДРУА тобеъ намоянд ҳам, вале ин танҳо маънои онро дорад, ки онҳоро ба қарордод дохил (ҳамроҳ) мекунанд. Нисбати қарордод, мисли қабл ҳуқуқи миллие татбиқ карда мешавад, ки дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мамлакати суд интихоб шудааст;

– дар lex mercatoria мавҷуд набудани хусусияти низомнокӣ ва иерархиявӣ: сарчашмаҳои он бениҳоят гуногун буда, ба ҳамдигар тобеъ нестанд, ки ин ба номушаххасӣ ва рахнагӣ оварда мерасонад. Масъала оид ба сарчашмаҳои lex mercatoria ҳам дар илми хориҷӣ ва ҳам ватанӣ баҳсбарангез боқӣ мемонад. Дар робита ба ин, айни замон ҳатто ташаккул додани номгӯи мушаххаси чунин сарчашмаҳо имконнопазир менамояд, ки бешак ҷараёни ҳуқуқтатбиқнамоиро мураккаб мегардонад.

Дар асоси гуфтаҳои боло хулосаи зерин мақсаднок ба назар мерасад: мавҷуд набудани шартҳои муҳим, инчунин фишурдагӣ, порчавӣ ва бенизомии lex mercatoria имкон намедиҳад, ки айни замон он ба сифати низоми ҳуқуқӣ баррасӣ карда шавад. Ба андешаи мо, падидаи мазкур, гарчанде мавҷудияти онро тахмин намояд ҳам, вале дар статуси дигар, масалан, ба сифати «субҳуқуқ», «ҳуқуқи квазибайналмилалӣ» ва ё «низоми ҷуфтҳуқуқӣ» («paralegal law»), ки аломатҳои низоми ҳуқуқиро соҳиб намебошанд, вале ҳамзамон ба муносибатҳои дар соҳаи муомилоти фаромарзии савдоӣ бавуҷудоянда, таъсири меъёрии муҳим мерасонад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки сарчашмаҳое, ки lex mercatoria-и ғайриҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ҳамчунин хусусияти ғайриҳуқуқӣ доранд, ки дар робита ба ин қонунӣ будани ба таркиби падидаи баррасишаванда, дохил намудани одатҳои савдои байналмилалиро зери шубҳа қарор медиҳад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи граждани ва савдоии мамлакатҳои хориҷӣ (маҷмааи таълимию методӣ). – Душанбе: Эр-граф, 2014. – 200 с.
2. Goldman B. The Applicable Law: General Principles of Law – Lex Mercatoria // Contemporary Problems of International Arbitration / In J. Lee (ed) Contemporary Problems of International4. Arbitration. London, Center for Commercial Law Studies. 1986. – P. 114. / Цит. по: Карсакова Н.А. Теория lex mercatoria в юридической доктрине и практике: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 36.
3. Berger K.P. International economic arbitration. – Boston: Kluwer law and taxation publishers deventer, 1993. – P. 538.
4. Berman H.J., Dasser F.J. The “New” Law Merchant and the “Old”: Sources, Content, and Legitimacy // Lex Mercatoria and Arbitration. A Discussion of the New Law Merchant. – P. 55-56.
5. Gailard Emmanuel. Transnational law: a legal system or a method of decision // The international arbitration. Volume 17. – № 1, 2001. – P. 65.
6. Houtte H.V. The Law of International Trade. London: Sweet and Maxwell, 1995.– P.28.



**Аннотатсия**

**Одати савдои байналмилалӣ дар мисоли lex mercatoria**

Дар мақола муаллиф масъалаҳои назариявии одатҳои савдоӣ lex mercatoria-ро баррасӣ намуда, аҳамияти амалии онро ҳамчун маҷмӯи ҳуқуқҳои савдоии байналмилалӣ ва фаромарзиро зарур дониста, таҳлили илмӣ намудааст.

**Аннотация**

**Международно-торговые обычаи на примере lex mercatoria**

В данной статье автор рассматривает теоретические проблемы торговых обычаев lex mercatoria и его практическую значимость, как систему международно-правовой и транснациональной торговли, а также наряду с этим был проведен научный анализ.

**Annotation**

**International trade customs in lex mercatoria**

In the report the author analyzed the theoretical issues of trade custom lex mercatoria that practical safety and knew that as general international trade law and extraterritorial and made it scientifically analyze.


## 12.00.05 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ

## 12.00.05 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ



**Бобокалонов Ғоиб Мерганович,**
*сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқӯқшиносӣ, дотсент.*
*E-mail: bgoib@mail.ru*
*Тел.: (+992) 907-94-87-73.*

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТИИ МАЪЮБОН ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқҳои маъюбон; кормандони маъюб; ҳифзи иҷтимоии маъюбон; муносибатҳои меҳнатии маъюбон; бокортаъминкунии маъюбон; таъмини шуғлмандии маъюбон.*

***Ключевые слова:*** *права инвалидов; работники инвалиды; социальная защита инвалидов; трудовые отношения инвалидов; трудоустройство инвалидов; обеспечение занятости инвалидов.*

***Keyword:*** *rights of disabled people; disabled workers; social protection of disabled people; labor relations of disabled people; employment of disabled people; provision of employment for disabled people.*

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул шудаанд, ки амалӣ намудани меҳнати маъюбон, шарту шароитҳои меҳнатии кормандони маъюб ва умуман асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии таъминоти ҳифзи иҷтимоии маъюбонро муайян менамоянд.

Мутобиқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 29 декабри соли 2010, №675), барои маъюбоне, ки кор мекунанд, аз ҷониби корфармоёни онҳо мутобиқ ба барномаи инфиродии тавонбахшии маъюбон шароити зарурии меҳнат фароҳам оварда мешавад. Имтиёзҳои иловагии маъюбон вобаста ба давомнокии кӯтоҳи вақти корӣ, рухсатиҳои иловагӣ, инчунин дигар кафолатҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим даровард мешаванд.

Муқаррароти моддаи зикргардида ба ҳуқуқҳои маъюбон дар муносибатҳои меҳнатӣ бахшида шуда, меъёрҳои он хусусияти ҳаволакунанда доранд. Яъне амалӣ намудани ҳифзи меҳнати онҳоро ба силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ба КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳавола мекунад.

Фасли III КМ ҶТ хусусияти танзими меҳнати гурӯҳи алоҳидаи кормандон номгузорӣ гардида, бобҳои 15 – 28-ро, ки аз моддаҳои 207 – 288 иборатанд, дарбар гирифта, боби 24 он ба хусусияти танзими меҳнати маъюбон бахшида шудааст.

Дар боби 24 КМ ҶТ бошад, сухан дар бораи хусусияти танзими меҳнати маъюбон меравад, ки амалӣ намудани ҳуқуқи маъюбон ба меҳнат, шароити меҳнати кормандони маъюб, давомнокии вақти кӯтоҳи кории маъюбон, маҳдудияти истифодаи ҷамъи вақти кори баҳисобгирифташуда барои кормандони маъюб, маҳдудияти кори шабона, изофакорӣ, кор дар рӯзҳои истироҳат ва иди ғайрикорӣ, фиристодани кормандони маъюб ба сафари хизматӣ ва пешниҳоди рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда ба корманди маъюбро (моддаҳои 258-263) дар бар мегирад [1, с.1120].

Дар қисми 1 моддаи 258 КМ ҶТ дар хусуси амалӣ намудани ҳуқуқи маъюбон меъёр пешбинӣ шудааст.

Бокортаъминкунии маъюбон мутобиқи барномаи офияти фардии барои маъюбони гурӯҳи I, II, III таҳияшуда ва чун қоида, аз ҷониби роҳбари ташкилоте, ки дар он кормандон қисман қобилияти меҳнатии худро аз даст додаанд, ба амал бароварда мешавад.

Дар сурати мавҷуд набудани шароит барои дар ин ташкилот давом додани кор, мусоидат намудан ҷиҳати бокортаъминкунии маъюбон ба зиммаи мақомоти дахлдори шуғли аҳолӣ гузошта мешавад.

Мутобиқи моддаи 26 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 29 декабри соли 2010, №675 ба маъюбон тавассути баргузор намудани чорабиниҳои махсус, ки дараҷаи рақобатпазирии онҳоро дар бозори меҳнат баланд мебардоранд, кафолати шуғли меҳнатӣ пешбинӣ шудааст. Якум, дар ташкилотҳои новобаста аз шакли моликиятдорию идоракунӣ ва ташкилию ҳуқуқиашон барои ба кор қабул намудани маъюбон квотаҳо ҷудо гардида, ҳадди ақалли теъдоди ҷойҳои махсуси корӣ муқаррар карда мешаванд. Дуюм, ҳавасмандгардонии ташкилотҳо барои таъсис додани ҷойҳои иловагии корӣ (аз ҷумла ҷойҳои махсуси корӣ) ҷиҳати бокортаъминкунии маъюбон. Сеюм, фароҳам овардани шароити меҳнати мутобиқ ба барномаҳои инфиродии тавонбахшии маъюбон.

Бояд тазаккур дод, ки баҳри бокортаъминкунии самараноки маъюбон мутобиқи барномаи офияти фардӣ, ки аз ҷониби Комиссияи ташхиси тиббию иҷтимоӣ мураттабшуда, иҷроишаш ҳатмист, барои онҳо рӯзи нопурраи кори шашсоата ё ҳафтаи кории сисоата, бидуни кам кардани музди меҳнат, муқаррар карда мешавад. Чорум, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкории маъюбон.

Баҳри дар амал татбиқ намудани талаботи Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон имкон фароҳам меорад, ки масъалаҳои вобаста ба дастрасии бемамонияти маъюбон ба фаъолияти соҳибкорӣ то андозае тавассути фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба татбиқи чорабиниҳои пешбининамудаи барномаҳои давлатӣ ва ҳудудии рушди соҳибкорӣ равона карда шудаанд, ҳалли худро ёбанд. Зеро маъюбон узви комилҳуқуқи ҷомеа буда, таҳти ҳимоя ва дастгирии давлат қарор доранд. Панҷум, ташкил намудани омӯзиши касбҳои нав барои маъюбон. Мутобиқи банди 9 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ» аз 2 апрели соли 2009 №181, дар ҳолати истифода нашудани ҷойҳои кории ба тариқи квота муқарраршуда аз ҷониби мақомоти шуғли аҳолӣ касбомӯзонӣ ва бозомӯзонии ин гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ аз рӯи ихтисос ва касбҳои зарурӣ гузаронида шуда, онҳоро тибқи квотаи муқарраршуда ба ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ мефиристанд.

Инчунин, ба мақсади таъмини шуғлмандии маъюбон, барои тамоми ташкилотҳои шумораи кормандонашон на камтар аз 20 нафар, квота дар ҳаҷми 5 фоизи шумораи умумии кормандони ташкилот пешбинӣ шудааст. Вобаста ба ин ҳадди ақалли теъдоди ҷойҳои махсуси корӣ барои бо кор таъмин кардани маъюбон ба ҳар як ташкилот дар доираи квотаи муқарраргардидаи ба кор қабул намудани маъюбон муайян карда мешавад.

Бо дарназардошти ниёзмандии маъюбон ва хусусиятҳои маҳал, баҳри истифодаи меҳнати маъюбон, ташкилотҳои (сеххо ва қитъаҳои) махсус сохта мешаванд.

Ҳаминро бод қайд намуд, ки қонунгузор кафолату имтиёз ва афзалиятҳоро маҳдуд накарда, ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои ҷузъии (локалии) ташкилот, ҳавола медиҳад. Масалан, дар созишномаю шартномаҳои коллективӣ ва фардии меҳнатӣ барои маъюбони коркунанда дигар имтиёзу афзалиятҳо низ пешбинӣ шуданашон мумкин аст.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 258 КМ ҶТ даст кашидан аз бастани шартномаи меҳнатӣ, гузаронидан ба кори дигар ва тағйир додани шароити меҳнат бо сабаби маъюбӣ, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки хусусиятҳои истисноиро доро мебошанд, мумкин нест. Вобаста ба ин якчанд омилҳоеро номбар намудан лозим меояд, ки хусусиятҳои истисноӣ дошта, тибқи хулосаи тиббӣ барои иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ ба маъюб монеагӣ мекунанд, масалан:

-омилҳои физикӣ (садои шиддатнок, ларзиш, ҳарорати ҳаво, намнокӣ, рутубати ҳаво, шуоъҳои электромагнитӣ, таасуроти барқӣ ва ғайра);

-омилҳои кимиёвӣ (гардолудшавӣ дар минтақаҳое, ки боду ҳавои захрнок доранд ва ғайра);

-омилҳои биологӣ (микроорганизмҳои касалиовар ва маҳсули фаъолияти ҳаётии онҳо);

-омилҳои ҷисмонӣ (озори ҷисмонии корманд ҳангоми бардоштан, кашонидан, аз як ҷой ба ҷойи дигар кӯчонидани бори вазнин, кор дар ҳолати ноқулай қарор доштани корманд ва гаштугарди тӯлонӣ);

- озори асабӣ-равонӣ (эҳсосотӣ, зеҳнӣ, кори якзайли дилгиркунанда, кор дар басти шабона, давомнокии тӯлонии рӯзи корӣ).

Мутобиқи қисми 1 моддаи 259 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи шароити меҳнати кормандони маъюб меравад, шароити меъёрбандӣ, пардохт ва ҳифзи меҳнат, реҷаи корӣ, тартиби якҷоя кардани касбҳо (мансабҳо), шароитҳои техникӣ, санитарӣ, гигиенӣ, истеҳсолӣ-маишӣ, инчунин дигар шароитҳо бо мувофиқаи тарафҳои шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ наметавонанд ҳолати кормандони маъюбро бад намоянд ё ҳуқуқи онҳоро дар муқоиса бо дигар кормандон маҳдуд намоянд.

Қисми 2 моддаи 259 КМ ҶТ манъи истифодаи меҳнати маъюбонро дар корҳои вазнин, кор бо шароитҳои зарарнок ва хавфноки меҳнат пешбинӣ намудааст.

Мутобиқи қисми 3 моддаи 259 КМ ҶТ ба маъюбоне, ки кор мекунанд метавонад кафолатҳои иловагӣ, ки КМ ҶТ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишнома, шартномаҳои коллективӣ, шартномаи меҳнатӣ ва санадҳои корфармо муқаррар намудаанд, дода шаванд.

Қисми 4 моддаи 259 КМ ҶТ ҳатмӣ будани хулосаи тиббӣ дар бораи реҷаи нопурраи вақти корӣ, кам кардани ҳаҷми кор ва дигар шароити меҳнати маъюбонро барои иҷрои корфармо пешбинӣ менамояд.

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тақозо менамоянд, ки зимни муайян намудани реҷаи кор ва реҷаи дамгирӣ, тарафҳо набояд аз ҳадди меъёри вақти кории муқаррарнамудаи қонун гузаранд.

Мутобиқи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 260 КМ ҶТ ба маъюбони гурӯҳҳои I ва II вақти кори давомнокияш кӯтоҳ пешбинӣ шудааст, ки он аз 36 соат дар як ҳафта зиёд буда наметавонад. Музди меҳнати маъюбони гурӯҳҳои I ва II баробар дар сатҳи музди меҳнати расман муқарраршуда кафолат дода мешавад. Вақте, ки дар давоми он маъюбони гурӯҳҳои I ва II тибқи қоидаҳои тартиботи дохилӣ, реҷаи корӣ ва ё шартҳои шартномаи меҳнатӣ уҳдадориҳои меҳнатии худро бояд иҷро намоянд, дар як басти корӣ (кори ҳаррӯза) набояд аз 6 соат зиёд бошад.

Моддаи 261 КМ ҶТ маҳдудияти истифодаи ҷамъи вақти кори баҳисобгирифташуда барои кормандони маъюбро пешбинӣ намудааст.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 261 КМ ҶТ барои кормандони маъюби гурӯҳҳои I ва II истифодаи ҷамъи вақти кори баҳисобгирифташуда роҳ дода намешавад.Баҳисобгирии ҷамъулҷамъии вақти корӣ дар ҳолатҳое ҷорӣ карда мешавад, ки агар риоя намудани давомнокии барои гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон муқарраршудаи рӯз ё ҳафтаи корӣ, ғайриимкон бошад. Чи тавре дар боло зикр гардид, моддаи 260 КМ ҶТ давомнокии мушаххаси рӯз ва ҳафтаи кории маъюбони гурӯҳҳои I ва II-ро муайян намудааст.

Тибқи қисми 2 моддаи 261 КМ ҶТ бошад, ба кормандони маъюби гурӯҳи III ҷамъи вақти кории баҳисобгирифташуда муқаррар карда намешавад, агар чунин реҷа бо нишондодҳои тиббӣ манъ карда шуда бошад. Аз матни қисми 2 моддаи 261 КМ ҶТ чунин хулоса бардоштан мумкин аст, ки қонун ҷорӣ намудани реҷаи баҳисобгирии ҷамъулҷамъи вақти кориро нисбати кормандони маъюби гурӯҳи III комилан истисно намекунад. Агар чунин реҷаи вақти кори кормандони маъюби гурӯҳи III бо нишондодҳои тиббӣ манъ нашуда бошад, дар он сурат нисбати чунин маъюбони коркунанда татбиқ намудани баҳисобгирии ҷамъулҷамъи вақти корӣ имкон дорад.

Қисми 1 моддаи 262 КМ ҶТ маҳдудияти кори шабона, изофакорӣ, кор дар рӯзҳои истироҳат ва иди ғайрикорӣ, фиристодани кормандони маъюб ба сафари хизматиро пешбинӣ намудааст, ҳатмӣ мебошад.

Инчунин, қисми 2 моддаи 262 КМ ҶТ танҳо дар сурати ҷой доштани ду ҳолат ба кори шабона, изофакорӣ, кор дар рӯзҳои истироҳат ва рӯзҳои иди ғайрикорӣ ҷалб намудани кормандони маъюб ва ба сафари хизматӣ фиристодани онҳоро имконпазир медонад. Якум, дар сурати ҷой доштани розигии хаттии чунин корманд ва дуюм, мавҷуд набудани

нишондодҳои тиббӣ дар хусуси манъ будани ичрои чунин корҳо барои кормандони маъюб ва ба сафари хизматӣ фиристонидани онҳо.

Барои маъюбони корманди гурӯҳи I ва II, рухсатии меҳнатии давомнокиаш 42 рӯзи тақвимӣ ва барои маъюбони гурӯҳи III бошад, рухсатии меҳнатии давомнокиаш 35 рӯзи тақвимӣ муқаррар шудааст. Давомнокии рухсатии беподоши маъюбони корманди гурӯҳи I ва II то ду моҳи тақвимӣ ва маъюбони корманди гурӯҳи III, як моҳи тақвимиро ташкил медиҳад. Инчунин қонунгузор пешбинӣ менамояд маъюбони маҳкумшудаи гурӯҳи I ва II ба корҳои ҳатмӣ ҷалб карда намешаванд.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 48(1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои ҳатмӣ аз ҷониби маҳкумшуда берун аз вақти корҳои асосӣ ё аз таълим ба таври бемузд иҷро намудани корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ мебошад, ки намудҳои онҳоро мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот муайян менамояд. Корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз шаст то дусаду чил соат муқаррар карда мешаванд ва на зиёда аз чор соат дар як рӯз иҷро карда мешаванд.Таъини корҳои ҳатмӣ барои маъюбони гурӯҳҳои I ва II манъ аст [2].

Дар қисми 1 моддаи 339 КМ ҶТ сухан дар хусуси бокортаъминкунии маъюбон меравад ва яке аз чораҳои иловагии ҳифзи меҳнати маъюбон маҳсуб меёбад. Бокортаъминкунии кормандони маъюбшуда мутобиқи барномаи офияти фардии барои маъюбони гурӯҳи I, II, III таҳияшуда ва чун қоида, аз ҷониби роҳбари ташкилоте, ки дар он корманд қисман қобилияти меҳнатии худро аз даст додааст, амалӣ мегардад. Дар сурати мавҷуд набудани шароит барои давом додани кор дар ин ташкилот, мусоидат намудан ҷиҳати бокортаъминкунии маъюбон ба зиммаи мақомоти дахлдори шуғли аҳолӣ гузошта мешавад. Тавре дар таҳлили қисми 1 моддаи 258 КМ ҶТ зикр гардид, ба мақсади таъмини шуғлмандии маъюбон, барои тамоми ташкилотҳои шумораи кормандонашон на камтар аз 20 нафар, квота дар ҳаҷми 5 фоизи шумораи умумии кормандони ташкилот пешбинӣ шудааст Барои аз тарафи корфармо дар доираи квотаи муқарраршуда ба кор қабул накардани маъюбони гурӯҳҳои дуюм ва сеюм, ба шахсони мансабдор ба андозаи аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад (моддаи 108 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Баҳри бокортаъминкунии самараноки маъюбон мутобиқи барномаи офияти фардӣ, ки аз ҷониби Комиссияи ташхиси тиббию иҷтимоӣ мураттабшуда, иҷроиши он ҳатмист, барои онҳо рӯзи нопурраи кори шашсоата ё ҳафтаи кори сисоата, бидуни кам кардани музди меҳнат муқаррар карда мешавад.

Барои маъюбони коркунандаи гурӯҳи I ва II рухсатии меҳнатии давомнокиаш 42 рӯзи тақвимӣ ва барои маъюбони гурӯҳи III бошад, рухсатии меҳнатии давомнокиаш 35 рӯзи тақвимӣ, муқаррар шудааст.

Давомнокии рухсатии беподоши маъюбони коркунандаи гурӯҳи I ва II то ду моҳи тақвимӣ ва маъюбони коркунандаи гурӯҳи III, як моҳи тақвимиро ташкил медиҳад.

Бо дарназардошти эҳтиёҷоти маъюбон ва хусусиятҳои маҳал, баҳри истифодаи меҳнати маъюбон, ташкилотҳои (сехҳо ва қитъаҳои) махсус сохта мешаванд (қисми 1 моддаи 36 Қонуни мазкур).

Ба кори шабонаю изофа, инчунин кор дар рӯзҳои истироҳат ва ид ҷалб намудани маъюбон бидуни розигии онҳо, мумкин нест.

Дар шартномаҳои коллективӣ ва фардии меҳнатӣ барои маъюбони коркунанда дигар имтиёзу афзалиятҳо пешбинӣ шуданашон мумкин аст.

Ҳалқаи навбатӣ дар силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дигар қонунҳо ва санадҳои зерқонуние ташкил медиҳанд, ки баҳри танзими ҳуқуқии ҷанбаҳои алоҳида ва мушаххаси маъюбон пешбинӣ шудаанд.

Мутобиқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 1 августи соли 2003, ки дар он сухан дар бораи кафолатҳои иловагии шуғл барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ меравад, давлат ба шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷанд, дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд ва дар бозори меҳнат ба рақобати баробар қодир нестанд, бо роҳи таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои мақсадноки мусоидат ба шуғл, ташкил намудани ҷойҳои иловагии корӣ дар ташкилоту муассисаҳо,

новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон ва тараққӣ додани корхонаҳои махсусгардонидашуда (аз он ҷумла ташкилотҳо барои ҷалби меҳнати маъюбон), муқаррар намудани квотаҳо барои ба кор қабул намудани маъюбон ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, расонидани хизмати самтгирии касбӣ, инчунин бо роҳи ташкил намудани омӯзиш аз рӯи барномаҳои махсус ва дигар чораҳо кафолатҳои иловагиро таъмин менамояд.

Мутобиқи моддаи 19 Қонун, ки сухан дар бораи мусоидати корфармоён ба таъмини шуғли аҳолӣ меравад, корфармоёне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, ба татбиқи сиёсати давлатии шуғл дар асосҳои зерин мусоидат мекунанд, аз ҷумла: риоя намудани квотаҳои муайяншуда барои бо кор таъмин намудани маъюбон ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ. Бо кор таъмин намудани шаҳрвандони ба ҳифзи иҷтимоӣ мухтоҷбуда ё захира намудани намудҳои алоҳидаи ҷойҳои корӣ барои бо кор таъмин намудани чунин шаҳрвандон, ки аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ва мақомоти худидораи маҳаллӣ муайян карда мешаванд.

Танзими муносибатҳои меҳнатии маъюбон на танҳо тавассути қонунҳо, инчунин тавассути санадҳои зерқонунӣ сурат мегирад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ аз зумраи санадҳои зериқонунӣ мебошанд.

Ба сифати намунаи санади зериқонунӣ, Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2010, №109 Оид ба ҷонибдории Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон", Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2016, №255, Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2016, №478 «Оиди мавриди амал қарор додани Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» -ро овардан мумкин аст.

Тибқи моддаи 70 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи дар доираи салоҳият баровардани фармон дода шудааст.

Дар баробари фармонҳои худ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фармонҳое мебарорад, ки хусусияти меъёрӣ дошта, манбаи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнат маҳсуб мeёбанд, масалан, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 августи соли 2020, №1580 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони муассисаю ташкилотҳои соҳаҳои иҷтимоӣ, андозаи нафақа ва стипендия», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 1997 «Оид ба давомияти рухсатиҳои асосӣ ва иловагии меҳнатӣ» ва ғайра.

Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ҷумлаи санадҳои меъёрии зериқонунӣ буда, бояд ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои ҷорӣ ва Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат дошта бошанд.

Тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳлӯҳои гуногуни меҳнати кормандони маъюб ҳаллу фасл мешаванд, чунончӣ: мутобиқи боби сеюми Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2004, №170 Дар бораи «Тартиби бақайдгирии шаҳрвандони бекор»[3], ки сухан дар бораи бақайдгирии шаҳрвандони корҷӯй бо мақсади ҷустуҷӯи кори мувофикро пешбинӣ намудааст, барои бақайдгирӣ бо мақсади ҷӯстуҷӯи кори мувофиқ шаҳрвандони корҷӯй ба мақомоти хадамоти шуғли аҳолии ҷойи истиқомат маълумот дар бораи музди меҳнати миёнаи ду моҳи охир дар ҷойи кори охирин, ки тибқи тартиби муқарраргардида дода шудааст, шиноснома ё ҳуҷҷати дигари тасдиққунандаи шахсият, дафтарчаи меҳнатӣ ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи тахассусро пешниҳод менамоянд.

Шахсони бори аввал корҷӯяндае, ки касб ё ихтисос надоранд, шиноснома ё дигар

ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият дар бораи маълумотро пешниҳод менамоянд.

Маъюбон бошад, илова ба ҳуҷҷатҳои зикршуда тавсияи меҳнатӣ, хулосаи хусусияти тавсиявидошта ва шароити меҳнатро пешниҳод менамоянд, ё барномаи инфиродии барқарорсозии ӯ ба ҳисоб гирифта мешавад.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2009 №181 «Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ», меъёрҳои он аз муқаррароти умумӣ, шарту қоидаҳои муайян намудани квота, гурӯҳи шаҳрвандоне, ки аз ҳисоби квота бо ҷойҳои корӣ таъмин карда мешаванд ва ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои корфармоён дар таъмини гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ба ҷои кор аз ҳисоби квотаи муқарраршуда иборат мебошад.

Мутобиқи муқаррароти бандҳои 25 - 28 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 октябри соли 2014, №630 «Дар бораи Тартиб ва шартҳои пардохти кӯмакпулиҳо ҳангоми корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорию таваллуд ва кӯмакпулиҳои оилавӣ» ба маъюбоне, ки кор мекунанд, кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ, ба истиснои ҳолатҳои осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ, барои давраи на зиёда аз ду моҳи пай дар пай ва на зиёда аз се моҳ дар давоми соли тақвимӣ дода мешавад.

Ба маъюбони машғули кор, ки маъюбӣ бо сабаби садама дар Нерӯгоҳи барқии атомии Чернобил ва барқарор намудани оқибатҳои он муқаррар шудааст, инчунин ба маъюбон аз бемории сил (мавриди шиддат гирифтани беморӣ), ба истиснои ҳолатҳои осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ, кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ на зиёда аз чор моҳи пай дар пай ва на зиёда аз панҷ моҳ дар давоми соли тақвимӣ дода мешавад.

Агар корношоямии муваққатии маъюбе, ки кор мекунад бар асари осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ рӯй дода бошад, кӯмакпулӣ то барқарор шудани саломатӣ ё то муқаррар намудани маъюбӣ дар натиҷаи осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ дода мешавад.

Ба маъюбоне, ки кор мекунанд (ба истиснои маъюбони гирифтори бемории сил) мавриди фаворасии корношоямии муваққатӣ дар натиҷаи бемории сил, кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ то барқарор шудани саломатӣ ё аз нав дида баромадани гурӯҳи маъюбӣ, вале на зиёда аз даҳ моҳи пайдарпай ва на зиёда аз дувоздаҳ моҳ дар давоми ду соли тақвимӣ дода мешавад.

Ба ҳамин монанд Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон, тамоюли маъюбшавӣ ва роҳҳои пешгирии он» аз 2 июли соли 2005 № 221, «Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020» аз 28 октябри соли 2016, № 455, «Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалинамоии Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои маъюбон» аз 27 феврали соли 2020, №116 ва ғайра.

Дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо вобаста, нақши муайянро санадҳои меъёрии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебозанд, ки одатан дар ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ оиди муқаррар намудани квота пешниҳод манзур менамоянд ва якҷоя бо намояндагони иттиҳодияҳои корфармоён ва иттифоқҳои касаба ҳар сол дар ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ квота муқаррар менамоянд.

Дар радифи манбаъҳои танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатии маъюбон, тибқи муқаррароти қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи ҶТ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд, баромад менамоянд.

Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон яке аз санадҳои байналмилалии меҳварии СММ маҳсуб ёфта, он бо Қатъномаи Маҷмаи умумии Ассамблеяи генералии СММ аз 10 декабри соли 1948 дар Париж қабул шудааст.

Моддаи 23 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи ҳар як инсонро ба меҳнат, ба интихоби озодонаи кор, ба шароитҳои одилона ва мусоиди меҳнат, ба ҳимоя аз бекорӣ, ба музди баробар ҳангоми иҷрои кори баробарқиммат бидуни ҳеҷ гуна маҳдудият, ба подоши одилона ва қаноатбахши меҳнат, ба созмон додан ва шомил гаштан ба иттифоқҳои касаба баҳри ҳимояи манфиатҳои хеш ва моддаи 24 Эъломия

бошад, ҳуқуқи ҳар як инсонро ба истироҳат ва фароғат эълон доштааст.

Муоҳидаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966 аз зумраи санадҳои байналмилалии умдае мебошанд, ки ҳамчун манбаъҳои муҳими танзими муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои меҳнатӣ хизмат менамоянд.

Дар Муоҳидаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад, манъи маҳдудсозии ҳуқуқ, баробарҳуқуқии зану мард, ҳуқуқ ба меҳнат ва шароитҳои мусоиди меҳнат, ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба сатҳи кофии ҳаёт, ба муттасил беҳтар намудани шароити меҳнат ва дигар ҳуқуқҳо муқаррар шудаанд.

Инчунин, ба сифати манбаъи танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатии маъюбон Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид «Оид ба ҳуқуқи маъюбон», ки аз ҷониби Маҷмаи кулли Созмони Милали Муттаҳид 13 декабри соли 2006 қабул гардида, моҳи майи соли 2008 мавриди амал қарор дода шудааст, баромад менамояд.

Конвенсияи СММ «Оид ба ҳуқуқи маъюбон» аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 22 марти соли 2018 дар шаҳри Ню-Йорки ИМА ба имзо расида, [4] ҷиҳати ба тасвибрасонӣ ва амалӣ гардондани он Нақшаи миллии амалҳо роҳандозӣ шудааст ва Тоҷикистонро вазифадор менамояд, ки ҷиҳати мусоидат намудан ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боз ҳам боло бурдани обрӯву эътибор ва саҳми арзандаи кишварро дар арсаи байналмилалӣ гузорад.

***Эзоҳ:*** *Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалинамоии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон» аз 27 феврали соли 2020, №116, Нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравӣ таҳия ва аз 30 июли соли 2020 тасдиқ намудааст, мақолаи мазкур дар асоси банди 1 он таҳия шудааст.*

Конвенсияи мазкур бо пуррагӣ аз ҷонибдорӣ, ҳимоя ва таъмин намудани татбиқи комил ва баробари ҳамаи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ аз ҷониби тамоми маъюбон, ки ба онҳо шахсони дорои нуқсони ҷисмонӣ, рӯҳӣ, зеҳнӣ ё ҳиссӣ дохил мешаванд, ки ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо монеаҳои мухталиф иштироки босамари онҳо дар баробари шахсони дигар дар ҳаёти ҷамъиятӣ халалдор мегардад ва инчунин тарафдорӣ кардани эҳтироми қадру қимати ба онҳо хос иборат аст.

Дар моддаи 27 Конвенсияи СММ «Оид ба ҳуқуқи маъюбон» сухан дар бораи меҳнат ва шуғли маъюбон меравад.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 27 давлатҳои аъзо дар қатори дигарон ҳуқуқи маъюбонро ба меҳнат эътироф менамояд; он ҳуқуқи пайдо кардани имконияти бо роҳи меҳнат ба даст овардани маблағ барои ҳаётро дар бар мегирад, ки маъюб онро озодона интихоб мекунад ё озодона бо он розӣ шудааст, дар сурате, ки бозори меҳнат ва муҳити истеҳсолӣ барои маъюбон кушода, фарогир ва дастрас бошад. Давлатҳои аъзо татбиқи ҳуқуқ ба меҳнатро, аз ҷумла, барои шахсоне, ки дар рафти фаъолияти меҳнатӣ маъюб мешаванд, таъмин ва ҷонибдорӣ мекунанд, аз ҷумла тибқи муқаррароти қонунгузорӣ тадбирҳои лозимиро меандешанд, ки ба самтҳои зерин нигаронида шудаанд:

- манъ кардани табъиз бо нишонаҳои маъюбӣ нисбат ба ҳамаи масъалаҳое, ки ба тамоми намудҳои шуғл, аз ҷумла шарти қабул ба кор, киро кардан ва шуғл, нигоҳ доштани кор, пешравӣ дар ҷойи кор ва шароитҳои бехавф ва солими кор;
- дар қатори дигарон ҳифз кардани ҳуқуқҳои маъюбон дар шароити одилона ва мусоиди меҳнат, аз ҷумла имкониятҳои баробар ва ҳавасмандгардонии баробар ба меҳнати баробарарзиш, шароити бехавф ва солими меҳнат, аз ҷумла ҳифозат аз даъво ва қонеъ гардондани шикоят;
- дар қатори дигарон таъмин намудани он, ки маъюбон ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва иттифоқҳои касабаи худро татбиқ карда тавонанд;
- ба маъюбон додани имконияти дастрасии самарабахш ба барномаҳои умумии дорои тамоюлотии техникӣ ва касбӣ, хадамоти шуғл, маълумоти касбию давомдор;

- дар бозори меҳнат васеъ намудани имкониятҳо барои шуғли маъюбон ва пешравии онҳо дар ҷойи хизмат, инчунин кумак расондан дар ҷустуҷӯ, дарёфт, нигоҳ доштан ва аз нав сар кардани кор;

- васеъ намудани имкониятҳо барои фаъолияти фардии меҳнатии соҳибкорӣ, рушди кооперативҳо ва ташкили кори хусусӣ;

- киро кардани маъюбон барои бахши давлатӣ;

- ҳавасманд гардондани кирои маъюбон барои бахшҳои хусусӣ бо ёрии стратегия ва тадбирҳои лозимие, ки метавонанд барномаҳои амалиёти мусбат ва тадбирҳои дигарро дарбар гиранд;

- ба маъюбон таъмин намудани мутобиқсозии оқилонаи ҷойи кор;

- ҷонибдорӣ кардани маъюбон бобати азхудкунии таҷрибаи корӣ дар шароити бозори меҳнат;

- ҷонибдорӣ кардани барномаҳои тавонбахшии касбию тахассусӣ, нигоҳ доштани ҷойҳои корӣ ва ба кор баргардондани маъюбон [5].

Қисми 2 моддаи 27 давлатҳои аъзоро вазифадор менамояд, ки маъюбон дар ғуломӣ ё вазъи иҷборӣ нигоҳ дошта нашаванд ва дар қатори дигарон аз меҳнати маҷбурию ҳатмӣ муҳофизат карда шаванд.

Дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо вобаста мавқеъ ва нақши Конвенсия (Созишнома) ва Тавсияномаҳои Созмони байналмилалии меҳнат бағоят назаррас аст. Айни ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо Конвенсия (Созишнома) ва Тавсияномаҳои СБМ эътироф намудааст, аз ҷумлаи онҳо ба сифати манбаъи танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатии маъюбон Конвенсияи №159 «Оид ба барқарорсозии касбӣ ва шуғли маъюбон» маҳсуб меёбад. Конвенсияи №159 "Дар бораи барқарорсозии касбӣ ва шуғли маъюбон" 20 июни соли 1983 дар Конфронси генералии Созмони Байналмилалии Меҳнат, ки аз ҷониби ҳайати роҳбарикунандаи Дафтари Байналмилалии Меҳнат дар Женева қабул шудааст.

Конвенсияи мазкур сиёсати иҷтимоии давлатҳоро барои кафолат додани маъюбон бо баробарии комил, кори мувофиқ равона намуда, мусоидат ба ҳамгироии иҷтимоии ӯро ташвиқ мекунад. Давлати узв мутобиқи шароит ва имкониятҳои миллӣ, сиёсати барқарорсозии касбӣ ва шуғли маъюбонро амалӣ менамояд ва чораҳои дахлдорро нисбати ҳамаи категорияҳои маъюбон татбиқ менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҷумҳурӣ ба масоили таносуби ҳуқуқи байналхалқӣ ва миллӣ таваҷҷуҳи хос дода шуда, роҳҳои амалигардонии меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқ ӣ, аз ҷумла татбиқи бевоситаи онҳо дар фаъолияти қонунэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасад, ки боиси имплементатсия ва инъикоси меъёрҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ дар қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ барои ҳар як инсон имконияти ҳҳуқуқӣ меоварад, ки шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона дошта, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд таъмин гардад.

Ҳадаф аз таҳия намудани мақола дар он аст, ки шахсони дорои маъюбият, инчунин онҳое, ки дорои имконияти корӣ ҳастанд (маъюбони қобили меҳнат) ва имконияти машғул шудан ба корро доранд, барои дарёфти шуғли муносиб ва касбу ҳунаре, ки даромади онҳоро таъмин менамояд, бархурдор бошанд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ. М. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри якум // Муҳаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н. Шонасридинов. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2017. – С.1120.

2. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998, №9, мод.68, мод.69, №22, мод.306 – соли 2020, №1, мод. 8, мод.9; Қонуни ҶТ аз 13.11.1998, №684 – аз 07.08.2020, №1717.

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2004, №170, бо тағйиру иловаҳо аз 30.06.2007, №363, аз 2.07.2009, №404, аз 5.11.2014, №707.

4. Иштироки Президент дар маросими имзои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи шахсони маъюб. Вазорати

корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.03.2018. https://www.mfa.tj;Аваз Юлдашев. Таджикистан подписал Конвенцию ООН по правам инвалидов. Asia-Plus. 23 марта, 2018 года. https://t.me/asiaplus.

5. Конвенция ООН о правах инвалидов, принятая резолюцией 61/106 Генеральной Ассамблеи от 13 декабря 2006 года. Управление Верховного комиссара ООН по правам человека www.ohchr.org . http://ombudsmanspb.ru/files/files/OON_02_site.pdf.

**Аннотатсия**

**Танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатии маъюбон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ**

Дар мақола масоили танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатии маъюбон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ба ин мақсад мақолаи мазкур дар асоси Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид «Оид ба ҳуқуқи маъюбон», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон, тамоюли маъюбшавӣ ва роҳҳои пешгирии он», «Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалинамоии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон», "Дар бораи барқарорсозии касбӣ ва шуғли маъюбон", банди 1 Нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2020 ва дигар санадҳои дар мақола пешбинигардида, таҳия шудааст.

**Аннотация**

**Правовое регулирование трудовых отношений инвалидов в законодательстве Республики Таджикистан и в международных актах**

В статье исследуются вопросы правового регулирования трудовых отношений инвалидов в законодательстве Республики Таджикистан и в международных актах. С этой целью данная статья базируется на Конвенции ООН «О правах инвалидов», Трудовом кодексе Республики Таджикистан, Законе Республики Таджикистан «О социальной защите инвалидов». Постановлениях Правительства Республики Таджикистан «О Правилах установления квот на трудоустройство отдельных групп населения», «Национальном плане действий по подготовке Республики Таджикистан к ратификации и осуществлению Конвенции о правах инвалидов», «О профессиональной реабилитации и трудоустройстве инвалидов», пункте 1 Плана внутриведомственных мероприятий Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан от 30 июля 2020 года и других актах, приведенных в статье.

**Annotation**

**Legal regulation of labor relations of disabled persons in the legislation of the Republic of Tajikistan and international**

The article examines the issues of legal regulation of labor relations of disabled persons in the legislation of the Republic of Tajikistan and in international acts. For this purpose, this article is based on the UN Convention "On the Rights of Persons with Disabilities", the Labor Code of the Republic of Tajikistan, the Law of the Republic of Tajikistan "On the Social Protection of Persons with Disabilities". Resolutions of the Government of the Republic of Tajikistan "On the Rules for Establishing Quotas for Employment of Certain Population Groups", "National Action Plan for Preparing the Republic of Tajikistan for the Ratification and Implementation of the Convention on the Rights of Persons with Disabilities", "On Vocational Rehabilitation and Employment of Persons with Disabilities", paragraph 1, paragraph 1 the event of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan dated July 30, 2020 and other acts provided for in the article

## 12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ
## 12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО



**Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ,**
*муовини якуми Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисто, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.*
*E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru*
*Тел.: (+992) 904-41-50-50.*



**Раҳмонов Ҷаҳонгир Турахонович,**
*мутахассиси шуъбаи қонунгузории кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зисти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: rahmonzoda.j@mail.ru*
*Тел.: (+992) 918-56-10-10.*

# МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ КАДАСТРИ ДАВЛАТИИ ЗАМИН ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** замин; кадастри замин; объекти кадастри давлатии замин; амалӣ намудани кадастри давлатии замин; мақсади кадастри давлатии замин; баҳои замин; заминсозӣ; маълумотҳои кадастри давлатии замин; нархи кадастрӣ.

***Ключевые слова:*** земля; земельный кадастр; объект государственного земельного кадастра; создание государственного земельного кадастра; назначение государственного земельного кадастра; оценка земель; землеустройство; данные государственного земельного кадастра; кадастровая цена.

***Keywords:*** land; land cadaster; object of the state land cadastre; creation of the state land cadastre; assignment of the state land cadastre; assessment of the land; land management; data of the state land cadaster.

Кадастри давлатии замин ҳамчун яке аз намудҳои кадастри табиию захиравӣ низоми ягонаи иттилоотии давлатӣ мебошад, ки барои дуруст ба роҳ мондани истифодаи самараноки замин зарур мебошад. Нақш ва аҳамияти чунин низом дар батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин бо мақсади ташкил намудани кадастри давлатии замин муайян карда мешавад ва маҳз дар кадастри давлатии замин маҷмӯи маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳо дар бораи меъёрҳои табиӣ, хоҷагидорӣ ва ҳуқуқии замин, гурӯҳҳои замин, арзиши иқтисодӣ ва тавсифи сифати заминҳо, мавқеи ҷойгиршавӣ ва андозаи қитъаҳои замин, тақсимоти заминҳо байни заминистифодабарандагон зикр карда мешавад [2].

Аммо ба сатҳи баланди аҳамиятнокии кадастри давлатии замин нигоҳ накарда, масъалаҳои зиёди мулоҳизавӣ ва ҳалнашуда оид ба мафҳум ва хусусиятҳои он мавҷуд аст.

Дар тӯли 10 - солаи охир, дар кишвари мо ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тадқиқотҳои илмии калон гузаронида шудааст, ки дар натиҷаи он фаҳмиши мазмуни кадастри давлатии замин дода шудааст, аммо мафҳум ва хусусиятҳои он бошад, то ҳол норавшан аст.

Кадастри давлатии замин дар асоси Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи заминсозӣ», аз 5 январи соли 2008, № 356; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин», аз 12 майи соли 2001, № 18; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани қоидаҳои амалӣ кардани кадастри давлатии замин» аз 3 октябри соли 2006, № 447 [2] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади таъмин намудани ҳуқуқ ба истифодаи қитъаи замин, баҳисобгирии миқдор, сифат ва арзёбии иқтисодии замин амалӣ карда мешавад.

Моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» қитъаи заминро ба зумраи ашёи ғайриманқул вобаста кардааст ва моддаи 143 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирии давлатии ашёи ғайриманқулро муайян намуда, дар қисмҳои 3-5 моддаи мазкур бошад, бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба ашёи ғайриманқул ва аҳдҳо бо онро пешбинӣ намудааст.

Дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, инчунин ҳангоми фаҳмиши мафҳуми кадастри давлатии замин мушкилӣ дида мешавад, ки онро бо мафҳумҳои «кадастри ҳуқуқӣ», «кадастри фискалӣ», «кадастри молиявӣ» ва ғайраҳо ҳамшабеҳ мешуморанд.

Ҳамин тавр, барои додани мафҳуми кадастри давлатии замин мебояд, ки ба тадқиқотҳои илмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда назар афканем. Истилоҳи кадастр аз калимаи фаронсавии «cadaster» гирифта шуда, рӯйхат, феҳристе мебошад, ки аз ҷониби мақомот ё муассиса тартиб дода шудааст [1, с. 367].

Инчунин, тафсири васеътари истилоҳи мазкур вуҷуд дорад. Масалан, мувофиқи фарҳанги калимаҳои хориҷӣ кадастр – маҷмӯи маълумотҳои банизомдаровардае мебошад, ки навбат ба навбат ё бо роҳи мунтаззам мушоҳида намудан аз рӯйи объекти дахлдор тартиб дода шудааст [11, с. 210].

Ба таври маҳдуд бошад, истилоҳи кадастр ҳамчун иттилоот дар бораи ягон чиз, яъне маълумот дар бораи шахс, предмет, далелҳо, ҳолатҳо, зуҳурот ва ҷараёнҳо новобаста аз шакли дарки онҳо фаҳмида мешавад.

Ба андешаи мо, мавқеи муаллифоне, ки мавҷудияти кадастри молу мулкӣ ва кадастри захираҳои табииро, ки дар навбати худ намудҳои гуногуни худро дорад, дастгирӣ менамоянд, асоснок мебошад. Ба яке аз намудҳои кадастри захираҳои табиӣ кадастри давлатии замин дохил мешавад.

Кадастр ба ду маъно фаҳмида мешавад:

– феҳрист ё рӯйхати шахсоне, ки андозбандӣ карда мешаванд;

– маҷмӯи ба низоми маълумоте, ки тавассути онҳо ба баъзе объектҳо (замин, об, ҷангал ва ғ.) доимо ё баъзан назорат мекунанд [14, с. 200].

Мафҳуми кадастри замин дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи заминсозӣ» аз 5 январи соли 2008, № 356 [7] кушода дода шудааст, ки тибқи сархати ҳаждаҳуми моддаи якуми он таҳти истилоҳи кадастри замин маҷмӯи маълумот оид ба миқдор, сифат ва баҳои замин фаҳмида мешавад. Ҳамчунин, вобаста ба мафҳуми кадастри давлатии замин, ки дарбаргирандаи категорияҳои мафҳум, мақсад ва мазмуни кадастри давлатии замин мебошад, дар моддаи 61 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996 [3] муқаррароти умумӣ пешбинӣ карда шудааст. Тибқи моддаи мазкури Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти мафҳуми кадастри давлатии замин – ягонагии ҷудонашавандаи системаи автоматикунонидаи маълумоти кадастри замин ва раванди кадастри замин мебошад.

Мақсади кадастри давлатии замин аз дастрас шудани маълумоти боэътимод оид ба ҷойгиршавии заминҳои фонди ягонаи давлатии замин аз ҷиҳати табиӣ, ҳуқуқӣ ва хоҷагидорӣ иборат мебошад. Мазмуни кадастри давлатии замин бошад, маълумот оид ба ташкили истифодаи дурусту ҳифзи замин, ба низом овардани муносибатҳои вобаста ба замин, асоснок кардани андозаи пардохти пули замин, танзими замин ва арзёбии фаъолияти хоҷагидориро дар бар мегирад. Чи тавре ки, аз мафҳумҳои пешбинигардидаи қонунгузорӣ бармеояд, мафҳуми кадастри давлатии замин ба

таври ягона дода нашудааст ва дар амалия татбиқшавии онро ба таври гуногун тафсир додан мумкин аст.

Дар илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва иқтисодӣ ҳангоми баррасии масъала доир ба мафҳуми кадастри давлатии замин бояд ба назар гирифт, ки зуҳуроти мазкур гуногунҷабҳа мебошад ва бинобар ин, метавонад аз ҷанбаҳои гуногун баррасӣ карда шавад: аз ҷанбаҳои иқтисодӣ, мазмуни ҳуқуқӣ, инчунин аз нуқтаи назари илм, ки мақсади онҳо таъмини гузаронидани кадастри давлатии замин ё заминсозӣ мебошад.

Тавсифи кадастри давлатии заминро аз нуқтаи назари иқтисодӣ таҳлил намуда, муқаррар намудани мазмуни иқтисодии онро мақсаднок шуморида, инчунин нақши иҷрокунандаи онро дар ҷараёнҳои иқтисодии давлат муайян менамоем. Ҳамин тавр, ба ақидаи Е.Н. Колотинский кадастри давлатии замин мафҳуми иқтисодию ҳуқуқӣ буда, бинобар ҳамин онро мебояд дар ду ҷанба баррасӣ намуд. Ҷанбаи аввал, ҳуқуқӣ будани кадастри давлатии замин мебошад, ки он фаъолият вобаста ба гузаронидани кадастри замин буда, дар ҷараёни он муносибатҳои ҷамъиятӣ ба миён омада, аз ҷониби давлат бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешавад ва ба кадастр ифодаи ҳуқуқӣ мебахшад.

Ҷанбаи дуюм бошад, хусусияти иқтисодӣ доштани кадастри давлатии замин мебошад, ки натиҷаи фаъолият оид ба гузаронидан ва истифодаи он аз ҷониби давлат барои роҳнамоии иқтисодӣ мебошад. Фарқият байни мафҳуми иқтисодӣ ва ҳуқуқии кадастри давлатии замин дар адабиёти соҳавӣ ба таври мушаххас кушода дода нашудааст. Бинобар ин, натиҷаи омехташавии ин мафҳумҳо дар таҷриба бисёр ба назар мерасанд [4, с. 12].

Маълумоти кадастри давлатии замин аз ҷониби субъектони муносибатҳои ҳуқуқи замин бо мақсадҳои зерин дар фаъолияти иқтисодӣ истифода мегарданд:

1. Якум, барои таъсиси низоми босамари пардохтҳо аз рӯйи замин (андозбандӣ), истифодаи маълумотҳо оид ба баҳои замин зарур мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи мазкур, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» аз 12 майи соли 2001, № 18 [6] қабул карда шудааст. Тибқи моддаи 1 Қонуни мазкур мафҳуми баҳои кадастрии давлатӣ – маҷмӯи чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва техникӣ мебошанд, ки барои муайян кардани арзиши кадастрии қитъаҳои замин то ҳолатҳои санаи муайян равон гардидааст.

Баҳои замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муқаррар намудани нархи меъёрии замин бо мақсади андозбандии воқеӣ, пардохти иҷора, муҳайё намудани шароит барои сарфакорона истифода бурдани замин, муҳофизату азхудкунии он ва баланд бардоштани ҳосилнокии хок анҷом дода мешавад. Аз ин нуқтаи назар, дар адабиёти ҳуқуқӣ кадастр (аз ҷумла, кадастри замин) ба маънои маҳдуд, ҳамчун «cadutastrum» – дафтардории предметҳои андозбандишаванда фаҳмида мешавад.

Ба андешаи Л.И. Мороз бошад, фаҳмиши кадастр ба маънои васеъ ҳамчун «маҷмӯи маълумотҳои банизомдаровардашудае, ки бо роҳи тартиб додани мушоҳидакунии давра ба давра ва ё мунтазам аз рӯйи объекти дахлдор мебошад» [10, с. 77]. Аммо, ба андешаи А.Л. Ялбулганов ба ғайр аз таъмини амаликунии низоми андозбандӣ, боз тавассути баҳои замин муайян намудани арзиши муқоисавии онҳо ҳамчун воситаи истеҳсолӣ, инчунин сатҳи самаранокии истифодаи онҳоро пешбинӣ намудан мумкин аст [15].

Маълумотҳои дар боло зикршудаи кадастри давлатии замин барои ташкили бозори молу мулки ғайриманқул низ ба таври васеъ истифода мешаванд, зеро «бозор бо механизми муайян намудани арзиш ва ташаккулёбии нархҳо ба ҷудонамоии ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқул ва муомилоти захираҳо дар соҳаи истеҳсолӣ ва истеъмолӣ ба таври назаррас таъсир мерасонад» [9, с. 71].

2. Дуюм, мазмуни иқтисодии ҷараёнҳои ба даст овардани ҳуқуқ ба истифодабарии замин бештар маълумотҳои бақайдгирии давлатии онҳоро дар бар мегирад. Барои мисол, ин бо он асоснок карда мешавад, ки қобилияти пардохтнамоии ин ё он субъекти муносибатҳои ҳуқуқии замин аз шумораи ҳуқуқҳои бақайдгирифташуда вобастагӣ дорад.

Мазмуни ҳуқуқии кадастри давлатии замин онро ҳамчун асбоби идоракунии давлатии захираҳои замин тавсиф менамояд, ки мақсади ҳифзи ҳуқуқҳо ба замин ва таъмини истифодаи самаранокии онро таъмин менамояд.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ вобаста ба мафҳуми кадастри давлатии замин дигар ақидаҳо низ вуҷуд доранд. Масалан, Е.Н.

Колотинский кадастри давлатии заминро ҳамчун маҷмӯи маълумотҳои муосир, асоснок ва зарурӣ дар бораи муқаррароти замин, ҳамчун объекти хоҷагидорӣ, ки дар натиҷаи гузаронидани низоми чорабиниҳои давлатӣ ба даст оварда мешаванд, мешуморад [5, с. 19].

Дар баъзе ҳолатҳо кадастри давлатии замин ҳамчун маҷмӯи маводҳо, ҳуҷҷатҳо ва харитаҳо, ки дар худ маълумот дар бораи заминро дар бар мегиранд, фаҳмида мешавад. Воқеан ҳам чунин андеша дуруст мебошад, зеро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи заминсозӣ» кадастри заминро ҳамчун маҷмӯи маълумот оид ба миқдор, сифат ва баҳои замин пешбинӣ намудааст.

Дар адабиёти илмии ватанӣ мафҳуми зерини кадастри давлатии замин пешниҳод карда шудааст: «кадастри давлатии замин аз маҷмӯи маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳо дар бораи меъёрҳои табиӣ, хоҷагидорӣ ва ҳуқуқии замин, гурӯҳҳои замин, арзиши иқтисодӣ ва тавсифи сифати заминҳо, мавқеи ҷойгиршавӣ ва андозаи қитъаи замин, тақсимоти заминҳо байни заминистифодабарандагон иборат мебошад» [13].

Кадастри давлатии замин ягонагии ҷудонашавандаи низоми автоматикунонидаи маълумоти кадастри замин ва раванди кадастри замин мебошад. Ҳамин тавр, зери мафҳуми кадастри давлатии замин маҷмӯи маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳо дар бораи меъёрҳои табиӣ, хоҷагидорӣ ва ҳуқуқии замин, гурӯҳҳои замин, арзиши иқтисодӣ ва тавсифи сифати заминҳо, мавқеи ҷойгиршавӣ ва андозаи қитъаҳои замин, тақсимоти заминҳо байни заминистифодабарандагон иборат мебошад. Моҳияти кадастри давлатии замин дар объект, мазмун, мавзӯъ, вазифа, мақсад ва амалӣ кардани кадастр ифода меёбад.

Объекти кадастри давлатии замин, фонди ягонаи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Фонди ягонаи давлатии замин – маҷмӯи қитъаҳои замини дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъбуда, ки аз гурӯҳи муайяни қитъаҳои замин бо таъиноти муайяни мақсаднок иборат мебошад.

Мазмуни кадастри давлатии заминро, маълумотҳои боэътимод ва ҳуҷҷатҳо дар бораи ҳолати ҳуқуқӣ, миқдор, сифат, баҳо ва арзёбии иқтисодии замин ташкил медиҳад. Маълумот оид ба мавқеи ҳуқуқии истифодаи қитъаҳои замин дар китоби кадастри давлатии замин дарҷ гардида, он маълумотҳо дар бораи иншоотҳо ва истифодаи замин, таъиноти мақсадноки қитъаҳои замин ва меъёри истифодаи заминҳоро дарбар мегирад. Ворид намудани тағйирот ба китоби кадастри давлатии замин, дар асоси қарори мақомоти дахлдор оид ба додан ва ё гирифтани қитъаи замин барои истифодабарӣ, баъди муайян намудани сарҳади қитъаҳо дар маҳал, барасмиятдарорӣ ва додани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин мешавад.

Мавзӯи кадастри давлатии замин, маълумот оид ба ташкили истифодаи дурусту оқилона ва ҳифзи замин, омӯзиши ҳаматарафа ва арзёбии хусусиятҳои табиӣ, мавқеи ҳуқуқӣ ва истифодаи замин, ба низом овардани муносибатҳо вобаста ба замин мебошад.

Вазифаи асосии кадастри давлатии замин, ин доимо такмил додани технологияи коркард, мураттабсозӣ, нигоҳдорӣ, азнавкунӣ ва ба истифодабарандагон пешниҳод намудани маълумоти боэътимоду аниқи кадастри замин мебошад.

Мақсади кадастри давлатии замин, аз дастрас шудани маълумоти боэътимод оид ба ҷойгиршавии заминҳои фонди ягонаи давлатии замин аз ҷиҳати табиӣ, ҳуқуқӣ ва хоҷагидорӣ иборат мебошад. Кадастри давлатии замин, маълумот оид ба ташкили истифодаи дурусту ҳифзи замин, ба низом даровардани муносибатҳои вобаста ба замин, асоснок кардани андозаи пардохти пули замин, танзими замин ва арзёбии фаъолияти хоҷагидориро дарбар мегирад. Заминсозӣ яке аз самтҳои идоракунии фонди давлатии замини ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Кадастри давлатии замин бо низоми ягонаи дар ҷумҳурӣ буда, аз ҳисоби воридшавии пули замин аз тарафи мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳо вобаста ба замин ва сохторҳои маҳаллии он бурда мешавад.

Амалӣ кардани кадастри давлатии замин, ба воситаи гузаронидани корҳои таҳқиқотию ҷустуҷӯии аэроаксбардорӣ, аксбардории кайҳонӣ, топографию геодезӣ, харитасозӣ, хокшиносӣ, агрокимиёвӣ, геоботаникӣ ва дигар таҳқиқотҳо, гузаронидани корҳои баҳисобгирии миқдор, сифат, баҳо ва арзёбии иқтисодии заминҳо, бақайдгирии давлатии ҳуқуқи

истифодаи замини шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад.

Аз натиҷаи таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян гардид, ки маълумотҳои кадастрӣ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳо ҷамъоварӣ мегарданд. Дар робита бо ин мақсаднок мешуморем, ки гузаронидани чунин чорабиниҳо дар Кодекси замин пешбинӣ карда шавад, аз ҷумла чорабиниҳо вобаста ба назорати давлатӣ аз рӯйи истифода ва ҳимояи замин, ё нишондод дар он доир ба татбиқи ҳатмии маълумотҳои кадастрӣ ҳангоми иҷрои ҳамаи фаъолияте, ки бо истифодабарӣ ва ҳимояи замин алоқаманд аст.

Тартиби амалӣ кардани кадастри давлатии заминро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд. Мақомот ва шахсони мансабдор, ки кадастри давлатии заминро ҷорӣ менамоянд, вазифадоранд дурустии маълумоти ба ҳуҷҷатҳои кадастрӣ дохилшаванда, ҳамчунин ба шахсони ҳуқуқии манфиатдор дастрас шудани ин маълумотро таъмин намоянд.

Кадастри давлатии замин барои таъмини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти дахлдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо маълумотҳои зарурӣ оид ба замин бо мақсади ба танзим даровардани муносибатҳо вобаста ба замин, ташкили истифодаи самараноки замин, барқароркунӣ ва ҳифзи замин, заминсозӣ, асоснок гардонидани маблағи пардохти замин, баҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, муқаррар карда шудааст.

Маълумот оид ба кадастри давлатии замин ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти дахлдор бевосита ё дар асоси дархости онҳо, ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки бевосита ба корбарии онҳо муносибат дорад, дар асоси дархосташон пешниҳод карда мешаванд.

Маълумотҳо оид ба кадастри давлатии замин ба маълумотҳои асосӣ (аввалиндараҷа) ва ҷорӣ тақсим мешаванд. Маълумотҳои асосӣ, маълумотҳое мебошанд, ки дар асоси бақайдгирии аввалин ва тартиб додани маълумотҳои аввалини кадастри замин дастрас гардидаанд. Маълумотҳои ҷорӣ бошад, маълумотҳое мебошанд, ки ҳангоми азнавбақайдгирӣ ё ворид намудани тағйиротҳои бавуҷудомада ба маълумотҳои асосии кадастри замин дохил мегарданд.

Мақомоти заминсозии шаҳрҳо, ноҳияҳо ва вилоятҳо дар якҷояги бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ намудани кадастри давлатии заминро дар доираи салоҳияташон дар ҳудуди маъмурии шаҳрҳо, ноҳияҳо ва вилоятҳо тибқи қонунгузорӣ оид ба замин ба роҳ мемонанд. Амалӣ намудани кадастри давлатии замин дар ҷумҳурӣ ба зиммаи мақомоти давлатии заминсозӣ гузошта шуда, маълумотҳо оид ба амалӣ намудани кадастри давлатии замин дар шакли ҳомилҳои қоғазӣ ва шакли электронӣ бурда мешаванд.

Мувофиқи б. 38 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани қоидаҳои амалӣ кардани кадастри давлатии замин» аз 3 октябри соли 2006, №447 [2] мақомоти давлатии заминсозии ҷумҳурӣ, ҳангоми амалӣ кардани кадастри давлатии замин дорои чунин ваколатҳо мебошад:

– санадҳои меъёрие, ки амалӣ кардани кадастри давлатии заминро ба танзим медароранд, таҳия ва тасдиқ менамояд;

– гузаронидани корҳои топографию геодезӣ ва харитасозиро барои амалӣ намудани кадастри давлатии замин дар миқёсҳои зарурӣ ташкил менамояд;

– барои амалӣ намудани кадастри давлатии замин истифода намудани маводҳои аксбардории рӯйизаминӣ, фазоӣ, кайҳонӣ ва тартиб додани харитаҳои рақамиро ба роҳ мемонад;

– ҳисоботи мақомоти минтақавӣ ва маҳаллиро дар бораи миқдор ва ҳолати истифодаи заминҳо қабул менамояд;

– ҳар сол, ба ҳолати 1 январ ҳисоботро дар бораи миқдори заминҳо, тақсимоти онҳо аз рӯйи намуд, гурӯҳи замин ва заминистифодабарандагони ҷумҳуриро бо тартиби муқаррargardida омода намуда, то 20 марти соли пас аз ҳисоботи ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

– оид ба сифати тартибдиҳии маълумотҳо ва иҷрои корҳои кадастри давлатии замин назорат мебарад;

– гузаронидани корҳои таҳқиқотҳои хок, геоботаникӣ, арзёбии иқтисодии заминҳо ва дигар таҳқиқотҳои махсусро ташкил мекунад;

– доимо ва мунтазам талабот ба сифат ва дигаргунии маълумотҳои кадастри давлатии заминро меомӯзад;

– амалӣ намудани кадастри давлатии заминро бо технологияи нав ва ҷорӣ намудани кадастри ҳозиразамонро таъмин менамояд;

– мuҳлат, навбати гузаронидан ва азнавкунии ҳуҷҷатҳои кадастри давлатии заминро дар миқёси минтақаҳои ҷумҳурӣ муайян менамояд;

– маълумотҳои кадастри давлатии заминро нашр намуда, ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод менамояд;

– таркиб, ҳаҷм ва талаботи техникиро ба маводҳои кадастри давлатии замин, ки ба маҷмӯи ягонаи кадастри давлатӣ пешниҳод мегарданд, муайян менамояд.

Раванди кадастри замин бо мақсади давра ба давра ё пай дар пай аз нав кардани маълумоти кадастри замин ба роҳ монда мешавад. Раванди кадастри замин аз қисмҳои таркибии зайл иборат мебошад:

– бақайдгирии давлатии истифодаи замин;

– баҳисобгирии миқдор ва сифати замин;

– бонитировкаи (муайянсозии сифати) хок;

– арзёбии иқтисодии замин.

Равандҳои асосии амалӣ кардани кадастри давлатии замин:

– ҷалби пурраи тамоми қаламрави ҷумҳурӣ;

– истифодаи маҷмӯи ягонаи координатҳои уфуқӣ;

– услуби ягона ва пайдарҳамии коркарди маълумотҳои кадастри замин;

– боэътимоднокӣ ва камхарҷии маълумотҳо оид ба кадастри замин [2].

Дар сохтори Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарраёсати махсус яъне «Сарраёсати кадастри давлатии замин» фаъолият мекунад, ки вазифаҳо ва функсияҳои асосии кадастри давлатии заминро пеш мебарад, ки чунин фаъолият барои пешбурдӣ корҳои заминсозӣ ва кадастри давлатии замин хеле муҳим аст:

– пешбурди корҳои кадастри давлатии замин ба воситаи гузаронидани корҳои таҳқиқотию ҷустуҷӯии аэрокайҳонӣ, топографӣ геодезӣ, харитасозӣ ва дигар таҳқиқотҳо оид ба гузаронидани корҳои баҳисобгирии миқдор, сифат, баҳо ва арзёбии иқтисодии заминҳо;

– омода кардани маълумот дар бораи миқдори заминҳо ва тақсимоти он ба гурӯҳҳо, намудҳои замин ва тартиб додани фонди замин;

– такмил додани технологияи коркард, мураттабсозӣ, нигоҳдорӣ, азнавкунӣ ва пешниҳод ба истифодабарандагон намудани маълумотҳои боэътимоду аниқи кадастри замин;

– қабул намудани ҳуҷҷатҳои сметавӣ – лоиҳавӣ ва ҳамкорӣ бо ташкилотҳои тобеи Кумитаи давлатӣ;

– назорат аз болои ҷудо кардани қитъаҳои замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва тартиби аз як гурӯҳ ба дигар гурӯҳ ва аз як намуд ба дигар намуд гузаронидани заминҳо;

– таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳо оид ба таҳия ва такмили қонунҳо, қарорҳо, низомнома, дастурамал ва қоидаҳо;

– назорати азхудкунии заминҳои нав ва заминҳое, ки барои азхудкуни ҷудо мешаванд;

– иштирок дар комиссияи давлатӣ оид ба қабули объектҳои анҷомёфта, ба кор омодакунии заминҳои навкорам ва ба истифода додани онҳо ва андешидани тадбирҳо оид ба гузаронидани заминҳо аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар ва (заминҳои каммаҳсул, бемаҳсул ва пурмаҳсул) аз як намуд ба намуди дигар;

– омода ва пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо доир ба такмили кадастри замин ба шӯрои илмӣ-техникии Кумитаи давлатӣ, амалӣ гардонидани назорат оид ба иҷроиши онҳо;

– банақшагирии корҳо, маблағгузории он ва амалӣ намудани назорати техникӣ ва сифати ҳуҷҷатҳои лоиҳаи ҷустуҷӯӣ, ки аз тарафи ташкилотҳои тобеи Кумитаи давлатӣ пешниҳод карда мешаванд;

– таҳияи корҳои ташкилӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ оид ба заминсозӣ, ки вобаста ба гузаронидани корҳои кадастрӣ ва заминсозӣ омода шудаанд;

– бо ҳамкории дигар сохторҳои Кумита тайёр ва таҳия кардани қонунҳо, қарорҳо, низомномаҳо, дастурамалҳо оид ба такмил додани кадастри замин ва заминсозӣ;

– бо тартиби муқарраршуда таъмин намудани назорат оид ба дуруст бурдани кадастри замин;

– анҷом додани корҳо оид ба тариқи электронӣ ва рақамӣ тартиб додани ҳуҷҷатҳои кадастри замин;

– гузаронидани инвентаризатсия дар ҳамаи гурӯҳҳо ва намудҳои заминҳо бо мақсади ошкор кардани заминҳои дар истифодаи кишоварзӣ набуда ва ғайриоқилона исти-

фодашаванда барои ташкил намудани фонди махсус ва азнавтақсимкунии онҳо ҷиҳати таъмини истифодаи пурра ва самараноку оқилонаи замин;

– бурдани назорат оид ба дурустӣ ва саҳеҳии маълумотҳои кадастрӣ ва заминсозӣ, ки аз тарафи кумитаҳои заминсозии вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва ташкилотҳои тобеи Кумитаи давлатӣ пешниҳод карда мешаванд;

– иштироки бевосита дар тайёр намудани барномаҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавии истифода ва ҳифзи захираҳои замин бо дарназардошти пешбурди ин соҳа дар тараққиёти иқтисодӣ;

– андешидани чораҳои зарурӣ оид ба такмилдиҳии кадастри замин;

– таъмин намудани меъёрҳо оид ба муайян кардани зарари заминистифодабарандагон ва ҷуброни зарари истеҳсолоти кишоварзӣ, ки ба ҷудо намудани қитъаи замин вобастагӣ дорад;

– бурдани ҳисоботи ҷорӣ бо тарзи электронӣ, фавран ворид намудани тағйиротҳои дар маҳал баамаломада;

– назорат аз болои мақомоти маҳаллии заминсозӣ ва дигар корхонаҳои тобеи Кумитаи давлатӣ ҷиҳати бурдани ҳисоботи ҷорӣ;

– ташкил намудани марзакашии заминҳо бо муқаррар ва барқарор намудани сарҳадҳои воҳидҳои маъмуриву ҳудудӣ ва танзими техникии онҳо [12].

Дар маҷмӯъ, кадастри давлатии замин асоси фазои ҳуқуқӣ барои тартиб додан ва бурдани маҷмӯи ягонаи кадастри давлатӣ, дигар маҷмӯи кадастрҳо ба ҳисоб меравад. Маълумотҳо оид ба кадастри давлатии замин барои ба танзим даровардани муносибатҳо вобаста ба замин, ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ, ки ба истифодабарии замин вобастагӣ доранд, истифода бурда мешаванд [13, с. 204].

Кадастри давлатии заминро ҳамчун шарти самараноки иҷрои корҳои заминсозӣ баррасӣ намуда, муайян карда шуд, ки дар корҳои илмии як қатор олимони соҳа кадастри замин ҳамчун «низоми чорабиниҳои давлатӣ аз рӯйи омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ, табиӣ ва муқаррароти хоҷагидории замин бо роҳи гузаронидани бақайдгирии заминистифодабарӣ, баҳисобгирии шумора ва сифати замин ва ғайраҳо» пешбинӣ гардидааст [8, с. 5].

Аммо бо нуқтаи назари мазкур бо сабабҳои зерин розӣ шудан ба мақсад мувофиқ намебошад:

– чорабиниҳои давлатӣ танҳо воситаи гирифтани маълумотҳои кадастрӣ мебошанд ва бинобар ин, мафҳуми мазкур ба андозаи кулл мафҳуми кадастри давлатии заминро инъикос намекунад;

– чунин чорабиниҳои давлатӣ мақсади дигари мавҷудияти худро доранд. Масалан, мақсади асосии бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба истифодабарии замин:

– эътироф ва тасдиқи давлатии бавуҷудоӣ, маҳдуднамоӣ, гузариш ё қатъӣ он мебошад;

– бақайдгирии ҳуқуқ, баҳисобгирии шумора ва сифати замин баҳодиҳии иқтисодӣ мебошад, ки чорабинии давлатии мустақиланд.

Бояд қайд намуд, ки ба кадастри давлатии замин намудҳои корҳои зеринро бояд шомил намуд, ки воқеан ҳам дар амалия дида мешаванд: ташаккули парвандаи кадастри қитъаи замин; баҳисобгирии шумора ва сифати замин; баҳодиҳии кадастри давлатии замин; ҷамъоварӣ, коркард ва пешбурди маълумотҳо дар бораи қитъаи замин ва субъектҳо дар шакли қоғазӣ ва электронӣ; омодасозӣ ва пешбурди харитаҳои кадастрии замин, аз ҷумла нишондодҳои рақамӣ; пешбурди китобҳои кадастри замин ва феҳристи ягонаи давлатии замин; омодасозии шаҳодатномаҳои қитъаҳои замин [16, с. 127-129].

Бинобар асосҳои овардашуда бо мақсади истисно намудани имконияти тафсири гуногуни муқаррароти қонунгузорӣ оид ба мафҳуми кадастри давлатии замин, зарур мебошад, ки дар қисми якуми моддаи 61 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи заминсозӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» ва санади зерқонунӣ дар бораи кадастри давлатии замин мафҳум дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Кадастри давлатии замин маълумотҳои маводҳои ҳуҷҷатгузории банизомдаровардашудае, ки дар бораи қитъаи замин, ки дар рафти гузаронидани бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба истифодабарии замин ба даст оварда мешавад, баҳисобгирии сифат ва шумораи замин, баҳодиҳии иқтисодии онҳо ва дигар чорабиниҳои давлатии тибқи қонунгузории замин муайяншуда дар бораи мавҷудияти ҷойгиршавии онҳо ва дигар объектҳои бо онҳо алоқаманд, инчунин

маълумот дар бораи минтақаҳои ҳудудии он мебошад».

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Большая советская энциклопедия. – Т.11. – М., 2017. – С. 367.
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани қоидаҳои амалӣ кардани кадастри давлатии замин» аз 3 октябри соли 2006 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 16.04.2020).
3. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, № 23 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 18.04.2020).
4. Колотинская Е.Н. Каким быть кадастру? // Известия – М, 1968. – С. 12
5. Колотинская Е.Н. Правовые основы природно-ресурсовых кадастров СССР. – М., 1986. – С. 19.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» аз 12 майи соли 2001 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 18.04.2020).
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи заминсозӣ» аз январи соли 2008 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 18.04.2020).
8. Магазинщиков Б.П. Земельный кадастр. – Львов, 1987. – С. 5.
9. Милонова М. Концептуальные подходы к созданию многоцелевого кадастра недвижимости // АПК: экономика управления. – 1995. – №10. – С. 71.
10. Мороз Л.И. Организационно-правовые аспекты формирования кадастров и регулирования кадастровых отношений // Государство и право. – 1999. – № 4. – С. 77.
11. Словарь иностранных слов // Под ред. В.В. Пчелкина. – М., 2010. – С. 210.
12. Сомонаи расмии Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.zamitj/i№dex.php/daru№i-bakhshi-mo№itori№g-va-kor-oi-№aliti -k (санаи муроҷиат: 15.04.2020).
13. Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 204.
14. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ // Зери таҳрири профессор Маҳмудов М.А. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – С. 200.
15. Ялбулганов А.Л. Комментарий к законодательству о природоресурсных платежах. // Справочная правовая система «Гарант»: Правовая компьютерная программа «Гарант 5.1.1».
16. Сохибов М.М. Особенности наследования пожизненно наследуемое пользование земельным участком по законодательству Республики Таджикистан // Вестник ТГУПБП (научно–теоретический журнал). Серия общественных наук. – Худжанд, 2015. – №4 (65). – С. 127–136



**Анотатсия**

**Мафҳум ва хусусиятҳои кадастри давлатии замин тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақола фаҳмиши кадастр дар инзоми нақшавӣ ҳамчун баҳисобгирии хоҷагидории аҳолӣ, ки аз истифодабарии ройгони табиат бармеояд, таҳлил карда шудааст. Дар мақола мафҳуми кадастри давлатии замин ҳамчун низоми маълумотҳои маводҳои ҳуҷҷатгузории банизомдаровардашудае, ки дар бораи қитъаи замин, ки дар рафти гузаронидани бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба истифодабарии замин ба даст оварда мешавад, баҳисобгирии сифат ва шумораи замин, баҳодиҳии иқтисодии онҳо ва дигар чорабиниҳои далатии тибқи қонунгузории замин муайяншуда дода шудааст.

**Аннотация**

**Понятие и особенности земельного кадастра по законодательству Республики Таджикистан**

В статье анализируется понимание кадастра в плановой системе как формы народнохозяйственного учета, вытекающее из бесплатности природопользования. В статье определено понятие государственного земельного кадастра как системы информации о регулируемых земельных документах, материалах, полученных на земельном участке, полученных при государственной регистрации прав землепользования, учете качества и количества земель, их экономической оценке и других мерах.

**Annotation**

**The concept and specifics of the land cadastre in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan**

The article analyzes the understanding of the cadastre in the planning system as a form of national economic accounting, resulting from the free use of nature. The article defines the concept of the state land cadastre as a system of information on regulated land documents, materials obtained on a land plot, obtained during state registration of land use rights, taking into account the quality and quantity of land, their economic assessment and other measures.



**Султонова Тахмина Истамовна**,
*заведующая кафедрой предпринимательского права Российско-Таджикского (Славянского) университета, доктор юридических наук, доцент.*
*E-mail: sultanova77@mail.ru*
*Тел.: (+992)907-80-32-02.*

# ОСОБЕННОСТИ ОБЩЕСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ В СФЕРЕ ПРИРОДОПОЛЬЗОВАНИЯ И ОХРАНЫ ОКРУЖАЮЩЕЙ СРЕДЫ

***Калидвожаҳо:*** *муҳофизати муҳити зист; мавзӯи ҳуқуқи экологӣ; муносибатҳои экологӣ; истифодаи табиат; амнияти экологӣ.*

***Ключевые слова:*** *охрана окружающей среды; предмет экологического права; экологические отношения; природопользование; экологическая безопасность.*

***Keywords:*** *environmental protection; the subject of environmental law; environmental relations; nature management; environmental safety.*

Общепринято, что понятие любой отрасли системы права, включая экологическое право, раскрывается при определении, во-первых, предмета отрасли права, во-вторых, метода правового регулирования указанных отношений. Как справедливо отмечал О.С. Иоффе, всякая отрасль права характеризуется, в первую очередь, определённым предметом регулирования, то есть теми общественными отношениями, которые отраслью формируются, закрепляются и охраняются. Во вторую очередь, самостоятельность отрасли права определяется спецификой метода регулирования, то есть тем характерным способом, при помощи которого законодатель на основе данной совокупности юридических норм обеспечивает нужное ему поведение людей как участников правоотношений [4, с. 7].

Предмет отрасли права считается ключевым понятием в характеристике отрасли права и играет роль системообразующего фактора отрасли права. Именно с него традиционно начинается изучение любой отрасли, а также формирование научных знаний о ней. Под предметом правового регулирования в теории права понимается обособленный, самостоятельный вид общественных отношений, обладающий единым качеством, являющимся основанием для объединения норм права, его регулирующих, в нормативную общность. Сходность этого круга общественных отношений предопределяет возможность его отграничения от других групп отношений, поскольку каждая отрасль права имеет свою относительно обособленную сферу регулирования [7, с. 101].

Итак, предметом правового регулирования в отдельной отрасли права являются общественные отношения, которые регулируются нормами этой отрасли права. Однако зачастую бывает сложно провести чёткую границу между различными отраслями права, поскольку они тесно взаимодействуют, пересекаются в процессе правового регулирования общественных отношений. Однородные общественные отношения отдельной отрасли права могут складываться и развиваться под воздействием целого ряда других отраслей права: гражданского, административного и т.д. В частности, если взять само экологическое право, то законодательство предусматривает регулирование договорных отношений между государством и субъектами хозяйственной деятельности (например, договор на водопользование или пользование иного природного ресурса, заключаемый между уполномоченным государственным органом и конкретным природопользователем). В таких случаях возникает необходимость в дополнительных мерах, позволяющих определить предмет данной отрасли права.

Общественные отношения, регулируемые данной отраслью, в теории права называются экологическими. В правовой доктрине

сформировались различные подходы к их определению. По мнению Н.Н. Веденина, например, предмет экологического права составляют общественные отношения в сфере охраны, оздоровления и улучшения окружающей среды, предупреждения и устранения вредных последствий воздействия на неё [3, с. 190]. О.И. Крассов полагает, что предметом экологического права являются отношения в сфере охраны окружающей среды от загрязнения и охраны ценных экосистем. По его мнению, нормы, определяющие порядок и условия природопользования (например, порядок рубки леса или добычи полезных ископаемых), не входят в систему экологического права, а являются самостоятельной отраслью соответствующего ресурсного законодательства [5, с. 13].

Так как в качестве объекта правового регулирования в сфере экологического права выступает природа (окружающая среда), её отдельные элементы (земля, недра, воды и др.) и связанные с ними интересы человека, В.В. Лазарев под предметом экологического права понимает общественные отношения по поводу природы или окружающей среды [6, с. 136]. В.В. Петров в качестве предмета экологического права называет отношения в сфере взаимодействия общества и природы. С.А. Боголюбов считает, что предметом отрасли экологического права являются общественные отношения в сфере взаимодействия общества, людей и природы [1, с. 17]. В более ранний период автор понимал под предметом экологического права общественные отношения в области охраны окружающей среды от вредных воздействий и использования отдельных природных компонентов в экономических целях [8, с. 9].

Большинство авторов в предмете экологического права выделяют природоохранные и природоресурсные отношения, то есть отношения, складывающиеся в сфере охраны окружающей среды и рационального природопользования. Исходя из такого подхода, который сегодня признаётся традиционным, в юридической литературе проводится внутреннее деление предмета экологического права на отдельные составные части. Так, М.М. Бринчук в качестве составных частей предмета современного экологического права называет следующие группы отношений:

1) по собственности на природные объекты и ресурсы;

2) по природопользованию;

3) по охране окружающей среды от разных форм деградации;

4) по защите экологических прав и законных интересов физических и юридических лиц [2, с. 35].

Похожая внутренняя градация предмета экологического права проводится С.А. Боголюбовым. Автор условно делит общественные отношения в области взаимодействия общества и окружающей среды на три видимые составные части, в которых группируются отличающиеся друг от друга следующие правовые нормы:

1) природоохранное право, регулирующее общественные отношения по поводу охраны экологических систем и комплексов, общих природоохранных правовых институтов, решения концептуальных вопросов всей окружающей среды. Охрана окружающей среды представляет собой деятельность, направленную на сохранение или восстановление благоприятного состояния природной среды, воспроизводство природных ресурсов, предотвращение негативного воздействия хозяйственной и иной деятельности на окружающую среду и ликвидацию её последствий. В данную группу общественных отношений включаются отношения по нормированию вредных воздействий на природу, по экотоксикологическому испытанию агрохимических и иных экологически опасных химических веществ, по их регистрации, транспортированию, по экологической сертификации и т.п. Если сгруппировать эти отношения, то их условно можно разделить на следующие видовые группы:

- отношения по охране окружающей среды от химического воздействия. В качестве примера таких отношений можно назвать использование хладагентов и иных химических веществ, влияющих на состояние озонового слоя Земли; применение агрохимических средств; выбросы загрязняющих веществ в атмосферу и т.д.;

- отношения по охране окружающей среды от физического воздействия. Примером

таких отношений являются отношения по регулированию шума, создаваемого производственными объектами; сброса теплых сточных вод в водоёмы; электромагнитных полей, создаваемых при использовании электротехники и т.д.;

- отношения по охране окружающей среды от биологического воздействия. В данную группу отношений включается регулирование биотехнологий; переселения объектов животного мира; гибридизации растительного мира; поступления в окружающую среду различных вирусов, грибков, бактерий, в том числе возбудителей инфекционных заболеваний человека и т.д.

Главное назначение данной части предмета экологического права состоит в обеспечении регулирования всего природного дома, естественного жилища людей в комплексе. Правовое регулирование природоохранных отношений имеет своей целью сохранение или восстановление благоприятного состояния окружающей среды;

2) природоресурсное право, призванное регулировать общественные отношения по предоставлению отдельных природных ресурсов в пользование, а также обеспечивать охрану и рациональное использование отдельных природных ресурсов – земли, её недр, вод, атмосферного воздуха, животного мира, растительного мира. Соответственно, здесь речь идёт о регулировании землепользования, недропользования, водопользования и т.д., посредством чего удовлетворяются самые разнообразные потребности человека - физиологические, экономические, эстетические, научные и др., а также обеспечивается использование природной среды для удаления отходов производства и потребления. Основным принципом, в рамках которого осуществляется природопользование, является принцип рационального, то есть экологически обоснованного использования природных ресурсов.

Следует отметить, что природоресурсное право получило более раннее и полное развитие, чем экологическое право, поскольку раньше общество на первое место ставило задачи природопотребления. Природоресурсное право включало в себя земельное, горное, водное, лесное и иные отрасли права;

3) нормы других отраслей права, регулирующие общественные отношения, хотя имеющие отличающийся от экологического права характер, но, в то же время, связанные с охраной окружающей среды и объединяемые задачей защиты окружающей среды. Сюда относятся нормы конституционного права, финансового права, административного права, уголовного права, международного права [1, 8]. Также сюда включаются отношения собственности на природные объекты и ресурсы и отношения по защите экологических прав и законных интересов человека и гражданина.

Практическое значение разделения экологического права на право природопользования и право охраны окружающей среды заключается в том, что в определённой части правовую основу природопользования в большей степени составляют частноправовые начала, поскольку здесь ключевую роль играют институты права собственности, иного вещного права, обязательственного права на природные ресурсы, обладающие значительной спецификой. В то же время именно проблема рационального природопользования (пользования лесами, землями, недрами и другими природными ресурсами) и охраны окружающей среды имеет огромное значение для обеспечения экологической безопасности и развития социального и экономического секторов жизнедеятельности, где происходит активное взаимодействие человека с внешним миром - природой и обществом. К примеру, правовое регулирование сброса сточных вод в процессе осуществления хозяйственной деятельности есть регулирование водопользования. Однако правовое регулирование указанных общественных отношений предусматривает также регламентацию охраны водного объекта от загрязнения.

Приведенная классификация видов экологических отношений, формирующая предмет экологического права, является наиболее полной и научно обоснованной, поскольку включает максимальный комплекс проблем, касающихся специфики природных

ресурсов, особенностей их использования, в том числе обеспечения рационального их использования и охраны природы от разных форм деградации, защиты экологических прав и законных интересов человека. Научная обоснованность такой классификации подтверждается законодательством в сфере природных ресурсов (земельным, водным, горным, лесным и др.), в котором регулируются отношения собственности на соответствующий природный ресурс, по его использованию и охране, а также доктриной экологического права.

Как справедливо отмечается в юридической литературе, такой подход к правовому регулированию общественных отношений в сфере экологического права служит средством, одновременно обеспечивающим поддержание экологического равновесия в природе и соблюдением экологических прав и законных интересов физических и юридических лиц, обеспечивает учёт интересов как природы, так и человека, в чём проявляется биосоциальная сущность человека, и имеет конечной целью сохранение благоприятного состояния окружающей среды или его восстановление [2, с. 29].

Анализ Закона Республики Таджикистан «Об охране окружающей среды» от 2 августа 2011 года позволяет выделить в самостоятельную группу ещё один вид отношений, составляющих предмет экологического права – отношения по обеспечению экологической безопасности. Под экологической безопасностью понимается состояние защищённости жизненно важных интересов личности, общества, окружающей среды от угроз, возникающих в результате антропогенных и природных воздействий на окружающую среду, в том числе обусловленных бедствиями и катастрофами, включая стихийные (ст. 1 Закона Республики Таджикистан «Об охране окружающей среды»).

Помимо Закона Республики Таджикистан «Об охране окружающей среды» понятие экологической безопасности используется в ряде законодательных и иных нормативных правовых актах Республики Таджикистан: Законе Республики Таджикистан «Об экологической экспертизе» от 16 апреля 2012 года, № 818; Законе Республики Таджикистан «Об экологическом аудите» от 26 декабря 2011 года № 785; Законе Республики Таджикистан «О безопасности» от 28 июня 2011 года, № 721; Программе мониторинга окружающей среды Республики Таджикистан на 2013-2017 годы, утверждённой Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 3 декабря 2012 года, № 685; Постановлении Правительства Республики Таджикистан от 31 декабря 2011 года, №679 «О Порядке государственного контроля и надзора питьевого водоснабжения»; Меморандуме от 31 августа 2004 года № 359 «О развитии сотрудничества между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Кыргызской Республики в сфере экологической безопасности»; Соглашении между Правительствами Республики Казахстан, Кыргызской Республики и Республики Узбекистан о сотрудничестве и взаимодействии в области исследования землетрясений и прогнозирования сейсмической опасности от 24 апреля 1995 года; Постановлении Правительства Республики Таджикистан «О создании постоянно действующей рабочей группы по решению проблем Сарезского озера и использования его ресурсов для улучшения экологического состояния бассейна Аральского моря» от 22 февраля 1996 года № 80 и ряде других нормативных правовых актах.

В перечисленных нормативных правовых актах обеспечение экологической безопасности рассматривается как важнейшая перспективная цель государственной деятельности по восстановлению и сохранению благоприятного состояния окружающей среды, прежде всего с точки зрения её чистоты и ресурсоёмкости.

Специфика предмета экологического права состоит в том, что общественные отношения, включающиеся в него, имеют объективный характер и складываются вне воли и сознания человека. Это обусловлено тем, что природа удовлетворяет разнообразные интересы и потребности человека и общества. Общество, в свою очередь, заинтересовано в адекватном регулировании своего взаимодействия с природой. Это означает, что удовлетворение человеческих и общественных потребностей в природных ресурсах должно происходить со знанием законов развития природы и с учётом уважения интересов всех иных форм жизни.

**Список литературы:**

1. Боголюбов С. А. Экологическое право: учебник для вузов. – М.: НОРМА, НОРМА-ИНФРА • М, 2001. – 478 с.
2. Бринчук М.М. Экологическое право: учебник. – М., 2009. – 670 с.
3. Веденин Н.Н. Экологическое право: учебник. М.: Право и Закон, 2005. – 336 с.
4. Иоффе О.С. Советское гражданское право. – М.: Юрид. лит., 1967. – 494 с.
5. Боголюбов С.А. Крассов О.И. Экологическое право: учебное пособие. – М.: Изд-во Норма, 2003. – 320 с.
6. Общая теория права и государства / Под ред. В.В. Лазарева. – М., 2010. – 348 с.
7. Радько Т.Н. Теория государства и права в схемах и определениях: учеб. пособие. – М.: Проспект, 2011. – 135 с.
8. Экологическое право / под ред. С.А. Боголюбова. – М., 1998. – 434 с.

**Аннотатсия**

**Хусусиятҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи истифодабарии табиат ва ҳифзи муҳити зист**

Дар мақола хусусиятҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи истифодабарии табиат ва ҳифзи муҳити зист мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Хулоса карда мешавад, ки мавзӯи ҳуқуқи экологӣ аз се гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ иборат аст: муносибатҳо дар соҳаи истифодабарии табиат, муносибатҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва муносибатҳо дар соҳаи амнияти экологӣ. Моҳияти амалии чунин тақсимот аз он иборат аст, ки заминаи ҳуқуқии истифодаи муҳити зист асосан аз ҷониби принсипҳои ҳуқуқи хусусӣ роҳандози мегардад, зеро дар ин ҷо ниҳодҳои ҳуқуқи моликият, дигар ҳуқуқҳои амволи, ухдадориҳо нисбати захираҳои табиӣ, ки хусусияти назаррас доранд, нақши калидӣ мебозанд.Ҳамзамон, проблемаи истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист барои таъмини амнияти экологӣ аҳамияти бузург дорад.

**Аннотация**

**Особенности общественных отношений в сфере природопользования и охраны окружающей среды**

В статье рассматриваются особенности общественных отношений в сфере охраны окружающей среды. Делается вывод, что предмет экологического права составляют три группы общественных отношений: отношения в сфере природопользования, отношения в сфере охраны окружающей среды и отношения в сфере экологической безопасности. Практическое значение такого разделения заключается в том, что правовую основу природопользования в большей степени составляют частноправовые начала, поскольку здесь ключевую роль играют институты права собственности, иного вещного права, обязательственного права на природные ресурсы, обладающие значительной спецификой. В то же время именно проблема рационального природопользования и охраны окружающей среды имеет огромное значение для обеспечения экологической безопасности.

**Annotation**

**Features of public relations in the field of nature management and environmental protection**

The article examines the features of public relations in the field of environmental protection. It is concluded that the subject of environmental law is made up of three groups of public relations: relations in the field of nature management, relations in the field of environmental protection and relations in the field of environmental safety. The practical significance of such a division lies in the fact that the legal basis for the use of natural resources is largely formed by private law principles, since the institutions of property law, other property rights, and contractual rights to natural resources, which have significant specificity, play a key role here. At the same time, it is the problem of rational nature management and environmental protection that is of great importance for ensuring environmental safety.

## 12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО
## 12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО



**Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович,**
*доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор.*
*E-mail: Takdirshoh@mail.ru*
*Тел.: (+992)918-40-86-00.*



**Баҳриддинзода Субҳиддин Эсо,**
*дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқ.*
*E-mail: Subhiddin_b@mail.ru*
*Тел.: (+992)907-70-21-20.*

# ҶИНОЯТҲОИ ТЕРРОРИСТӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

***Калидвожаҳо:*** *терроризм; конвенсия; ҳуқуқи байналмилалӣ; ҷиноят; терроризми бомбавӣ; пешгирии терроризм;*

***Ключевые слова:*** *терроризм; конвенция; международное право; преступление; бомбовый терроризм; предупреждение терроризма.*

***Keywords:*** *terrorism; convention; international law; crime; terrorist bombing; prevention of terrorism.*

Терроризми байналмилалӣ. Ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ, сарфи назар аз шумораи зиёди ҳуҷҷатҳо, мафҳуми «терроризм»-ро муайян намекунад.

Дар натиҷа, дар илми ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ мафҳуми ягонаи «терроризм» вуҷуд надорад. Ба ҷои ин, одатан сухан дар бораи ҷиноятҳое меравад, ки зуҳуроти терроризми байналмилалӣ мебошанд [1, с. 66]. Ба санадҳои кирдори террористиро муаррификунанда ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи байналмилалие шомил мебошанд, ки ҷиноятҳои гуногунро дар бар мегиранд. Чунончи, Конвенсияи Аврупо оид ба терроризм соли 1977 ҷиноятҳои зеринро ба сифати ҷиноятҳои террористӣ номбар мекунад:

а) ҳуқуқвайронкуниҳои марбут ба татбиқи Конвенсия оид ба ғасби киштиҳои ҳавоӣ с. 1970;

б) ҳуқуқвайронкуниҳои марбут ба татбиқи Конвенсияи оид ба амнияти авиатсияи гражданӣ с. 1971;

в) ҷиноятҳои вазнине, ки сӯиқасд ба ҳаёт, тамомияти ҷисмонӣ ё озодии шахсони ба ҳимояи байналмилалӣ ҳуқуқдошта, аз ҷумла намояндагони дипломатӣ;

г) ҷиноятҳое, ки гаравгон гирифтан ё ғайриқонунӣ маҳрум сохтан аз озодиро дар бар мегиранд;

д) ҳуқуқвайронкуниҳое, ки бо истифодаи бомба, граната, ракета, силоҳи оташфишони автоматӣ, баста ё фириста дар даруни онҳо хатарнок алоқаманд ва мутаносибан ба миқдори

истифодаи онҳо, ки барои одамон хатар эҷод мекунад [2].

Илова бар ин, Конвенсияи аврупоии оид ба терроризм соли 1977 (мувофиқи анъанаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ) махсус сӯиқасди («кӯшиши») содир кардани ҳама гуна ҷиноятҳои дар боло номбаршуда, инчунин шарикӣ дар содир кардани онро дар ҳама гуна шакл қайд мекунад.

Дар муқаддимаи Конвенсия оид ба ғасби киштиҳои ҳавоӣ аз 16 декабри соли 1970 қайд шудааст, ки акти ғасби ғайриқонунӣ ё ба амал баровардаи назорати аз болои киштии ҳавоӣ ба амнияти одамон ва молу мулк таҳдид мекунанд, ҳаракати киштиҳои ҳавоиро ҷиддӣ вайрон мекунанд ва «эътимоди халқҳои ҷаҳонро ба амнияти авиатсияи шаҳрвандӣ халалдор мекунанд» [3].

Мақсадҳои Конвенсияи оид ба амнияти авиатсияи гражданӣ соли 1971 низ ҳамин тавр муайян карда шудаанд [4].

Бо дарназардошти муҳимияти ин масъалаҳо ва пурзӯр намудани мубориза бар зидди терроризм Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои наввадум асри бист ин ду Конвенсияро ба тасвиб расонид [5, с. 1].

Конвенсияи байналмилалии мубориза бар зидди терроризми бомбавӣ (аз 16 декабри соли 1997) ба сифати мақсади асосии қабули санади мазкур нигоҳ доштани сулҳ ва амнияти байналмилалӣ, рушди ҳамсоягии нек ва муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории байни давлатҳоро дар самти мубориза бо терроризм нишон дода шудааст [6].

Ҷиноятҳое, ки дар ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун террористӣ муайян карда шудаанд, заминаи ҳуқуқиеро муттаҳид мекунанд, ки ҳама ба амнияти шахсони алоҳида, ҷомеа, давлатҳо ва дар ниҳоят ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдид мекунанд. Асоси ҳуқуқӣ барои муттаҳид кардани таҷовузҳои гуногуни ҷиноятӣ ба категорияи террористӣ дар он аст, ки онҳо ба асосҳои амнияти ҷамъиятӣ ҳамчун тартиботи ҳуқуқи ҷаҳониро ташкилдиҳанда, равона карда шудаанд.

Барои ба даст овардани ҷиноят мутобиқи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун ҷинояти террористӣ муайян кардан кофист, ки ин амал манфиатҳои пояҳои амнияти ҷамъиятиро дар ду ё зиёда давлатҳо вайрон кардааст. Ин хусусият заминаи расмии ҳуқуқӣ барои эътироф кардани амали терроризм (ҷинояти террористӣ) мутобиқи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ мебошад.

Барои банду баст кардани кирдор мувофиқи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун амали террористӣ муқаррар кардани он, ки кирдор манфиатҳои асосии амнияти ҷамъиятии ду ва ё зиёда давлатҳоро вайрон мекунад, кифоя мебошад. Чунин аломат асоси расмӣ – ҳуқуқӣ барои эътироф кардани кирдор ҳамчун акти террористӣ (ҷиноятҳои террористӣ) мувофиқи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ мебошад.

Аз рӯи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ дар ҳама гуна маврид кирдорҳои террористӣ таҳти аломатҳои ҷиноятҳои дахлдор дар мавриде қарор мегиранд, ки кирдор ё оқибати кирдор манфиатҳои амнияти ҷамъиятии ду ва ё зиёда давлатҳоро вайрон кунад. Ҳамзамон, чунин «манфиатҳо», албатта, манфиатҳои на танҳо худи давлатҳо ҳамчун субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии омма, инчунин манфиатҳои шахсият, гурӯҳҳои одамон ва дар маҷмӯъ ҷомеаро низ бояд дар бар гирад.

Расонидани зарар ё таҳдиди расонидани чунин зарар ба манфиатҳои амнияти ҷамъиятии ду ва зиёда давлатҳо нишонаи асосии ҳама гуна ҷинояти террористӣ тибқи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ мебошад. Гузашта аз ин, чунин кирдор бояд дар замони осоишта ҷой дошта бошад, яъне дар сурати мавҷуд набудани ҷанги байни давлатҳо. Дар акси ҳол, кирдорҳое, ки аломатҳои терроризмро доранд, бояд ҳамчун ҷиноятҳои ҳарбии банду баст карда шаванд.

Ба ақидаи А.Л. Еделев «ҳолатҳои дар боло зикршуда имконият медиҳанд, ки ҷиноятҳои террористиро мувофиқи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ҳамчун кирдорҳои зӯроваронаи берун аз мунокишаи мусаллаҳона содиршудаи бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ манъ гардида, бо мақсади қабули ҳама гуна қарор ё рад кардан аз қабули чунин қарор ба манфиати шахси гунаҳгор ё шахсони сеюм, ки аз ибтидо ба асосҳои амнияти ҷамъиятӣ таҷовуз меоваранд, фаҳмид, яъне ба ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими доираи номуайяне, ки дар ду ва зиёда давлатҳо зиндагӣ мекунанд» [7, с. 19].

Қайд кардан ба маврид аст, ки кӯшиши додани таърифи «терроризми байналмилалӣ» аз соли 1937 дар Конвенсияи Женева оид ба пешгирии терроризм ва ҷазо барои он сурат гирифтааст. Тибқи муқаррароти Конвенсияи

мазкур, терроризм ҳамчун кирдорҳои ҷиноятии ба муқобили ҳама гуна давлат нигаронида шуда буда, дорои мақсад ва хусусияти коштани тарс дар байни одамон, гурӯҳҳои одамон ё аҳолӣ мебошад. Гарчанде ки Конвенсияи мазкур эътибори ҳуқуқии худро пайдо накарда бошад ҳам, дар асарҳои шумораи зиёди муаллифон аҳамияти ин ҳуҷҷатро бо назардошти он ки кирдорҳои террористиро на ба сифати амали сиёсӣ, балки ҳамчун кирдори ҷиноятӣ муайян мекунад, ки имконият медиҳад фарқиятро байни он ва мубориза анъанавии мусаллаҳ гузошт, қайд мекунанд [8, с. 225].

Мувофиқи Эъломия оид ба тадбирҳои дар бораи барҳам додани терроризми байналмилалӣ (бо қатъномаи Ассамблеяи Генералӣ № 49/60 аз 9 декабри соли 1994 тасдиқ шудааст) [9] амалҳо, усулҳо ва таҷрибаҳои терроризм беэътинои дағалона нисбати мақсадҳо ва принсипҳои Созмони Миллали Муттаҳид ташкил медиҳанд, ки метавонанд ба сулҳ ва амнияти байналмилалӣ таҳдид кунанд, муносибатҳои дӯстонаи байни давлатҳоро зери хатар гузоранд, ба ҳамкориҳои байналмилалӣ халал расонанд ва боиси поймол шудани ҳуқуқҳои инсон, озодиҳои асосӣ ва асосҳои демократии ҷомеа гарданд. Актҳои ҷиноятӣ, ки ба фароҳам овардани фазои терроризм дар байни оммаи васеъ, гурӯҳҳои шахсони ё шахсони алоҳида ба мақсадҳои сиёсӣ нигаронида шудаанд, ё ба ҳеҷ ваҷҳ, сарфи назар аз мулоҳизаҳои сиёсӣ, фалсафӣ, идеологӣ, нажодӣ, этникӣ, мазҳабӣ наметавонанд сафед карда шаванд.

Ҷиноятҳое, ки терроризми байналмилалиро ташкил медиҳанд, одатан ба юрисдиксияи универсалии давлатҳо мансубанд. Терроризми байналмилалӣ шаклҳои гуногун дорад, чунончи:

Терроризми бомбавӣ**.** Ҳуҷҷатҳои навтарини ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ қайд мекунанд, ки ҳуҷумҳои террористӣ бо истифода аз дастгоҳҳои тарканда ё дигари марговар торафт миқёси васеътарро дар бар гирифта истодаанд ва бештар таҳдид ба сулҳ ва амнияти байналмилалӣ мегарданд. Дар робита бо ин, соли 1997 Конвенсияи байналмилалии мубориза бар зидди терроризми бомбавӣ қабул карда шуд [6].

То охири солҳои 90-уми асри XX муқаррароти мавҷудаи бисёрҷонибаи ҳуқуқи байналмилалӣ ба ин ҳуҷумҳо ба таври зарурӣ муносибат накарданд, ки ин зарурати тақвияти ҳамкориҳои байналмилалии байни давлатҳоро дар таҳия ва қабули чораҳои самарабахши пешгирии кирдорҳои террористӣ, таъқиб ва ҷазо додани шахсони гунаҳкорро ба миён овард.

Тарафи объективии «бомбгузорӣ» терроризм кирдори ҷиноятии шахсе дониста мешавад, агар он: ғайриқонунӣ ва дидаю дониста расонидан, ҷойгиркунонидан, ба ҳаракат даровардан ё тарконидани маводи тарканда ё дигар воситаи марговарро дар доираи ҷойҳои истифодабарии ҷамъиятӣ, иншооти давлатӣ ё ҳукуматӣ ё системаи нақлиёти ҷамъиятӣ, ё инфрасохтор ё ба тарзе, ки ба зидди онҳо равона карда шуда:

а) бо нияти расонидани марг ё зарари вазнин;

б) бо нияти назаррас вайрон кардани чунин ҷойҳо, объектҳо ё система, дар сурате ки чунин нобудшавӣ боиси расонидани зарари ҷиддии иқтисодӣ мегардад ё гашта метавонад.

Ҳама гуна шахс содиркунандаи ҷинояти мазкур дониста мешавад, агар вай кӯшиши содир кардани ягон хели кирдорҳои дар боло зикршударо карда бошад, инчунин ба сифати ташкилкунанда, ёрдамчӣ ва ҳамиҷрокунанда дар содир намудани ҳар кадоме аз ин амалҳо иштирок намояд.

Ҷойҳои содиршавии «бомбагузорӣ»-и терроризм: гуногунанд, аз ҷумла:

- объектҳои давлатӣ ё ҳукуматӣ, ки ба онҳо тааллуқ доранд: ҳама гуна объектҳо ё воситаҳои нақлиёти доимӣ ё муваққатӣ, ки аз ҷониби намояндагони давлат, аъзои ҳукумат, намояндагони мақомоти қонунгузорӣ ё судӣ ё шахсони мансабдор ё кормандони мақомоти давлатӣ ё дигар мақоми давлатӣ ё муассиса, ё кормандон ё шахсони мансабдори ташкилоти байниҳукуматӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ;
- объектҳои инфрасохторӣ, аз ҷумла ҳама гуна моликияти давлатӣ ё хусусӣ, ки ба манфиати аҳолӣ хидмат мерасонанд ё тақсим мекунанд, ба монанди таъмини об, канализатсия, таъминоти барқ, сӯзишворӣ ва алоқа;
- ҷойҳои ҷамъиятӣ - қисме аз ҳама гуна биноҳо, қитъаҳои замин, кӯчаҳо, роҳҳои обӣ ва ҷойҳои дигаре, ки доимо, давра ба давра ё баъзан барои ҷамъият дастрас ва боз ҳастанд ва ҳама гуна савдо, фарҳангӣ, таърихӣ, таълимӣ,

фарҳангӣ, вақтхушӣ ва ё шабеҳ, ки ба ин омма боз ё дастрасанд;

- системаи нақлиёти ҷамъиятӣ, яъне ҳама объектҳо, воситаҳои нақлиёт ва унсурҳои ёрирасон, хоҳ давлатӣ ва ҳам хусусӣ, ки дар рафти хизматрасонии ё бо мақсади хизматрасонии аҳолӣ барои интиқоли одамон ё молҳо истифода мешаванд.

Мувофиқи моддаи 3 Конвенсияи мазкур, муқаррароти он дар мавридҳое татбиқ намегардад, ки ҷиноят дар як давлат содир шуда бошад, ҷинояткори эҳтимолӣ ва ҷабрдида шаҳрванди ҳамин давлат бошанд, ҷинояткори эҳтимолӣ дар худуди ҳамин давлат пайдо карда шудааст ва ягон давлати дигар барои ба амал баровардани юрисдиксияи худ асос надорад [6].

Асосҳо барои аз ҷониби давлат ба амал баровардани юрисдиксияи худ дар моддаи 6 Конвенсия муайян карда шудаанд. Ба чунин асосҳо дохил мешаванд:

а) содир намудани ҷиноят дар ҳудуди ин давлат;

б) дар болои киштие, ки таҳти парчами ин давлат шино мекунад ё киштиҳои ҳавоӣ, ки мувофиқи қонунҳои ин давлат дар лаҳзаи содир шудани ҷиноят ба қайд гирифта шудааст;

в) аз ҷониби шаҳрванди ин давлат содир кардани ҷиноят [6].

Амалҳои терроризми ядроӣ. Ба ақидаи олимон дар ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ масъалаи мубориза бо амалҳои терроризми ядроӣ қобили таваҷҷӯҳ аст. Давлатҳо барои ҳалли ин проблемаи байналмилалӣ саъй мекунанд, зеро актҳои терроризми ядроӣ метавонанд оқибатҳои ҷиддӣ ба бор оранд ва метавонад ба сулҳу амният таҳдид кунанд. Аз ин рӯй бесабаб нест, ки дар иҷлосияи 52-уми Созмони Миллали Муттаҳид лоиҳаи Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи мубориза бо акти терроризми ядроӣ пешниҳод карда шуда буд [10, с. 405].

Дар ин лоиҳа якчанд истилоҳот барои истифода пешниҳод шуда буданд, аз ҷумла:

- «маводи радиоактивӣ» - маводи ядроӣ ва дигар моддаҳои радиоактивии нуклиддоре фаҳмида мешавад, ки худ аз худ таҷзия меёбанд (ҷараёне, ки зимни он афканишоти ионии як ё якчанд намуд, масалан, алфа–афканишот, бета–афканишот, афканишоти нейтронӣ ва гамма-афканишот сурат мегирад) ва онҳо вобаста ба хусусиятҳои радиологӣ ва ё таҷзияи худ метавонанд боиси марг, зарари вазнин ба саломатӣ ва ё зарари ҷиддӣ ба моликият ва муҳити зист мешаванд;

- «маводи ядроӣ» - плутоний, ба истиснои плутонийи дорои ҷамъи изотопҳо, ки зиёда аз 80 фоизаш плутоний-238 аст; уран-233; урани бо изотопҳои уран-235 ё уран-233 ғанигардонидашуда; урани дорои омехтаи изотопҳое, ки дар табиат дар шакле вомехӯранд, ки аз маъдан ё пасмондаҳои маъданӣ фарқ мекунанд; ва ҳар гуна маводи дорои як ё якчанд элементҳои зикргардидае мебошад, ки дар ин ҳолат «урани бо изотопҳои уран-235 ё уран-233 ғанигардонидашуда» урани дорои изотопҳои уран-235 ё уран-233 номида мешавад ва ё дорои ҳар ду изотопест ба андозае, ки фоизи барзиёди маҷмӯи ин изотопҳо дар муқоиса бо изотопи уран-238 нисбат ба фоизи изотопи уран-235 дар муқоиса бо изотопи уран-238, ки дар табиат вомехӯрад, зиёдтар аст;

- «объекти ядроӣ» инҳоянд:

а) ҳама гуна реактори ядроӣ, аз он ҷумла реакторҳое, ки дар киштиҳои баҳрӣ, воситаҳои нақлиёт, дастгоҳҳои парвозкунанда ё объектҳои кайҳонӣ барои истифодабарӣ ба сифати манбаи барқ барои ба ҳаракат овардани чунин киштиҳо, воситаҳои нақлиёт, дастгоҳҳои парвозкунанда ё объектҳои кайҳонӣ ва ё ҳама гуна дигар мақсад насб карда шудаанд;

б) ҳама гуна иншоот ё воситаи ҳамлу нақл, ки барои истеҳсол, нигоҳдорӣ, азнавкоркардабароӣ ё интиқоли маводи радиоактивӣ истифода мегардад;

- «восита» аз инҳо иборат аст:

а) ҳамагуна воситаи таркандаи ядроӣ;

б) ҳама гуна воситаи паҳнкунандаи маводи радиоактивӣ ё афканандаи радиатсия, ки метавонад вобаста ба хусусиятҳои радиологии худ боиси марг, зарари вазнин ба саломатӣ ё зарари воқеӣ ба моликият ё муҳити зист гардад;

- «дастгоҳи ядроӣ» - дастгоҳе (инчунин биноҳо ва таҷҳизоти бо вай алоқаманде) фаҳмида мешавад, ки дар он истеҳсол, аз нав коркардабароӣ, истифодабарӣ, коркард, нигоҳдорӣ ё гӯронидани маводи ядроӣ амалӣ карда мешавад, агар зарар ё дахолат ба истифодабарии чунин дастгоҳ метавонад ба шуоъхӯрии зиёди радиоактивӣ ё партови зиёди маводи радиоактивӣ оварда расонад.

Тибқи муқаррароти лоиҳаи Конвенсияи мазкур, кирдорҳои зерин ҷиноят эътироф карда мешаванд:

1) ғайриқонунӣ доштани маводи радиоактивӣ ё истеҳсоли дастгоҳ ё доштани он бо мақсадҳои расонидани марги ё ҷароҳати вазнин ва зарари назаррас расонад ба моликият ё муҳити зист;

2) бо ягон тариқ истифода бурдани маводи радиоактивӣ ё таҷҳизот ё истифода ё вайрон кардани объекти ядроӣ ба тавре, ки паҳн мешавад ё хавфи паҳн кардани маводи радиоактивӣ бо мақсадҳои расонидани марги ё ҷароҳати вазнин; зарари назаррас ба моликият ё муҳити зист расонад; маҷбур кардани шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ташкилоти байналмилалӣ ё давлат барои содир кардани ягон гуна ҳаракат ё аз он худдорӣ кардан;

3) таҳдиди содир кардани ҳаракатҳои дар боло зикршуда ё тақозои ғайриқонунии маводи радиоактивӣ, дастгоҳ ё таҷҳизоти ядроӣ тавассути таҳдид ё истифодаи қувва.

Сарфи назар аз он ки Конвенсияи мазкур аз ҷониби Созмони Миллали Муттаҳид то ҳол қабул нашудааст, қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳо актҳои террористиро, ки бо истифодаи объектҳои энержии атомӣ содир карда шудаанд, ҷиноят эътироф мекунад.

Масъалаи дигар ин маблағгузории тероризм аст. Тибқи талаботи Конвенсия дар бораи маблағгузории терроризм (соли 1999) ғайриқонунӣ пешниҳод намудани воситаҳои молиявӣ бо ҳама гуна усул бевосита ё бавосита ё ба амал баровардани ҷамъоварии маблағ бо нияте, ки онҳо истифода шаванд ё бо дарки он, ки онҳо пурра ё қисман барои содир кардани ҷиноятҳои зерин истифода хоҳанд шуд, фаҳмида мешавад:

а) кирдорҳое, ки терроризмро ташкил медиҳанд;

б) кирдорҳое, ки ба куштани ягон шаҳрванд ё ҳар шахси дигаре, ки дар амалиёти ҷангӣ дар вазъияти муноқишаи мусаллаҳона фаъолона иштирок намекунад ё ба ӯ расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ, вақте ки мақсади чунин кирдор аз рӯи хусусият ё мазмуни худ, тарсондани аҳолӣ ё маҷбур кардани ҳукумат ё ташкилоти байналмилалӣ маҷбур кардан барои содир кардани ягон гуна ҳаракат ё аз он худдорӣ кардан [11].

Қайд кардан ба маврид аст, табалоти қонунгузории байналмилалӣ вобаста ба ҷиноятҳои террористӣ ифодаи худро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ёфтааст. Чунончи, дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷкистон барои солҳои 2018-2028 қайд карда шудааст, ки «Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷкистон бо дар назар доштани арзишҳои умумибашарӣ ва манфиатҳои миллӣ, таъсири ҷаҳонишавӣ, ҳамоҳангсозӣ ва якхелакунии қонунгузории давлатҳо ва низомҳои ҳуқуқии ҷаҳонӣ, рушди муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, таъсиси иттиҳодҳои нави ҷаҳонӣ ва минтақавии байни давлатҳо ва ғайра карда мешавад» [12].

Аз ин ҷо, кишвари мо иқдом гирифтааст, ки ин сиёсатро ба коҳиш додани таъсири манфии ҷаҳонишавӣ, муқовимат ба хатарҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ ба мисли терроризм, экстермизм ва монанди инҳо равона созад. Ин шаҳодати он аст, ки кишвари мо ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти мубориза бо терроризм ҳамавақт омода мебошад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Мирзоахмедов Ф.А. Проблемы определения понятия «терроризм» в международном уголовном праве // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. – №3/2(132), силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе, 2014. – С. 65-73.

2. Европейская конвенция о пресечении терроризма. 27 января 1977 г. // Махзани электронӣ: https://rm.coe.int/168007733b (санаи муроҷиат: 27.07.2020).

3. Конвенция о борьбе с незаконным захватом воздушных судов (Гаага, 16 декабря 1970 г.) // Махзани электронӣ: http: //www.alppp.ru/law/pravosudie/48/konvencija-o-borbe-s-nezakonnym-zahvatom-vozdushnyh-sudov.html (санаи муроҷиат: 27.07.2020).

4. Конвенция о борьбе с незаконными актами, направленные против безопасности гражданской авиации (Монреаль, 23 сентября 1971 года) // Маҳзани электронӣ: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions /aviation_security.shtml (санаи муроҷиат: 27.07.2020).

5. Ахбори Маҷдиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1995. № 22. Мод. 322; 1995. № 22. Мод. 320.

6. Международная ковенция о борьбе с бомбовым терроризмом // Маҳзани электронӣ: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions /bombing.shtml (санаи муроҷиат: 27.07.2020).

7. Еделев А. Л. Террористические преступления в международном уголовном праве. Ставрополь, 2001.

8. Иногамова-Хегай Л.В. Международное уголовное право: учебник для бакалавриата и магистратуры / Под общ. ред. А.В. Бриллиантова; отв. ред. А.А. Арямов, Г.А. Русанов. – М.: Издательство Юрайт, 2016. – 358 с.

9. Декларация о мерах по ликвидации международного терроризма // Маҳзани электронӣ: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/ terrdec1.shtml (санаи муроҷиат: 28 июли соли 2020).

10. Международно-правовые основы борьбы с терроризмом: сб. док. – М., 2003. – С. 405-420.

11. Бюллетень международных договоров. – 2003. – № 5. – С. 1023.

12. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 (бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ карда шудааст) // Маҳзани электронӣ: http://www.mmk.tj/img/konsepsiya(2).doc (санаи муроҷиат 03.08.2020).

**Аннотатсия**

**Ҷиноятҳои террористӣ тибқи қонунгузории байналмилалӣ**

Дар мақолаи мазкур муаллифон масъалаҳои терроризм ва фаҳмиши он аз нигоҳи ҳуқуқи байналмилалиро зери таҳлил қарор доданд. Муаллифон қайд мекунанд, ки мафҳуми пурраи ин истилоҳ дар ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ба таври возеҳ нишон дода нашудааст, вале баррасии масъалаи мазур дар доираи ҷиноятҳое амалӣ мешавад, ки онҳо зуҳуроти терроризми байналмилалӣ мебошанд. Бо дар назар доштани ин ҳолат муаллифон доир ба баъзе санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки ба ҷиноятҳои террористӣ бахшида шудаанд, изҳори ақида карданд. Ҳамзамон, дар мақола зикр гардидааст, ки яке аз самтҳои сиёсати ҳуқуқии кишвар ин пурзӯр намудани муқовимат бар зидди терроризм мебошад ва ин шаҳодати тақвият бахшидани ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт аст.

**Аннотация**

**Террористические преступления по международному законодательству**

В настоящей статье авторы расматривают понятие терроризма в соответствии с международным правом. Авторы отмечают, что в международном уголовном праве невозможно встретить обобщенное понятие термина «терроризм». Однако терроризм рассматривается в рамках уголовных преступлений, которые выражаются в международном терроризме. Исходя из этого, в рамках данной статьи авторы проанализировали некоторые международные правовые акты, которые затрагивают вопросы терроризма. В заключении авторы приходят к выводу о том, что указывая в качестве одного из направлений правовой политики страны, правительство присоединяется к международному сообществу в реализации мер противодействия терроризму.

**Annotation**

**Terrorist crimes under international law**

In this article, the authors consider the concept of terrorism in accordance with international law. The authors note that in international criminal law it is impossible to meet with a generalized concept of the term "terrorism". However, terrorism is considered within the framework of criminal offences that are expressed in international terrorism. Based on this, in this article, the authors analyzed some international legal acts that address the issues of terrorism. In conclusion, the authors conclude that by pointing out the country's legal policy as one of the directions, the government joins the international community in implementing measures to counter terrorism.



**Каримов Даврон Бобомуродович,**

*ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: davr_94@list.ru*
*Тел.:(+992) 908-77-78-18.*

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МОДДАҲОИ САХТТАЪСИР Ё ЗАҲРОЛУД БО МАҚСАДИ БА СОҲИБИЯТИ КАСИ ДИГАР ДОДАН МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶА

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, саломатии аҳолӣ, муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир, заҳролуд.*

***Ключевые слова:*** *уголовное законодательство зарубежных стран, уголовная ответственность, здоровье населения, незаконный оборот сильнодействующих и ядовитых веществ.*

***Key words:*** *criminal legislation of foreign countries, criminal liability, public health, illegal circulation of potent and poisonous substances.*

Сиёсати ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ марбут ба муомилоти намудҳои алоҳидаи моддаҳои психоактивӣ, сахттаъсир ва заҳролуд бо эъломияҳо, созишномаҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ муқаррар карда мешавад [1, 34 ]. Ҳамин тариқ, бо дарки зарурати пурзӯр намудани чораҳои мубориза бар зидди муомилоти маводи мухаддир ва моддаҳои писхотропӣ пешбининамуда, дар Конвенсияи ягонаи маводи мухаддир соли 1961, Конвенсияи СММ оид ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ соли 1988, ҳолатҳои кӯмаки мутақобила ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт муайян карда шуданд.

Бояд қайд намуд, ки яке аз шаклҳои асосии ҳамкорӣ оид ба муомилоти ғайриқонунии моддаҳо тадбиқи чораҳои зарурӣ оид ба аз байн бурдани парвариши ғайриқонунии растаниҳои дорои маводи нашъаовар ва бартараф намудани зарари муомилоти ғайриқонунӣ ин маводҳои нашъадор барои саломатӣ; тадбиқи чораҳои зарурӣ оид ба амалӣ намудани назорати қатъии муомилоти маҳсулоти кимиёвӣ, ки метавонанд зараровар бошанд; доруҳои вайроншуда ё мӯҳлати истифодабариашон гузашта ё онҳое, ки ба талаботи техникии муқарраргардида ҷавобгӯ нестанд; доруҳое, ки бо вайрон кардани миқдор ё таркиби арзшудаашон тайёр карда шудаанд; моддаҳои доруворӣ ё моддаҳои қалбакӣ; нӯшокиҳо ё маҳсулоти барои истеъмоли оммавӣ пешбинишуда, ки ба саломатии инсон зарар доранд; маҳсулоте, ки истифодаи онҳо манъ аст ва ба саломатии инсон зараровар аст; нест кардани моддаҳое, барои нобудсозӣ ё барои безараргардонӣ таъин шудаанд; назорати истифодабарии иловагиҳои фаъоли биологӣ ва дигар моддаҳои беиҷозат, ки метавонанд ба саломатии инсон зарар расонанд; моддаҳои сироятӣ ё дигар моддаҳое, ки метавонанд ба саломатӣ зарари ҷиддӣ расонанд; моддаҳои заҳрнок; таҷҳизот барои истеҳсоли моддаҳои заҳрнок дар Конвенсияи СММ соли 1988 зикршуда мебошанд [4].

Ба ақидаи мо, дар Тоҷикистон ба масъалаҳои мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи гардиши ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва ё заҳролуд таваҷҷуҳи кам зоҳир карда мешавад. Дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятии барои муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, инчунин намудҳои гуногуни он аҳамияти махсус дода мешавад. Ҳамзамон, хавфи ҷамъиятии муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахтаъсир ва заҳрнок баҳо дода намешавад. Ғайр аз ин, чи дар қонунгузории миллӣ ва чи дар қонунгузории сатҳи байналмилалӣ тафовут байни предмети ҷиноятҳо, яъне муомилоти ғайриқонунии моддаҳои нашъадор, моддаҳои

психотропӣ, аналогҳо ва прекурсорҳои онҳо, моддаҳои мадҳушкунанда ва масткунанда, моддаҳои психоактивӣ, доруҳои сахттаъсир, иловаҳои фаъоли биологӣ, ки ҳам дар муассисаҳои тиббӣ ва ҳам берун аз он ҳамчун допинг истифода мешавад, муайян нагардидааст.

Бо назардошти он, ки муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд хусусияти ҷинояти муташаккилона ва байналмилалӣ дорад, ҳаллу фасли мушкилоти мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд тавассути амалҳои яктарафа дар сатҳи қонунгузории миллӣ номумкин аст [3, с. 168]. Аз ин рӯ, самти муҳимтарини сиёсати ҷиноятии давлат оид ба назорати гардиши моддаҳои сахтаъсир ё заҳрнок ин иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад. Ғайр аз он, ҳифз ва рушди ҳамкорӣ байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти дахлдори давлатҳои хориҷӣ, инчунин байни идораҳои дигаре, ки гардиши ин моддаҳоро назорат мекунанд, аҳамияти фавқулодда доранд [2, с. 38].

Марҳилаи кунунии таърихи Тоҷикистон бо миқдори пайдоиши намудҳои нави ҷиноятҳо назаррас буда, бештари онҳо ҳамчун ҷиноятҳои хусусияти муташаккилона тавсиф карда мешавад. Ҷиноятҳое, ки ба саломатӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ зарар мерасонанд, аз ҷумла ҷиноят дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд хусусияти муташаккилона ва байналмилалӣ дорад хавфи ҷиддии ҷамъиятӣ дорад. Ин ҷиноятҳо на танҳо ба саломатии шахси муайян, балки ба саломатии гурӯҳҳои муҳими аҳолӣ, дар маҷмӯъ ба бехатарии ҷамъият, таҳдиди хавфи воқеӣ доранд [19, с. 5].

Муомилоти қонунии моддаҳои сахтаъсир ё заҳролуд, аз ҷумла маводи доруврии дорои чунин моддаҳо, тибқи қонунҳо ва дастури муассисаи тиббӣ, ки дар он маводи дорои моддаҳои сахтаъсир ё заҳролуд истеҳсол мегардад, танзим мегардад.Тартиби муомилоти доруҳои дорои моддаҳои сахтаъсир ё заҳролуд бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2010 № 39 «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ»[6], ки тибқи он гардиши маводи доруврии дорои моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд тибқи литсензиякунонии истеҳсоли доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ ба амал бароварда мешавад. Дар ҳолати васеъ намудани истеҳсоли доруворӣ аз ҳисоби шаклҳои нави вояҳо ва намудҳои моддаҳои фармасевтӣ, истеҳсолкунандаи доруворӣ бояд барои истеҳсоли доруврии мувофиқ иҷозатномаи нав гирад [12].

Тавре ки, қаблан қайд карда шуд, сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар соҳаи муқовимат ба гардиши ғайриқонунии маводи сахттаъсир, нашъадор, психотропӣ, қалбакӣ, сахттаъсир бо конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ дар ин соҳа муайян карда мешавад. Ҳамзамон, сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии миллии давлатҳои алоҳида низ дорои хусусиятҳои хоси мубориза бар зидди ин намуд ҷиноятҳо мебошад.

Бояд қайд намуд, ки қонунҳои ҷиноятии кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар самти пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд аз бисёр ҷиҳатҳо ба Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон шабоҳат доранд. Масалан, дар моддаи 275 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Арманистон хариду фурӯши ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳрнокро бо мақсади ба шахси дигар додан ҷиноят ҳисобида мешавад. Зикр кардан бамаврид аст, ки вайронкунии қоидаҳои истеҳсол, харид, нигоҳдорӣ, сабт ё интиқол, фиристодани моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд дар моддаи алоҳида қайд карда шудааст (моддаи 276 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Арманистон). Моддаи 333 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳрнок ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ мекунад. Аммо, дар номи моддаи зикршуда мақсади кирдори мазкур «бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан» нишон дода нашудааст. Илова бар амалҳои алтернативии ин кирдори ғайриқонунӣ, қисми 1 моддаи 333 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус инчунин барои тасарруфи ин моддаҳо ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ мекунад. Ғайр аз он, моддаи 334 Кодекси ҷиноятӣ Ҷумҳурии Беларус барои вайрон кардани қоидаҳои истеҳсол, харидан, нигоҳдорӣ, баҳисобгирӣ, паҳнкунӣ, интиқол ё фиристодани моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, ки аз беэҳтиётӣ гум шуданд, дуздида шудаанд ва ё ба дигар зарари назаррас оварда мерасонад, ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ мекунад [13].

Моддаи 240-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ мекунад. Диспозитсияи ин модда содир намудани амалҳои алтернативиро ба монанди истеҳсол, коркард, хариди ғайриқонунӣ, нигаҳдорӣ, интиқол ё фиристодан бо мақсадҳои ба соҳибияти каси дигар додан, инчунин фурӯши ин моддаҳо ва таҷҳизот барои истеҳсол ё коркарди онҳоро дар бар мегирад. Инчунин барои вайрон кардани қоидаҳои муомилоти моддаҳои сахттаъсир ё захролуд, агар он ба тасарруф аз беэҳтиётӣ ё зарари ҷиддии дигар оварда расонад дар моддаи 240.4 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст [8].

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахтаъсир ва заҳролуд дар моддаи 267 Кодекси ҷиноятии Литва пешбинӣ гардидааст. Ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон намудани қоидаҳо оид ба муомилоти қонунии моддаҳои нашъадор, психотропӣ, заҳрнок ё зуҳравӣ, аз ҷумла агар аз беэҳтиётӣ содир карда шавад, моддаи алоҳида пешбинӣ намудааст [10 ].

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ду меъёр муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳрдорро фаро мегирад. Моддаи 251 «Тасарруфи ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё захролуд» ва моддаи 251.1. «Муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд», ки дар боби XVII «Ҷиноятҳо бар зидди амнияти ҷамъиятӣ» муқаррар гардидаанд. Мавҷудияти таркибҳои зикршуда дар ин боб гувоҳи он аст, ки қонунгузор хавфи муомилоти ғайриқонунии чунин моддаҳоро маҳз дар заминаи эҳтимолияти оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок баррасӣ менамояд, инчунин ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чунин таркибҳо ба монанди ғайриқонунӣ нигоҳ доштани маводи радиоактивӣ (моддаи 252) ё вайрон кардани қоидаҳои коркарди моддаҳои тарканда (моддаи250) пешбинӣ гардидаанд.

Қисми 1 моддаи 251 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои тасарруфи ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролудро бо роҳи дуздӣ ё қаллобӣ ҷавобгариро пешбинӣ мекунад, қ. 2 ва 3 моддаи мазкур таркибҳои бандубастшавандаро дар бар мегиранд. Аз ҷумла, дар қисми 2 моддаи 251 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон таркибҳои бандубастшаванда ба монанди такроран ё аз ҷониби ретсидивити хавфнок содир шудан, бо қасди пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи ҷиноятӣ; бо роҳи азхудкуни ё исрофкорӣ, сӯистифода аз вазифа; бо роҳи ғоратгарӣ; бо роҳи тамаъҷӯӣ; ва қ. 3 бошад - бо роҳи роҳзанӣ, дар ҳаҷми калон, аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ё ба манфиати он пешбинӣ шудаанд.

Моддаи 251-1 «Муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд» мундариҷаи моддаи 206 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) айнан такрор менамояд.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон [9] низ аз бисёр ҷиҳат, аз ҷумла аз рӯи сохтор ва мундариҷа ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шабеҳ аст. Аммо, ба назари мо он тамоюлҳои рушди қонунгузориро дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахтаъсир ва заҳрнок бо назардошти таҷрибаи ҷаҳониро низ дарбар мегирад.

Меъёре, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахтаъсир ва заҳролуд пешбинӣ менамояд дар боби 25-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон «Ҷиноятҳо ба саломатӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ» пешбинӣ шудааст (моддаҳои 246-264). Моддаи 254 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон ба моддаи 206 КҶ ҶТ монанд аст. Дар фарқият аз моддаи 206 КҶ ҶТ [5] моддаи 255 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон ҷавобгариро барои истеҳсол ва фурӯши ғайриқонунии доруҳо, маҳсулоти тиббӣ ва таҷҳизот, ғизои табобатӣ ва иловаҳои фаъоли биологӣ пешбинӣ мекунад, агар дар натиҷаи ин амалҳо аз беэҳтиётӣ ба саломатии шахс зарар расонида шавад ё он ба марги ҷабрдида оварда расонад. Қайд намудан зарур аст, ки дар фарқият аз КҶ ҶТ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии иловаҳои фаъоли биологӣ пешбинӣ гардидааст, ки истифодаи он аз беэҳтиётӣ боиси бад шудани саломатӣ ё боиси марги инсон мегардад.

Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия аз бисёр ҷиҳат ба Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон шабеҳ аст. Дар Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия меъёре, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои вобаста ба гардиши ғайриқонунии

моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок пешбинӣ мекунад, дар моддаи 234, дар боби 25 «Ҷиноятҳо бар зидди саломатии ҷамъиятӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ» пешбинӣ гардидааст. Тибқи ин модда, танҳо ҷиноятҳое, ки бо мақсадҳои ба соҳибияти каси дигар додан ҷазо дода мешаванд. Мазмуни моддаҳои КҶ ҶТ ва Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия монанд мебошанд, қ. 2 ва 3 таркибҳои бандубастшаванда якхела доранд, аммо, мундариҷаи қисми 4 (дар муқоиса бо Кодекси ҷиноятии ҶТ) ҷавобгарии ҷиноятиро барои хунукназарӣ ҳангоми вайрон кардани қоидаҳои гардиши моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок, ки ба дуздии онҳо ё зарари дигар назаррас оварда расонидааст, пешбинӣ менамояд.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон [14] мафҳуми моддаҳои сахтаъсир ҷоё надорад. Моддаи 263 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон барои гардиши ғайриқонунии моддаҳои заҳролуд, инчунин моддаҳо, асбобҳо ё таҷҳизот барои истеҳсол ё коркарди воситаҳои нашъадор, психотропӣ ё заҳролуд истифода мекунад, ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамояд. Моддаи мазкур аз чор қисм иборат мебошад. Қисми 2 барои амалҳои дар диспозитсияи моддаи 263 пешбинигардида ҷавобгариро пешбинӣ менамояд, агар онҳо бо истифода аз таҷҳизот барои истеҳсол ё коркарди воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ содир гардида бошад; қисми 3 дорои чунин аломатҳои бандубастшаванда мебошад: бо истифода аз мақоми хизматӣ, аз тарафи гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, такроран содир намудани ҷиноят; дар қисми 4 уми моддаи 263 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон як аломати бандубастшаванда пешбинӣ гардидааст - содир кардани кирдорҳои номбаршуда аз ҷониби гурӯҳи муташаккил.

Диспозитсияи моддаи 265 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон «Вайрон кардани қоидаҳои муомилоти воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва заҳрнок» қоидаҳои истеҳсол, тайёр намудан, коркард, харид, нигоҳдорӣ, қайдгирӣ, интишор, интиқол, воридот, содирот, фиристодан ё нобуд кардани воситаҳои нашъадор, психотропӣ ва заҳрнокро дар бар мегирад, агар ин кирдор аз ҷониби шахсе содир карда шавад, ки риояи ин қоидаҳо ба ухдадориҳои касбии ӯ бошанд. Қисми 2 моддаи барои оқибатҳои вайрон кардани ин қоидаҳо, ки аз беэҳтиётӣ ба тасарруф ё расонидани дигар зарари ҷиддӣ оварда мерасонанд ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Бояд қайд кард, ки тарҳи ин меъёр аслан ба моддаи 200 КҶ ҶТ, бо илова намудани истилоҳи моддаҳои заҳролуд шабоҳат дорад,

Тафовути қоидаҳои ҷавобгарӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттахсир ва заҳролуд мутобиқи Кодекси ҷиноятии Украина, хусусиятҳои хоси худро дорад, гарчанде ки қонунгузории ҷиноятии кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар асоси Кодекси намунавии ҷиноятии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таъсис ёфтааст, ки онро муайян мекунад [7].

Дар Кодекси ҷиноятии Украина ҷиноятӣ марбут ба муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахтаъсир ва заҳролуд дар моддаи 321 пешбинӣ гардидааст, ки дар фасли XIII кодекси ҷиноятӣ ҷоигир шудааст [15]. Моддаи 321 Кодекси ҷиноятии Украина «Истеҳсолоти ғайриқонунӣ, тайёр, харид, интиқол, фиристодан, нигаҳдорӣ бо мақсади ба соҳибияти шахси дигар додани моддаҳои заҳролуд ё сахттаъсир ё дорувориҳои заҳролуд ё сахттаъсир аз панҷ қисмат иборат мебошад.

Ғайр аз ин, моддаи 323-и Кодекси ҷиноятии Украина, ки ҷавобгариро барои моил намудани ноболиғон ба истифодаи допинг пешбинӣ менамояд ҷолиби диққат мебошад, чунки қонунгузории Тоҷикистон чунин меъёрро дар бар намегирад. Тибқи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон допинге , ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок танҳо дар он ҳолат эътироф мегардад, ки агар онҳо ба ягон категорияи моддаҳои сахттаъсири аз тарафи давлат назоратшаванда дохил шаванд (маводи нашъадор, психотропӣ ё ҳаммонанди онҳо, сахтаъсир, заҳролуд) ё дорои хусусиятҳои зуҳравӣ ё масткунанда буда, дар қисми дахлдори Кодекси ҷиноятӣ барои онҳо ҷазо пешбинӣ карда мешавад.

Дар моддаи 210-и Кодекси ҷиноятии Эстония барои истеҳсол, харид, нигоҳдорӣ, интиқол ё фиристодани ғайриқонунии маводи мухаддир ё моддаҳои заҳрнок, ки ба маводҳои психотропӣ дохил намешаванд ва ё фурӯши ғайриқонунии маводи мухаддир ё моддаҳои заҳролуд ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст [17].

Кодекси ҷиноятии Латвия (моддаи 248 Кодекси ҷиноятии Латвия) ҷавобгариро барои истеҳсол, харид, нигоҳдорӣ, фурӯш ё интиқол додани моддаҳои заҳрнок ва сахттаъсир пешбинӣ менамояд [11].

Ҳамин тавр бояд қайд намуд, ки меъёрҳои қонунҳои ҷиноятии кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҷавобгарии ҷиноятиро барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳрнок пешбинӣ менамоянд, ба моддаи 206 КҶ ҶТ монанд мебошанд. Тафовути асосӣ аз, моддаи 206 КҶ ҶТ дар он аст, ки дар аксарияти онҳо моддаҳои дахлдор барои вайрон кардани қоидаҳои муомилоти қонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд ҳамчун кирдори мустақили ғайриқонунӣ эътироф мегардад, ки ба назари мо ин дуруст аст.

Мавриди зикр аст, ки дар баъзе кишварҳо ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ аҳамияти калон дода мешавад ва мушкилотҳои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва ё заҳролуд барои мақсадҳои ба соҳибияти шахси дигар супоридан сарфи назар карда мешавад. Ҳамин тавр, дар Кодекси ҷиноятии Швейтсария барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳрнок ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ нашудааст [16].

Инчунин Ҷопон, ки кишвар ё ватани тавлидкунандаи қонунии зиёда аз 60 намуди кимиё мебошад, ки метавонанд дар истеҳсоли моддаҳои гуногуни психоактивӣ истифода шавад[20]. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷопон ҷавобгари танҳо барои амалҳои ғайриқонунии марбут ба афюн ва ҳосилаҳои он мушоҳида мешавад [18]. Амалҳои ғайриқонунӣ бо моддаҳои сахтаъсир ё заҳролуд, инчунин вайрон кардани қоидаҳои фурӯши моддаҳои сахтаъсир ё заҳрнок ба Кодекси ҷиноятии Ҷопон дохил намешаванд.

Ҳамин тавр, қайд намудан зарур аст, ки дар баъзе кишварҳои хориҷӣ ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ таваҷҷӯҳи зиёд дода мешавад. Ҳамзамон, мушкилоти муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳрнок барои мақсадҳои ба соҳибияти каси дигар додан, ки ба саломатии аҳолӣ таҳдиди ҷиддӣ дорад, ба инобат гирифта намешавад. Дар баъзе кишварҳо, ба ғайр аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои гардиши ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, барои хариду фурӯши ғайриқонунии таҷҳизот барои истеҳсол ё коркарди ин моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд ҷавобгарии ҷиноятӣ вуҷуд дорад. Ба ақидаи мо, дар масъалаи тақсимоти масъулият барои муосилоти ғайриқонунӣ ва вайрон кардани қоидаҳои гардиши қонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан истифодаи таҷрибаи мусбӣ кишварҳои хориҷӣ ҳангоми баррасии қоидаҳо оид ба ҷавобгарӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳрнок барои мақсадҳои ба соҳибияти каси дигар додан мувофиқи мақсад мебошад.

Асоси мубориза бар зидди муосилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок бо мақсадҳои ба соҳибияти каси дигар додан ҳамкориҳои байналмилалӣ ташкил медиҳанд, ки ба ҳамкории доимии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти дахлдори кишварҳои хориҷӣ, инчунин дигар мақомоте, ки гардиши ин моддаҳоро назорат мекунанд, асос ёфтааст. Заминаи меъёрӣ, ки гардиши моддаҳои заҳрнок ва заҳролудро ба танзим медарорад, бисёр соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятро фаро мегирад тиб, дорусозӣ, саноат, варзиш ва ғайра. Масъалаҳои таҳлил ва шарҳи мафҳумҳои моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд дар санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ чи дар миқёси умумидавлатӣ ва чи дар сатҳи байналмилалӣ дар муқоиса бо мафҳуми маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ дуюмдараҷа буда, баъзан умуман шарҳ дода намешаванд.

Ба ақидаи мо, сиёсати мавҷудаи ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон хавфи мушаххаси гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор, психотропӣ, муайян карда, ба мушкилоти муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд, риоя нагардидани қоидаҳои махсуси гардиши қонунии онҳо ва масъалаҳои муомилоти ғайриқонунии таҷҳизот барои истеҳсол ва коркарди ин моддаҳо аҳамият намедиҳад. Илова бар ин, дар сатҳи қонунгузорӣ фарқияти возеҳ байни предмети ин ҷиноятҳо мавҷуд нест, яъне фарқият байни чунин ашёҳо ҷой надорад: моддаҳои психотропӣ, маводи мухаддир, аналогҳо ва прекурсорҳои онҳо, заҳролудкунанда, моддаҳои психоактивӣ, доруҳои сахттаъсире, ки дорои чунин моддаҳо мебошанд, иловаҳои фаъоли биологие, ки ҳам дар муассисаҳои тиббӣ ва ҳам

берун аз он истифода мегарданд, маводҳои дар таркибашон моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок дошта, ки ҳамчун допинг истифода мегарданд, ҳама гуна шаклҳои истифода, омехтаҳо ва маҳлулҳо, вояҳо, инчунин намакҳо, изомерҳо, эфирҳо ва ғайра.

Ҳамин тавр, ба ақидаи мо такмили меъёрҳои мавҷудаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи ворид кардани аломатҳои бандубастшаванда ба монанди қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ аз қабили: субъекти махсуси ҷиноят, миқдори махсусан калони моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, инчунин ҳолатҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ҳолати ихтиёран супоридани моддаҳои сахттаъсир ва заҳрдор ва мусоидат дар ошкорнамоии ҷиноят, инчунин пешбини намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок мувофиқи мақсад мебошад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Быкодорова Л.В. Линия законности в уголовной политике и направления дальнейшего совершенствования уголовного законодательства: автореф. дис. .. канд. юрид. – Ставрополь, 1999. – С. 34.
2. Дворецкий М.Ю., Комиссаров В.С. Современная уголовно-правовая политика в области незаконного оборота наркотических средств, психотропных веществ и их аналогов // Вестник Московского университета. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 2008. – № 2. – С. 38.
3. Карпец И.И. Преступления международного характера. – М., 1979. – С. 168.
4. Конвенция Организации Объединенных Наций о борьбе против незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ // Сборник международных договоров СССР и Российской Федерации. Вып. XLVII. М., 1994. – С. 133-157.
5. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 20.06.2019.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» аз 6 августи соли 2010. № 39.
7. Модельный уголовный кодекс // Приложение к «Информационному бюллетеню» Межпарламентской Ассамблеи государств-участников Содружества Независимых Государств, 1996. – № 10. – С. 85-213.
8. Уголовный кодекс Азербайджана [Электронный ресурс] URL: http: // crimpravo.ru /codeks/az (дата обращения: 04.06.2015).
9. Уголовный кодекс Кыргызской Республики от 1 октября 1997 г. № 68 [Электронный ресурс] : с изм. и доп. по сост. на 25 января 2013 г. Информационная система «Параграф». URL: http://online.adviser.kg/ Document/?doc_id=30222833&page=1.
10. Уголовный кодекс Латвии. / науч. ред. А И. Лукашова и Э.А. Саркисовой. СПб:Юридический центр Пресс, 2005.
11. Уголовный кодекс Литвы. / под ред. В. Павилониса. СПб: Юридический центр Пресс, 2003.
12. Уголовный кодекс Республики Армения: офиц. изд. / издание и официальная инкорпорация - Министерство юстиции РА. Ереван, 2004.
13. Уголовный кодекс Республики Беларусь. Минск: Амолфея, 2014.
14. Уголовный кодекс Республики Казахстан [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://continent-online.com (санаи муроҷиат: 04.05.2018).
15. Уголовный кодекс Украины от 5 апреля 2001 г. № 2341-III [Электронный ресурс]: с изм. и доп. от 21 января 2010 г. URL: http://search.ligazakon.ua.
16. Уголовный кодекс Швейцарии. [Электронный ресурс] URL: http: // crimpravo.ru /codeks/swets/1 (дата обращения: 01.06.2015).
17. Уголовный кодекс Эстонии [Электронный ресурс] URL: http: // crimpravo.ru /codeks/est/2 (дата обращения: 01.06.2015).
18. Уголовный кодекс Японии [Электронный ресурс] URL: http: // crimpravo.ru /codeks//japan1 (дата обращения: 07.06.2015).
19. Drug and Enforcement Handbook // U.S. Department of Justice Drug Enforcement Administration. 1997. Ch. XIII. – P. 5.
20. Revisiting The Hidden Epidemic' a situation assessment of drug use in Asia in the context of HIV/ AIDS. Japan, 2001. – P. 111
21. .

**Аннотация**

**Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан мутобиқи қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷа**

Дар мақолаи мазкур таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан мутобиқи қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Яке аз кирдорҳои ҷиноятие, ки ба саломатии аҳолии кишвар бевосита таҳдид менамояд ин муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан мебошад.

**Аннотация**

**Сравнительно-правовой анализ уголовной ответственности за незаконный оборот сильнодействующих или ядовитых веществ с целью сбыта по уголовному законодательству зарубежных стран**

В этой статье проведен сравнительно-правовой анализ уголовной ответственности за незаконный оборот сильнодействующих или ядовитых веществ с целью сбыта по уголовному законодательству зарубежных стран. Одним из преступных деяний, непосредственно угрожающих здоровью населения страны, является незаконный оборот сильнодействующих или ядовитых веществ с целью сбыта.

**Annotation**

**Comparative-legal analysis criminal liability for illegal circulation of potent or poisonous substances for the purpose of marketing under the criminal legislation of foreign countries**

This article examines a comparative legal analysis of criminal liability for illegal trafficking in potent or poisonous substances for the purpose of marketing under the criminal legislation of foreign countries. One of the criminal acts that directly threaten the health of the country's population is the illegal circulation of potent or poisonous substances for the purpose of marketing.

**12.00.09 – МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ**
**12.00.09 – УГОЛОВНЫЙ ПРОЦЕСС**



**Хоҷаева Наргис,**

*муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ*
*ва назорати прокурории факултети*
*ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*Тел.:(+992) 918-65-82-88*

# МАФҲУМИ ҶАМЪ КАРДАН ВА ТАФТИШИ ДАЛЕЛҲО ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

***Калидвожаҳо:*** ҷараёни исботкунӣ; субъектони исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ; ҷамъ овардани далелҳо; санҷиши далелҳо; таҳқиқи далелҳо мақсади санҷиш.

***Ключевые слова:*** процесс доказывания; субъект доказывания в уголовном процессе; собирание доказательств; проверка доказательства; исследование доказательства; цель проверки.

***Keywords:*** process of proof; subject of proof in the criminal process; collecting proofs; monitoring proofs; evidence based; the purpose of the monitoring.

Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои боэътимоди ҳуқуқӣ дар самти бознигарӣ ва аз нав қабул кардани қонунҳои ҷавобгӯй ба стандартҳои байналмилалӣ ва ифодакунандаи ҳуқуку озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ ба вуҷуд омад [26, с. 210]. Дар ҳамин замина 3 декабри соли 2009 Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуда аз 1-апрели соли 2010 ба ҳукми амал даромад [10].

Мусаллам аст, ки далелҳо бо кадом роҳу восита ҷамъ оварда мешавад, асосаш бояд қонунӣ бошад ва на танҳо дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳу воситаи ҷамъоварии он нишон дода шуда бошад, балки ба талаботи принсипҳои баҳодиҳии далелҳо аз рӯи мансубият, имконпазирӣ, саҳеҳ будан ва ҳамаи далелҳои ҷамъовардашуда дар маҷмӯъ аз ҷиҳати кифоя будан ҷавобгӯ бошад.Яке аз вазифаҳои қонунгузории мурофиавӣ- ҷиноятӣ ин зуд ва сари вакт ошкор намудани ҷиноят, муқаррар намудани шахсияти ҷинояткор, муайян намудани сабабҳое, ки барои содир кардани ҷиноят мусоидат мекунад ва татбиқ намудани ҷазои сазовор ба ҷинояткорон мебошад, ки дар амалӣ шудани ин вазифаҳо, далелҳо мавқеъи асосиро ишғол менамоянд. Дар ҷамъ овардани далел, санҷишу баҳо додани он дар парвандаи

нобуд шудани далелҳо, беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва баръакс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дур кардани шахсони гунаҳгор, бандубасти нодурусти кирдори онҳо, ҷиноятӣ нақши макомоти таъқиботӣ, аз ҷумла макомоти прокуратура ниҳоят калон буда, билохира ба хулосаву қарорҳои мақомоти таъқиботи, далелҳои ҷамъовардашуда аз нигоҳи адлу инсоф аз ҷониби суд баҳо дода мешавад[1,с.14]. Қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ ва ҷиноятӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ҷамъият, ташкилоту корхонаҳои давлатию ғайридавлатӣ ва шаҳрвандон, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, сари вақт ошкор ва тафтиш намудани ҷиноятҳо, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони ҷиноят содиркарда, риоя намудани меъёрҳои мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ, кафолати ҳимояи манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва дигар шахсон тартиби муайянеро муқаррар намудааст, ки иҷрою риояи онҳо барои мақомоти судӣ, прокуратура, тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ, инчунин барои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳатмӣ мебошанд[8].

Дар рафти тафтиши пешакӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ, талаботи қонуни мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми ҷамъ овардан ва баҳодиҳии далелҳо, бандубасти кирдори айбдоршавандаҳо, баъзан аз ҷониби прокуророн, муфаттишон ва шахсони таҳқиқбаранда риоя карда намешавад, ки чунин амалҳо боиси қабули қарорҳои ғайриқонунӣ, ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ва риоя накардани мухлатҳои тафтиши пешакӣ мегарданд. Ин шахсони масъули баррандаи тафтишотро вазифадор менамояд, ки

ҳангоми ҷамъоварӣ ва санчиши ин далеҳо талаботҳои муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавӣ - ҷиноятиро ба таври пурра риоя намоянд. Дар амалӣ намудани ин вазифаҳо аз дастовардҳои илмҳои дигар, ба монанди мантиқ, психология, криминалистика, криминалистикаи судию тиббӣ ва ғайрахо истифода бурдан ба манфиати кор буда, мумкин аст, ки ҳангоми истифодабарии онҳо хама гуна шубҳаҳо, ноаниқиҳо, бартараф карда шаванд.Масъалаи ҷамъ кардан ва санҷидани далелҳо дар назария ва амалияи мурофиаи судии ҷиноятӣ мариди таваҷҷуҳи хоса қарор гирифтааст. Дар давоми солҳои охир дар иртибот ба масъалаи баррасишаванда чандин рисолаҳои номзадӣ ҳимоя шудаанд [27, с 213].

Махсусан масъалаи вобаста ба далелҳо мавзӯи асосии баррасии рисолаҳои номзадии А.О.Бестаев, А.Л.Арипов, В.А. Пономаренков Костенко Роман Валерьевич, Балашкина В.С, Карнеева Л.М., Лазарева В.А, Якубович Н.А, Минковский Г.М, ва ғайраҳо қарор гирифтаанд. Ҳарчанд дар иртибот ба мавзӯи баррасишаванда корҳои илмии муайян ба тасвиб расида бошанд, ҳам паҳлуҳои алоҳидаи он ниёз ба таҳқиқи иловагиро доранд [28, с. 38].

Ҷамъоварии далел аз тарафи олимони криминалист ва соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ба таври гуногун шаҳр дода шудааст, вале бояд диққати махсусро ҳатман дар элементи (унсур) ҳамчун мустаҳамкунии мурофиавӣ ва ё қайдкунии далелҳо бояд кард[30, с.95].

Ҷамъ кардан, санҷидан ва баҳогузорӣ ба далелҳо чун анъана дар қонунгузории мурофиавии аксарияти давлатҳои аъзои ИДМ яке аз се элементи раванди исботкунӣ эътироф карда мешавад[30, с.99].

Аксарияти олимони соҳа дар зери мафҳуми ҷамъоварии делелҳо ошкор намудан ва ба таври дахдлор барасмият даровардани ҳолатҳоеро меноманд, ки ба ҳалли дурусти парвандаҳо аҳамият доранд[25, с.702].

Ҷамъоварии далелҳо унсури аввалин ва асосии ҷараёни исботкунӣ буда оид ба мафҳуми он нуқтаи назари ягона ҷой надорад. Моҳияти ҷамъоварии далелҳо то ба ҳол ба таври гуногун муайян карда мешавад. Масалан; А.И. Винберг зери мафҳуми ҷамъ овардани далелҳо: “маҷмӯи ҳаракатҳое, ки далелҳо дарёфт, сабт ва нигоҳ дошта мешаванд” мефаҳмад [7, с. 16-17].

Н.В. Терзиев бошад, ба ҷамъ овардани далелҳо дарёфтро шомил надониста, тадқиқоти далелҳоро ворид сохт [7, с. 6].

Фикри олими номбурдаро С.П. Митричева, В.П. Колмакова ва Л.М. Карнеева дастгирӣ намудаанд [11, с. 33].

А.М. Ларин бошад мафҳуми ҷамъ овардани далелҳоро чунин шарҳ додааст: «марҳилаи мустақилонае, ки ба ҷустуҷӯ, дарёфт ва мустаҳкамкунии далелҳо робита дорад» [14, с. 91].

Мувофиқи ақидаи М.С. Строгович дар зери мафҳуми ҷамъ овардани далелҳо – дарёфт, ҳаллу фасл ва мустаҳкамкунии далелҳо фаҳмида мешавад [22, с. 258].

Бояд қайд намуд, олимони дигар низ фикру ақидаҳои худро оиди ин масоил пешниҳод кардаанд, ба монанди: П.А. Лупинская [16, с.52], С.А. Шейфер [31, с. 131], А.Р. Ратинов, И. Б Михайловская [20, с. 35] ва ғайраҳо. Мафҳуми муайяннамудаи А.И. Винберг ба ҳақиқат наздик аст [7, с. 16-17].

Ҳамчунин гурӯҳи дигари олимон дар зери мафҳуми ҷамъоварии далелҳо ин аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ иҷро намудани амалҳои муайянеро оид ба ошкор намудан ҷамъ овардан ва мустаҳкам намудани далелҳо меноманд [12, с. 612].

С.А. Шейфер моҳияти ҷамъ кардани далелҳоро ҳамчун воситаи ҷустуҷӯ, дарк кардан ва мустаҳкам кардани иттилоот оид ба исботкунӣ маънидод мекунад [32, с. 18]. Зимни таҳқиқоти илмии хеш оид ба моҳият ва воситаҳои ҷамъоварии далелҳо ӯ падидаи ҷамъ кардани далелҳоро ба сифати унсури нахустини ҷараёни исботкунӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ба андешаи ӯ моҳияти ҷамъ кардани далелҳо ин аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд татбиқ намудани воситаҳои гуногуни бо қонун муқарраршуда иборат буда, дар худ маҷмӯи усулҳои гуногуни дарккуниро фаро мегиранд. Ҳамзамон мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд барои ошкор, дарк кардани маълумоти воқеӣ оид ба ҳодисаи таҳқиқшаванда, инчунин ба расмият даровардани маълумот бо мақсади истифодаи минбаъдаи он барои муқаррар кардани ҳақиқат дар бар мегирад [31, с. 34].

Дар пайванди ба ин масъала Л.Д. Кокорев бошад, чунин андеша дорад, ки моҳияти

падидаи ҷамъ овардани далелҳоро ин раванди ҷустуҷӯ ва дарёфти сарчашмаи иттилооти дахлдор, маълумот оид ба фактҳое, ки аҳамияти исботкуниро доранд, ташкил медиҳад. Ӯ чунин меҳисобад, ки далелҳои ҷамъовардашуда танҳо дар сурати бо тартиби муқарраркардаи қонун ба расмият дароварда шуданашон, аҳамияти ҳуқуқӣ пайдо мекунанд. Риояи шакли мурофиавии ошкор ва мустаҳкам кардани далелҳо кафолати дахлдори нигоҳдории далелҳо ба ҳисоб рафта, барои санҷидан, баҳодиҳии далел ва истифодаи он барои асоснокии хулоса оид ба кор мусоидат менамоянд [13, с. 211].

Мувофиқи нуқтаи назари олими рус П.А. Лупинская ҷамъ кардани далелҳо гуфта ин аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд бо тартиби муқарраркардаи қонун ба амал баровардани амалҳои мурофиавие фаҳмида мешавад, ки бо мақсади дарёфт, талаб кардан, ба даст овардан ва бо тартиби муқарраршуда мустаҳкам намудани далел равона шудаанд [17, с. 612].

Муҳимияти ин унсури раванди исботкунӣ дар он ифода меёбад, ки дар умум тамоми амалҳои дигар бо далелҳо (санҷидан ва баҳодиҳии далелҳо) маҳз дар муносибат бо далелҳои ҷамовардашуда анҷом дода мешаванд. Қонунгузорӣ нисбат ба раванди исботкунӣ талаботҳои ҷиддӣ пешниҳод менамояд. Риоя накардани онҳо боиси беэътибор эътироф кардани далелҳо мегардад. Ҷамъ кардани далелҳо яке аз унсурҳои муҳими раванди исботкунӣ ба ҳисоб рафта нақши муассир дорад. Зимнан бояд чунин хулоса кард, ки ҳангоми ҷамъ овардани далелҳо субъектони ваколатдор аз доираи васеи объект ва ашёҳои олами моддӣ, ки ба парвандаи баррасишаванда иртибот доранд, маълумот ба даст меоранд. Минбаъд танҳо он маълумотҳое, ки ба таври дахлдор дар ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ ба расмият дароварда шудаанд, метавонанд ҳамчун далел эътироф шаванд. Бояд қайд намуд, ки тамоми амалҳои мазкур дар маҷмӯъ ба ташаккулёбии далел ба мазмуни мурофиавиаш мусоидат менамояд.Тавре, ки В.С. Балашкин ишора менамояд, дарки нодурусти моҳияти раванди исботкунӣ, ҳамчунин табиати далел дар мурофиаи ҷиноятӣ баъзан ба чунин хулоса меорад, ки гӯё далелҳо дар шакли тайёр ва омодашуда дарёфт, ҷамъоварӣ ва ба даст оварда мешаванд [6, с. 6].

Ҳол он ки воқеият он аст, ки пеш аз ҷамъоварии далелҳо аз ҷониби субъектони дахлдор як силсила амалҳои мурофиавӣ бо мақсади дарёфт, баррасӣ ва мустаҳкам намудани маълумотҳо анҷом дода мешаванд. Мазмуни ҳар кадоме аз ин амалҳоро муфассалтар дида мебароем. Дарёфти маълумотҳо – аз амалҳои фаъолонаи субъектони тафтишоти пешакӣ иборат буда, бо мақсади ҷустуҷӯ ва ошкор намудани маълумотҳои воқеие равона шудааст, ки минбаъд аз рӯйи нишонаи мансубият метавонанд ҳамчун далел оид ба парвандаи ҷиноятӣ эътироф карда шаванд. Одатан амалҳое, ки баҳри дарёфти далел нигаронида шудаанд, метавонанд гуногун бошанд. Масалан, ин амалҳо метавонанд бо мақсади муқаррар кардани шахсе, ки шоҳиди ҷинояти содиршуда мебошанд; ҷиҳати дарёфти молумулки дуздидашуда, олоти ҷиноят ва ғ., анҷом дода шаванд. Дар ҷараёни ба амал баровардани фаъолияти мазкур одатан масъулини пешбурди тафтишоти пешакӣ такя ба онҳо дурнамои амалҳои минбаъдаи худро муайян мекунанд. А.М. Ларин бисёр ба маврид зикр менамояд, ки одатан ҷамъ овардан ва баҳо додан ба далелҳо ҳамчун унсурҳои таркибии раванди исботкунӣ ба ҳам бисёр наздиканд [15, с. 4]. Масалан, бо такя ба маълумотҳои нахустини баҳодиҳӣ роҳи минбаъдаи ҷамъоварии далелҳоро равшан менамояд, дар навбати худ маълумотҳои нави ба даст омада ба мазмун ва хусусияти далел тағйирот ворид менамоянд.

Воситаҳои асосии ҷамъоварии далелҳо, амалҳои тафтишотӣ ва судӣ мебошанд, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокурор ва суд анҷом дода мешавад. Вобаста ба ин масъала Алексеев М, чунин қайд намудааст, ки амалҳои тафтишотӣ танҳо бо мақсади ҷамъоварии далелҳо гузаронида мешаванд [2, с. 176].

Фикри олимонро ҷамъбаст намуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҷамъоварии далел ин фаъолияти мурофиавиест, ки аз ҷониби таҳқиқбаранда муфаттиш, суд ва судя таввасути гузаронидани амалҳои тафтишӣ

ва дигар амалҳои мурофиавӣ ба мақсади ошкор намудан, дарёфт ва ба расмиятдарории

Далелҳо бо назардошти як қатор шартҳои мурофиавӣ ва криминалистӣ ҷамъ оварда мешаванд. Ҳангоми ҷамъоварии далелҳо риояи бечунучарои талаботи қонуният зарур аст.

- ҷамъоварии далелҳо танҳо бо тартиби муқарраркардаи қонун;
- истифодаи усулҳои ҳуқуқии ҷамъоварии далелҳо танҳо дар доираи расмиёти мурофиавии онҳо, ки қонун муайян кардааст;
- ҷамъоварии далелҳо танҳо аз ҷониби шахси ваколатдори қонун;
- холисӣ ва беғаразӣ дар ҷамъоварии далелҳо;

Мутобиқи моддаи 86-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъ овардани далел дар ҷараёни таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур анҷом дода мешавад [10].

Ҷамъ кардани далелҳо асосан дар давраи тафтишоти пешакӣ, омодагӣ ба ҷаласаи судӣ ва муҳокимаи судӣ бо роҳи гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст, ба амал бароварда мешавад. Вале бояд қайд намуд, ки масъулияти асосӣ оид ба ҷамъ кардани далелҳо ба дӯши муфаттиш ва таҳқиқбаранда рост меояд. Аз заҳмату кӯшиш ва фаъолияти онҳо дар ин самт вобастагиҳои зиёд аст. Аз ҷониби онҳо асосҳои мурофиавӣ барои қабули минбаъдаи ҳукм омода карда мешаванд.Онҳо ҳуқуқи хато карданро надоранд. Зеро ислоҳ ва бартараф кардани онҳо замоне, парванда аллакай ба суд ворид шудааст, бинобар сабаби аз даст рафтани вақт ва эҳтимолияти зиёд гум шудани изу осори ҷиноят, имконпазир аст. Гузашта аз ин мувофиқи муқаррароти моддаи қисми 2, моддаи 20-уми Кодекси мурофиавии ҷинояти Ҷумҳурии Тоҷикистон суд мақомоти таҳқиботи ҷиноятӣ нест ва тарафи айбдоркунанда ё ҳимояро ҷонибдорӣ намекунад. Суд барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии тарафҳо шароит муҳайё мекунад[9].

Саривақт ҷамъоварии далелҳо барои интихоби дурусти лаҳзаи гузаронидани ин ё он як амалиёти тафтишотӣ ҷиҳати ҷамъоварии далелҳо хеле муҳим аст. Агар ин амал

мурофиавӣ маълумот равона шудааст [30, с. 101].

таъхирнопазир бошад, пас он бояд фавран, ҳангоми зарурат гузаронида шавад; агар вақти чунин амал бо ҳама гуна мулоҳизаҳои тактикӣ муайян карда шавад, он бояд аз ҷониби муфаттиш ё суд низ ба назар гирифта шавад.Кафолатҳои зарурии боэътимоди иттилоот оид ба далелҳои гирифташуда бояд риоя карда шаванд. Ин шарт, пеш аз ҳама, тавассути интихоби манбаъҳои боэътимоди далелҳо таъмин карда мешавад; дуюм, бо риояи он шартҳои тактикӣ ва усулҳои тафтишот, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои мӯътамад замина фароҳам меоранд; сеюм, истифодаи чунин василаҳои техникӣ, ки далелҳои пурра, дақиқ сабт ва боэътимод нигаҳдорӣ мешаванд [22, с. 258].

Омӯзиши мушкилоти ҷамъоварии далелҳо аҳамияти ҳалкунанда дорад. Амалия нишон медиҳад, ки хатогиҳо дар ҷамъоварии далелҳо ҳангоми тафтишоти пешакӣ ва судӣ хеле маъмуланд. Аксар вақт, онҳо ба муайян накардани гунаҳгорон ё баровардани ҳукми беасос оварда мерасонанд, ки ин то андозае ба набудани ғояҳои ягонаи илмӣ дар бораи моҳияти ҷамъоварии далелҳо ва омилҳое, ки пуррагӣ ва дақиқии инъикоси далелҳоро дар парванда муайян мекунад, мусоидат мекунад.Бо мақсади таъмин намудани эътимоднокии маълумоти бадастомада ва имкони санҷиши он, қонунгузор муқаррар менамояд, ки кӣ, дар куҷо ва чӣ гуна метавон далелҳоеро, ки дар асоси он ҳолатҳои парванда муқаррар шудаанд, ба даст оварад. Қонун номгӯи мукаммали манбаъҳои ба даст овардани маълумот оид ба парванда ва дар робита бо ҳар як манбаъ - тартиби гирифтан (пурсиш, тафтиш ва ғайра) ва сабти маълумоти гирифташударо дар шакли мурофиавии дахлдори парванда муайян менамояд.Чи тавре, ки дар боло қайд кардем, ҷамъ овардани далелҳо марҳилаи якуми ҷараёни исботкунӣ мебошад. Дар ин марҳила далелҳо ҷамъ оварда шуда, барои муайян намудани ҳақиқат лозим меоянд. Дар ҳама гуна ҳолат ҳангоми баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятӣ ҳақиқат бояд муайян ва муқаррар карда шавад. Лекин, далелҳои ҷамъ овардашуда бояд, ки ба таври дақиқ тафтиш карда шаванд.

Ҳамин тариқ, воситаи ҷамъоварии далелҳо ба табиати ҳар як намуди далел хос буда, тартиби мурофиавии, ба даст овардан ва

мустаҳкам намудани онҳо дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст. Риояи талаботҳои бо қонун пешбинишуда, ки ба тартиб ва воситаҳои ҷамъоварии далелҳо мансубанд, яке аз кафолатҳои муҳими боътимодӣ ва ҳақиқати воқеии донишҳои мо оид ба муқаррар кардани ҳолатҳои кор мебошад.

**Тафтишии далелҳо.** Мувофиқи моддаи 21 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи ҳолатҳои исботшаванда доир ба парвандаи ҷиноятӣ бояд ҳамаҷониба, пурра ва холисона санҷида шаванд[9].

Қонун шахсони ваколатдори мақомотҳои таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокурор ва судро вазифадор менамояд, ки ҳамаи далелҳои ҷамъовардашударо оиди парвандаи ҷиноятӣ бодиққат, ҳаматарафа ва холисона мавриди санҷиш қарор диҳанд.

**Тафтиши далелҳо** зинаи минбаъдаи исботкуниро ташкил медиҳад. Ягон далел то ба кадом дарахае, ки боваринок ва бенуқсон набошад, насанҷида барои хулоса баровардан асос шуда наметавонад, ҳам мазмуни далел ва ҳам боэътимод будани манбаи он дар ягонагӣ бояд мавриди санҷиш қарор дода шаванд. Тафтиши ҳар як далели алоҳида бо роҳи муқоиса намудани вай бо дигар далелҳо, пайдо кардани зиддияти байни онҳо ва муайян кардани сабабҳои зиддият байни онҳо гузаронида мешавад[27, с.216].

**Мақсади асосии санҷидани далелҳоро** – дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ ин муайян намудани сифат ва хусусиятҳои далел- аз қабили саҳеҳӣ, имконпазирӣ, боътимодӣ ва кофигии далелҳо ташкил медиҳад[30, с.103].

Дар адабиётҳои мурофиавӣ оиди мафҳуми тафтиши далелҳо назари ягона ва аниқ вуҷуд надорад. Ба ақидаи М. С. Строгович “Тафтиши далелҳо, ин пеш аз ҳама муайян намудани дурустӣ ё нодурустии далелҳо мебошад” [23, с. 99-100]. А.И. Трусов бошад, мафҳуми тафтиши далелҳоро бо мафҳуми баҳодиҳии далелҳо алоқаманд медонад [24, с. 86-89с].

Истилоҳи “тадқиқоти далелҳо”- ро бошад, П.Ф. Пашкевич чунин маънидод мекунад. П.Ф. Пашкевич зери тадқиқоти далелҳо: фаъолияти субъекти исботкунӣ оиди омӯхтан ва тафтиш кардани далелҳоро мефаҳмад. Инчунин, ӯ қайд менамояд, ки маҳз дар натиҷаи моҳирона тадқиқ намудани далелҳо, имконияти ба онҳо баҳои дуруст додан ба вуқӯъ мепайвандад [21, с. 171].

Истилоҳи “тадқиқот” дар қонун назар ба тафтиш васеътар истифода мешавад. Тадқиқот ҳамчун ҷараёни ба даст овардан ва тафтиш кардани маълумот дар назар дошта мешавад. А.Р.Белкин бошад, ҷамъ овардан ва тафтиш кардани далелҳоро аз ҳам ҷудо намекунад (маҳз истилоҳи тафтишро) истифода менамояд ва ақидаи худро ба он асоснок мекунад, ки ҳам ҷамъ овардани далелҳо ва ҳам тафтиши далелҳо бо як методи умумӣ ба танзим дароварда мешавад [3, с. 86-88].

Лупинская П.А қайд мекунад, ки қоидаҳои ҷамъоварӣ ва санҷидани далелҳо дар қонун чунин муқаррар гардидаанд, ки натиҷаи дарккунӣ ва имконияти қабули қарори мувофиқро дар асоси иттилооти бадастовардашуда таъмин мекунад [18, с. 52].

Мувофиқи нуқтаи назари А.М. Ларин санҷидани далелҳо маънои ҷамъ овардани маълумотҳоеро дорад, ки дар асоси онҳо дар хусуси боътимодӣ, мансубият ва қобили қабул будани далелҳо хулоса кардан мумкин аст. Далелҳо ба воситаи далелҳои дигар санҷиш карда мешаванд. Ҳамзамон номбурда алоқамандии бевоситаи санҷиш ва баҳодиҳии далелҳоро қайд менамояд [14, с. 177].

Е.А. Доля дар чунин қайд мекунад, ки дар зери мафҳуми тафтиши далелҳо дар мурофиаи ҷиноятии Федератсия Россия ин фаъолияти муфаттиш ва суд, ки ба таҳлил ва муқоиса намудани далелҳо ва ба даст овардани далелҳои дигар алоқамандӣ доранд, фаҳмида мешавад [9, с. 54].

А.Р. Белкин бошад, падидаи санҷидани далелҳоро ҳамчун омили таҳқиқи далелҳо маънидод менамояд. Ба андешаи ӯ санҷидани далелҳо ҳамчун унсури раванди исботкунӣ маълумотҳои зеринро фаро мегирад:дарк ва тафтиши боэътимодии маълумотҳои воқеие, ки мазмуни санҷидани далелҳоро ташкил медиҳад, муайян кардани мансубият ва қобили қабул будани далелҳо, муқаррар кардани мувофиқати ин далел бо дигар далелҳои дар парванда маҳфузбуда [4, с. 177].

Мувофиқи моддаи 87-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон далелҳои аз рӯи парванда ҷамъовардашуда бояд ҳамаҷониба ва холисона тафштиш карда шаванд. Тафтиш аз таҳлили далелҳои ба даст

овардашуда, муқоисаи онҳо бо дигар далелҳо, далелҳои нави ҷамъовардашуда, манбаъҳои ба даст овардашудаи далелҳо иборат аст [10].

Агар дар ҷараёни муқоиса муайян гардад, ки як далел бар хилофи дигар аст, барои рафъи ин зиддият бояд чораҳо андешида шаванд. Дар акси ҳол, маълумоти дархостшударо наметавон боэътимод ва исбот кард. Далелҳои иловагии дар ҷараёни амалиёти иловагии тафтишотӣ ва дигар расмиёти мурофиавӣ гирифташуда бояд бо далелҳои дар парванда мавҷудбуда муқоиса карда шаванд [5, с. 215].

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ тафтиши далелҳоро ба зиммаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя яъне нафароне, ки ҳуқуқи қабули қарори мурофиавиро доранд, вогузор намудааст. Иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ бошанд, танҳо ҳуқуқи иштирок намудан дар ҷараёни санҷидани далелҳоро бо роҳи пешниҳоди далелҳо ва дархостҳо доранд. Онҳо метавонанд, таваҷҷуҳи муфаттиш, прокурор, таҳқиқбаранда ва судро барои муайян намудани боэътимодии далелҳои ба дастовардашуда ва ё риоя нашудани шакли мурофиавии ҷамъоварию санҷидани далелҳо ҷалб созанд.

Бо мақсади муқаррар намудани далелҳо, ва далелҳои нави ҷамъовардашуда, санҷиши далелҳо дар ҷои ҳодиса бо роҳи санҷиш дар маҳалли ҳодисае, ки нисбати тафтишоти қаблан пурсидашуда сурат гирифтааст анҷом дода мешавад. Ҳадаф ва вазифаҳои ин амали тафтишотиро таҳия намуда, қонунгузор мустақиман ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супориш медиҳад, ки далелҳои мавҷуда тасдиқ карда шаванд. Гумонбаршуда ва айбдоршаванда ҳангоми санҷиши нишондодҳо дар маҳалли ҷойгиршавӣ на танҳо беасос ҷои ишора ба ҳодисаи тафтишшавандаро нишон медиҳанд, балки ҳолатҳои гувоҳӣ додани дониши гунаҳкоронаи онҳоро нишон медиҳанд.Тафтиши далелҳо дар ҳама марҳилаҳои раванд гузаронида мешавад. Ҳам маълумоти воқеӣ ва ҳам манбаъҳои гирифтани онҳо бояд ҳарду далелро алоҳида ва дар якҷоягӣ бо дигар далелҳои мавҷуда тафтиш карда шаванд. Тасдиқи далелҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор гузаронида мешаванд, ки қабули қарорҳои мурофиавӣ аз он вобаста аст. Дигар иштирокчиёни раванд танҳо дар тафтиши далелҳо иштирок мекунанд. Тафтиши далелҳо фаъолияти зеҳнӣ ва мантиқи муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор ва суд барои муайян кардани аҳамият, қобили қабул ва эътимоднокии ҳар як далел ва кофӣ будани онҳо барои муайян кардани ҳолатҳои ба мавзӯи далелҳо алоқаманд ва қабули қарори мурофиавӣ мебошад.

Ҳамин тавр донистани сифатҳо ва хосиятҳои ҳангоми тафтиши далелҳо бадастовардашуда зарур аст, то таъсири онҳо ба эътимоднокии иттилоот дар бораи ҳодисаҳои ҷиноятӣ, ки далелҳоро доранд, ба назар гирифта шаванд.

**Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки чанд таклифу пешниҳодҳои мушаххаси хешро вобаста ба ҷамъ кардан ва тафтиши далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ баён намоем:**

**1.** Дар моддаи 86 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ тартиби ҷамъоварии далелҳоро бо тартиби зайл пешбинӣ намудааст:

1. Ҷамъ овардани далел дар ҷараёни таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур анҷом дода мешавад.

2. Таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, инчунин суд, судя бо дархости тарафҳо ҳуқуқ доранд:

- оид ба парвандаи таҳти пешбурд қарордошта бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ҳар шахсро барои пурсиш ва пешниҳод кардани хулоса ба сифати коршинос ҷалб намоянд;

- азназаргузаронӣ, кофтуков ва амали дигари тафтишии пешбининамудаи Кодекси мазкурро анҷом диҳанд;

- аз корхона, ташкилот, муассиса, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон, инчунин мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯиро анҷом додаанд, пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо ва ашёи барои парванда аҳамиятдоштаро талаб намоянд;

- пешбурди тафтиш ва санҷишро (ревизия) аз мақомоти ваколатдор ва шахсони мансабдор талаб кунанд.

3. Ҳимоятгаре, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур барои иштирок дар баррасии парванда роҳ дода шудааст, ҳуқуқ дорад:

- далелҳо пешниҳод кунад;

- маълумотеро, ки барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ заруранд, ҷамъ оварад;

- маълумотнома, тавсифнома ва дигар ҳуҷҷатҳоро аз муассиса, ташкилот ва корхонаҳои мухталиф, ки бо тартиби муқарраршуда ба додани ин ҳуҷҷатҳо ё нусхаи онҳо уҳдадоранд, талаб кунад;

- бо ризои ҳимояшаванда фикри мутахассисонро барои шарҳи масъалаҳое, ки вобаста ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба миён меоянд ва онҳо дониши махсусро талаб мекунанд, пурсад.

4. Маълумот ба тариқи шифоҳӣ, хаттӣ, сабти аудиою видео, инчунин ашё ва ҳуҷҷатҳоеро, ки далел шуда метавонанд, гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, айбдоркунанда, судшаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо, шаҳрвандон, шахсони мансабдори корхона, ташкилоту муассиса ҳуқуқ доранд пешниҳод кунанд.

Вале дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби пешниҳоди далелҳо аз ҷониби субъектони мазкур танзими қонунии худро наёфтааст. Чунин ҳолат хоҳ - нохоҳ дар амалия мушкилиро ба миён оварда ба субъектони исботкунӣ, ки ваколатҳои ҳокимиятии мурофиавиро доранд, намегузорад, саривақт далелҳои дахлдорро ҷамъоварӣ ва мустаҳкам намоянд.

Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ аст, ки ба моддаи 86 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуда ба он қисми 5 илова карда шавад. Дар он зарур аст, ки тартиби аниқи пешниҳоди далелҳо аз ҷониби шахсони зикршуда пешбинӣ карда шавад.

**2.** Ҳарчанд дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораи **«тафтиши далелҳо»** номгузорӣ шуда бошад, ҳам лекин омӯзишу таҳлили адабиётҳои мурофиавӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ба ҷойи тафтиш асосан ибораи "**санҷидани далелҳо"** истифода мешавад. Ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки моддаи 87, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ки **«тафтиши далелҳо»** номгузорӣ шудааст ба **«Санҷидани далелҳо»** иваз карда шавад. Калимаи **«тафтиш»,** ки дар матни моддаи мазкур истифода шудааст, ба калимаи **«санҷиш»** иваз карда шавад.

3. Инчунин маллака ва маҳорати касбии кормандони оперативию тафтишотӣ дар самти ҷамъоварии далелҳо ва ошкоркунии ҷиноятҳо, инчунин баҳодиҳии далелҳо баланд бардошта шавад.

Боварии комил дорем, ки таклифҳои пешниҳодшуда то андозае метавонанд дар ҷодаи такмили танзими ҳуқуқии муқаррароти боби 10-уми КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Абдуллозода Нусратулло Конференсия илмию амалии Ҷумҳуриявӣ бахшида ба 20-солагии консттутсияи ҶТ дар мавзӯи "Риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии далелҳо" // Қонуният Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии ҶТ. – № 5. – 2014, Нашри махсус. – Душанбе –2014. – С.14-16

2. Алексеев М. Уголовный процесс. – М.: «Юрист» 1995. – С.176.

3. Белкин А.Р Теория доказывания в уголовном судопроизводстве. – М.: «Норма», 2005. – С. 86-88.

4. Белкин А.Р. Теория доказывания. Научно-практическое пособие. – М.: Изд-во Норма, 1999. - С. 429.

5. Белкин Р.С. Собирание, исследование и оценка доказательств. – М.: Наука, 1996. – С. 295.

6. Балакшин В.С. Доказательства в теории и практике уголовно-процессуального доказывания. Екатеринбург: изд. УрГЮА, 2004. – 168 с.

7. Винберг А.И., Криминалистика. Разд. 1. Введение в науку. – М., 1962. – С. 175. Винберг А.И. Криминалистика и доказывание. М. Юрид. лит., 1969. – 216 с.; Терзиев Н.В, К вопросу о системе науки советской криминалистики // Правоведения. – 1961. – № 2. – С. 152-156; Карнеева Л.М., Доказательства в советском уголовном процессе: учебное пособие / Карнеева Л.М. – Волгоград: Изд-во ВСШ МВД СССР, 1988. – С. 68.

8. Дастурамал оид ба назорати исботкунӣ, ҷамъоварӣ, баҳодиҳии далелҳо,

банду басти кирдори айбдоршавандагон // Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2011.

9. Доля Е.А. Проверка доказательств в российском уголовном процессе (стадия предварительного расследования) // Правоведение. – 1994. – № 1. – С. 54.

10. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами № 564 3.12.2009

11. Карнеева Л.М. Доказательства в советском уголовном процессе. – Волгоград, 1986. – С. 33.

12. Курс советского уголовного процесса. Общая часть. – М., 1989. – С. 612.

13. Кокорев Л.Д. и др. Проблемы доказательств в советском уголовном процессе. Воронеж. Изд-во Воронежского универ-та. 1978. – С. 211

14. Ларин А.М. Расследование по уголовному делу: процессуальные функции. – М., 1996. – С. 91.

15. Ларин А.М. Работа следователя с доказательствами. – М.: Юрид. лит., 1966. – 155 с.

16. Лупинская П.А. Решения в уголовном судопроизводстве: теория, законодоательство, практика. – М., 2010. – С. 52. / П.А Лупинская Доказательство и доказывание в новом уголовном процессе // Росийская юстиция. – 2002. – № 7.

17. Лупинская П.А. Курс советского уголовного процесса. – М.: Юрид.лит.,1989. – С. 640.

18. Лупинская П.А. Решения в уголовном судопроизводстве: теория, законодательство, практика. – М., 2010. – С. 52

19. Ларин А.М. Работа следователя с доказательствами. – М.: Изд- во Юр. литература, 1999. – 77 с.

20. Михайловская И.Б. Настольная книга судьи по доказыванию в уголовном процессе. – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2006. – С. 192; / А.Р. Ратинов Теория доказательств в советском уголовном процессе. Часть общая. – М., 1969. – С. 300-302.

21. Пашкевич П.Ф. «Объективная истина в уголовном судопроизводстве. – М.: Госюриздат, 1961. – С. 177 / Пашкевич П.Ф. Объективная истина в уголовном судопроизводстве // Социалистическая законность. – М.: Известия, 1961. – № 1. – С. 94-95.

22. Строгович Теория доказывания в уголовном судопроизводстве. – № /1. – М. «Норма» – 1968. – С. 77- 78.

23. Строгович М.С. Уголовный процесс. – М., 1946. – С.73-74; Материальная истина и судебные доказательства в советском уголовном процессе / Отв. ред. Б.С. Никифоров. – М.: Изд-во АН СССР, 1955. – С. 384. / Курс советского уголовного процесса. Т.1: Основные положения науки советского уголовного процесс. – М.: Наука, 1968. – С. 470.

24. Трусов А.И. Основы теории судебных доказательств. – М.: 1960.- С.176.

25. Уголовный процесс России: ччебник.[в.2.ч.] Общая часть; Особенная часть / авт.кол. и под. науч. ред. В.З. Лукашевчика. СПБ.:Изд-кий Дом СПБГУ, 2004-2005. – С. 447-702.

26. Хоҷаева Н.Б. Исботкунӣ: мафҳум, предмет ва ҳадди он // Масоили мубрами ислоҳоти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ. Душанбе, 27 ноябри соли 2015 с.). – Душанбе, 2016. – С. 210-215.

27. Хоҷаева Н.Б. Ҷараёни исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: мафҳум ва элементҳои таркибии он // Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ). – № 2/6(210). – Душанбе: Сино, 2016. – С. 212-223.

28. Хоҷаева Н.Б. Ҷамъ кардан ва санҷидани далелҳо дар мурофиаи суди ҷиноятӣ: «назария ва амалия»» // Законодательство. – 2015. – № 3 (19, 2015) июл сентябр – С. 38-48.

29. Ходжаева Н.Б. О способах собирания доказательств в уголовном процессе // Вестник ТНУ (научный журнал). – № 3/2 (132). – Душанбе: Сино, 2014. – С. 94-100.

30. Ходжаева Н.Б. «Масоили танзими ҳуқуқии ҷамъ кардан санҷидан ва баҳогузории далелҳои шайъӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ” // Масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқи судӣ, фаъолияти прокурорӣ ва пешгирии ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводҳои конференсияҳои илмӣ-назариявӣ назди кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2013. – С. 99-106.

31. Шейфер С.А. Сущность и способы собирания доказательств в советском уголовном процессе: учебное пособие. – М.:

Всесоюзный юридический заочный институт, 1972. – 230 с.
32. Шейфер С.А. Следственные действия. Система и процессуальная форма. – М., 2004. – С. 18 / С.А. Шейфер Следственные действия. Основания, процессуальный порядок и доказательственное значение. – Самара: Самарский университет, 2004. – С. 228.

**Аннотатсия**
**Мафҳуми ҷамъ кардан ва тафтиши далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ**
Дар мақолаи мазкур муаллиф бо дастрасии адабиётҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ва ҳамчунин истифодаи қонунгузории амалкунандаи мурофиавии ҷиноятӣ масъалаи ҷамъ кардан ва санҷидани далелҳоро дар мурофиаи ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор дода дар иртибот ба ин масъала ҷиҳати такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ таклифу пешниҳодҳои судманд баён намудем.

**Аннотация**
**Понятие сбора и проверки доказательства в уголовном процессе**
В статье автор с использованием научных трудов отечественных и зарубежных ученых, а также действующего уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан исследовала понятие сбора и проверки доказательства в уголовном процессе. На основе исследования сформулировала конкретные предложения по дальнейшему совершенствованию уголовно- процессуального законодательства.

**Annotation**
**Concept, celection and checking evidence in procedure**
In this article the authors analyzed the problem of the ore tic and practical collection and control of facts in criminal court process with the use of rich literature of tajik and foreign scientists and acting criminal legislation. The authors suggest some significantinitia – tives on improving legislation in the part of material evidence.

## 12.00.12 – КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ
## 12.00.12 – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ



**Қосим Файзалӣ Маҳмадзода,**
*унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, и.в. сардори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия*

# ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ ҲАМЧУН ИЛМИ БУНЁДИИ ИҶТИМОӢ: ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ОН ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *ниҳоди иҷтимоӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ; стратегияи ислоҳоти милитсия; сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ; эҳтиёҷи ҷомеа; ҷанбаи психологӣ; омӯзиши касбӣ; курси такмили ихтисос.*

***Ключевые слова****: социальный институт; оперативно-розыскная деятельность; стратегия; милиция; оперативно-розыскная политика; общественная нужда; психологический аспект; профессиональная учёба; курс повышения квалификации*

***Keywords:*** *social Institute; operational search activity; police strategy; operational search policy; public need; psychological aspect; professional training; professional development course.*

Вобаста ба талаботи замони муосир муносибатҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ инкишоф ёфта, зарурат ба ташаккул ва рушди ҳуқуқии фаълияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пеш меояд. Дар ин радиф, ба соҳаи мустақили илми ҳуқуқ табдил ёфтан ва ба ин ҳайс шинохта гардидани илми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки айни замон дорои заминаҳои пурраи ҳуқуқист, ҳамчун илми бунёдии иҷтимоӣ дар ҳаёти ҷомеа ва давлат, нақши муҳим дошта, занҷири иҷтимоии пайвандкунандаи муносибатҳо байни ҷомеа ва давлат мебошад. Дар ин замина ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ раванди муташаккилонае мебошад, ки ба чорчӯбаи муайяни ҳуқуқӣ ва илмӣ расида, «дар батанзимдарории ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, вобаста ба содир намудани ҷиноят ва ба таври ғайриқонунӣ муайян намудан ва кушодани он алоқамандӣ дошта», [1, с. 15], дар амалигардонии мақсадҳои давлат ва Ҳукумат дар ин самт саҳми босазо мегузорад.

Имрӯз низ ин самти нави илми ҳуқуқ фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ роҳу равиши куҳнаи худро гум накардааст ва маҳз «Решаҳои ташаккули таҳлилу таҳқиқи ҷиноятu ҷинояткорӣ дар сарзамини Осиёи Марказӣ ва Мовароуннаҳру Хуросон ба умқи асрҳо мерасад. Истифодаи усулҳои гуногуни иқрор сохтани Гарпак аз ҷониби Астиаг-падархонди Куруш дар асри V-и пеш аз мелод, бо либосҳои фақирона ба лашкаргоҳи душманон рафтани Рустами достон дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, пероҳани дарвешӣ ба бар кардани Аваз аз достони халқии «Гӯруғлӣ» [2] бо мақсади дастгир кардани душманон, хоинони халқу Ватан, дину мазҳаб, тарҳи симо кардани шабгардиҳои Самаки айёр, Абӯмуслими Хуросонӣ ва қаҳрамонони «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ натиҷаи амалҳову чорабиниҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар давраҳои гуногун ба шумор меравад» [3, с. 9].

Ҷомеаи имрӯзаи мо, ки дар ҳоли рушд қарор дорад, баҳри танзими муносибатҳои мавҷуда ва минбаъд пайдошавандаи иҷтимоӣ ба ташаккули бунёди муайяни иҷтимоӣ эҳтиёҷ

дорад. Аз ин рӯ, баҳри дар амал татбиқ намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ ва алоқаи зичу васеъ доштани он бо аҳолӣ Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Фармони худ аз 19 марти соли 2013 таҳти № 1438 «Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020»-ро тасдиқ намудааст [4].

Дар ин самт таъсис ва фаъолияти он субъектҳое, ки бевосита ба ошкор намудан, огоҳонидан, пешгирӣ кардан ва кушодани ҷиноятҳо, ҳамчунин ошкор ва муайян намудани шахсони ин ҷиноятҳоро тайёркунанда, содиркунанда ё содиркарда, ҷустуҷӯӣ шахсони аз мақомоти таҳқиқ, тафтиш ва суд пинҳоншуда, аз адои ҷазои ҷиноятӣ саркашинамуда, ҳамчунин ҷустуҷӯи шахсони бедарак гумшуда, ба даст овардани маълумот дар бораи ҳодиса ё ҳаракатҳое (беҳаракатие), ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ, давлатӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ё экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид менамоянд [5, с. 3], иртибот доранд, махсусан муҳим мебошанд. Зеро маҳз тавассути онҳо муносибатҳои иҷтимоӣ метавонанд ба низоми муайян даромада, рушди ҷомеа дар чаҳорчӯбаи дақиқ ва мувофиқ ба мақсадҳои давлат рушд намоянд.

Бояд қайд намуд, ки сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун самти муҳими татбиқи мақсадҳои давлат низоми мукаммали иҷтимоию сиёсие мебошад, ки маҷмӯи томи сохторӣ, муносибатҳои тавассути санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ва ахлоқии эътирофшуда, маҷмӯӣ ҳаракатҳои корманди оперативӣ оид ба муҳайё намудани шароити сунъиеро дар бар мегирад, ки, барои бомуваффақият ҳал намудани вазифаҳои тактикаи оперативӣ равона мегардад. Дар ин раванд нақши субъектони бевоситаи мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва тадбиққкунандаи мақсадҳои давлат – корманди оперативӣ хеле муҳим мебошад.

Хусусияти иҷтимоӣ доштани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, вобаста ба самт дар ду самт ба назар мерасад: якум, сиёсати дохилӣ, дуюм сиёсати беруна. Сиёсати дохилӣ инчунин соҳаи сиёсати давлатӣ мебошад, ки бо андешидани чорабиниҳои давлатӣ дар дохили кишвар алоқамандӣ дорад (қабули қонунҳо, барномаҳо, қарорҳои маъмурӣ ва ғ). Сиёсати беруна бошад, ин тарзи аз ҷониби давлат ҳимоя намудани манфиатҳои худ дар сиёсати ҷаҳонӣ мебошад [6, с. 87].

Чунин дараҷабандӣ бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дорои робитаҳои зичи иҷтимоӣ, ҳатто дар баъзе мавридҳо ташаккулдиҳандаи нерӯ ва ниҳодҳое мебошанд, ки аз давлат ва манфиатҳои он дифоъ намуда, амру фармонҳои онро дар амал пиёда мегардонанд. Ҳамчунин таҳлили моҳияти иҷтимоии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ баёнгари он мебошад, ки он ҳамчун воситаи муҳими ҳалли проблемаҳо дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ нақши асосиро бозида, таъминкунандаи робитаи миёни давлат ва ҷомеа баромад намуда, самаранокии он аз малакаи баланди касбӣ доштани кормандони оперативӣ, вобастагӣ дорад.

Таҳлили назарияҳои гуногуни илмӣ вобаста ба эътирофи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун самти афзалиятноки иҷтимоӣ ва таҷрибаи ташаккул ва рушди он дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки мавҷудияти чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ҳаракатҳои он ташаккули ин соҳаи муҳимро асоснок мекунанд. Аз он ҷумла,«муттаҳид кардани усулу воситаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки ба салоҳияти роҳбарони воҳидҳои оперативӣ дохил мегарданд, онҳоро вазифадор менамоянд, ки ҷои гузаронидани он ва дар маҷмӯъ вазифаи ҳар як аъзоёни гурӯҳро ҳангоми гузаронидани ҳаракатҳои оперативӣ ба нақша гирифта, онҳоро ба танзим дароранд» [7. с. 30]. Қобилияти қонеъ намудани ниёзмандии ҷомеа тариқи идора намудани рафти ҳаводис бо истифодаи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар муайян намудани вазъияти оперативӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ муваффақият ба даст овардан ва танзими дурусти равандҳои иҷтимоӣ, маҷмӯи томи сохторӣ, аз ҷумла субъектҳое, ки ин равандро амалӣ менамоянд, мавҷудияти маҷмӯи арзишҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқии рафтори шахсони мансабдори мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва захираҳои инсонӣ ва

моддии зарур буда ҷиҳати дастрасӣ ба чунин мақсадҳоро танзим менамояд.

Вобаста ба амалҳои номбаршуда метавон хулоса намуд, ки дар ҳақиқат самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун самти афзалиятноки муҳими иҷтимоӣ зарурати мавҷудияти худро дар таърих собит намудааст. Дар ҳама давру замон ҷомеаи инсонӣ хамеша ба назму тартиб ва тинҷиву амният ниёз дошт ва ин ниҳод ба уҳдаи аққалияте гузошта мешуд, ки бо дарназардошти ҳимояи манфиатҳои давлат бояд ин рисолатро иҷро мекард. Дар қатори дигар омилу сабабҳое, ки баъдҳо боиси тавлиди давлат гардидааст аз ҳама муҳимаш зарурияти таъмин ва нигоҳдории тартиботи дохилӣ мебошад. Дар баробари ин лозим ба ёдоварист, ки самти нави илми ҳуқуқ фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мутобиқкунонии манфиатҳои қишрҳои гуногуни ҷомеа, таъмини ҳамгироии иҷтимоии онҳо, таъмини суботу амният дар он муҳити иҷтимоие, ки ин қишрҳо зиндагӣ мекунанд, ташаккули мафкураи созандаи мутобиқ ба мақсадҳо ва ҳадафҳои давлат ё худ таъмини ягонагии ғоявиеро тақозо менамоянд, ки бахри амалӣ намудани проблемаҳои ҷомеа ва ҳар як шаҳрванд заруранд.

Дар ин замина фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун самти нави илми ҳуқуқ дар замони соҳибистиқлолӣ бо дарназардошти ковишҳои миллию давлатӣ ва фарҳангию иҷтимоӣ ташаккул ёфта, дар ҳоли рушд ва густариш қарор дорад. Тӯли солҳои истиқлолият бо раҳнамоии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раванди ислоҳоти ҳуқуқӣ тамоми паҳлуҳои зиндагии ҷомеаро фаро гирифт ва роҳҳову самтҳои инкишоф муайян карда шуданд [8. с. 3].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи сохтмони бинои нави таълимии Академияи Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон, оид ба санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии милитсия ёдрас гардида, изҳор намуд, ки дар замони истиқлолият марҳала ба марҳала ҳуҷҷатҳои асосии ислоҳоти миллитсия қабул гардида, шакли фаъолияти он куллан тағйир дода шуд. Дар таърихи навини миллитсияи кишвар нахустин маротиба соли 1998 Қонун «Дар бораи фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ» қабул карда шуд ва баъдан бо дарназардошти талаботи замон соли 2011 ин санади муҳим дар таҳрири нав қабул гардид. Бо қабули қонуни мазкур шаффофияти кори милитсия таъмин гардида, фаъолияти ин ниҳод зери назорати ҷомеа қарор дода шуд. Ҳамзамон бо ин, қабули қонун ба баланд бардоштани сатҳи касбии кормандони милитсия дар раванди амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидат намуд [9].

Дар пайвастагӣ ба ташаккули фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун самти алоҳидаи илми ҳуқуқ дар Тоҷикистон, марҳилаҳои алоҳидаи таърихӣ-ҳуқуқӣ ва амалии инкишофи пасошӯравӣ ва муосири ин соҳаи фаъолиятро ҷудо намудан лозим аст:

-якум, марҳилаи «рукуди» ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ тавассути режими махфият бо риояи принсипи «пинҳонкорӣ, ҳамбастагии усул ва воситаҳои ошкоро ва ғайриошкоро» [10, с. 3] ва давраи инкишофи назарияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

-дуюм, давраи эъломи ошкории фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар шароити истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи ҳозира [11, с. 185].

Муҳайё намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ омили муҳим дар самти бамеъёрдарории фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ин самт гардида , асосҳои ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, вазъи ҳуқуқӣ ва «кафолатҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии кормандони он мақомоте, ки ба штати он ин шахсон шомиланд, паҳн мегарданд» [12, с. 15]. Дар ин самт танзими ҳуқуқ дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, «муайян намудан ва асосноккунии зарурияти иҷтимоӣ доштани меъёрҳои амалкунанда ва тарҳрезишавандаи ҳуқуқи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, такмил додани қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, беҳтар ва самараноктар гардонидани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ба роҳ мондани таҳқиқотҳои илмӣ барои дарёфти усулу тарзҳои ҳарчи боэътимоди мубориза бо ҷинояткорӣ»-ро [13, с. 90] метавон заминаҳои ҳуқуқии замонавӣ дар самти ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии Ҷумҳурии Тоҷикистон номид. Зеро дар заминаи ҳимояи иҷтимоию ҳуқуқии мусоидати шаҳрвандон ба мақомоти амаликунандаи

фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ боиси аз миён рафтани баъзе меъёрҳои табъизӣ гашта, имконияти мусоидро бахри ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷалб намудани кормандони лоиқу сазовор фароҳам оварда. Чунки мутахассисони дорои маълумоти ҳуқуқӣ бояд раванди рушди давлати демократӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро таъмин намоянд. Яъне, фақат муҳим будани малака ва дараҷаи тахассусӣ, сифатҳои ахлоқӣ, психологӣ ва густариш бахшидани худшиносиву худогохии миллӣ ва баланд бардоштани маърифат ва маҳорату дониш ҳамчун талаботи муҳим арзёби гардида, маҳдудиятҳо аз рӯи мансубияти миллӣ, шаҳрвандӣ, миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, таҳсилот, вазъи иҷтимоӣ ва молу мулкӣ, мансаби шахс аз байн бардошта шуданд. Чунин муносибат ба асосҳои демократии сохти давлатдорӣ мувофиқ буда, имконият медиҳад, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар сатҳи дастрас ба ҳар як узви ҷомеа қарор дошта, самаранокии фаъолияти он тавассути гирифтани иттилоот нисбати рақиб (ҷинояткорон), расидан ба мақсади ошкор кардан, пешгирӣ намудан, кушодани ҷиноят, ҳуҷҷатноккунии кирдорҳои онҳо таъмин карда шавад. Бе чунин дахолаткунӣ ва бе истифодаи ин усул мубориза бомуваффақиятона бо ҷинояткорӣ, таъмини амнияти шахс, чамъият ва давлат имконнопазир аст.

Принсипҳо (аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънояш 1) асос, қонун, усул, бунёд, шарт. 2) эътиқод, ақида, нуқтаи назар мебошад, ки дар низоми объективӣ ба сифати ақидаҳои роҳнамо, дархост, илтимос, ҷустуҷӯ ва қоидаҳое баромад мекунад, ки онҳоро одамон дар ин ё он соҳаи фаъолияти худ ба роҳбарӣ мегиранд ва дар шаклгирии чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ нақши бузург доранд. Зеро асоси ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки қисми муҳими батанзимдарории ҳуқуқии чунин намуди фаъолияти давлатӣ ба ҳисоб меравад, тақозо мекунад, ки ин талабот пеш аз ҳама, дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ ва байниидоравӣ, ки дар маҷмӯъ асоси ҳуқуқии онро ташкил медиҳанд, татбиқ карда шаванд. Дар баробари ин, дар хотир бояд дошт, ки муайян намудани чаҳорчӯбаи ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, муносибатҳои муҳими иҷтимоию сиёсии дар ин самти фаъолият ба миён меомадаро танзим менамоянд.

Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки сиёсати танзими ҳуқуқӣ чуноне ки дар боло зикр намудем, дорои сиёсати дохила ва сиёсати беруна мебошад. Дар сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯии давлати Тоҷикистон сиёсати дохила ва сиёсати беруна қаблан муайян гардида, вобаста ба талаботи ҷомеа мунтазам рушд меёбанд.

Яке аз нишонаҳои муҳими ташаккули сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ин мавҷудияти қоида ва меъёрҳои муайяне мебошанд, ки бо арзишҳои олии инсонӣ, талаботҳои фарҳангию ахлоқӣ эътироф гардида, бо ҳимояи ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ таъмин шудаанд. Вобаста ба ин, одоби корманди оперативӣ ин риояи одоби муошират, муайян намудани шахсияти ҷинояткор, амалҳои ҷинояткоронаи ӯ ва гирифтани иттилооти зарурӣ ба шумор меравад.

Фаъолияти хизматии кормандони дастгоҳҳои оперативии мақомоти корҳои дохилӣ дар баъзе ҳолатҳо бо хатар рӯ ба рӯ шуданро дорад. Аз ин лиҳоз, муҳимтарин ҳолатҳои психологӣ ва ахлоқие, ки аз ҳолатҳои хатар бармеоянд, таваккал кардани кормандони оперативӣ нисбати вазифаҳои хизматиашон мебошанд.

Гуфтан мумкин аст, ки фаъолияти кормандони оперативӣ ба бозии шоҳмот монанд мебошад, ки ҳар як ҳаракати донаи шоҳмотро алоҳида таҳлил карда, ба воситаи тафаккури таҳлилӣ хулосаҳои зарурии худро барои пешбурди кори оперативӣ мебарорад.

Яке аз хислатҳои дигаре, ки дар фаъолияти кормандони оперативӣ лозим аст ин мушоҳидакорӣ ва муҳокимаронии ақлонӣ мебошад.

Мушоҳида-раванди психикӣ ва шакли фаъолияти интеллектуалӣ мебошад, ки хусусияти шахсии кормандони оперативиро нишон медиҳад. Ин хусусият имкон медиҳад, ки ба моҳияти зухуроти мушоҳидашаванда корманди оперативӣ сарфаҳм рафта, онро дарк намояд. Яъне ҳар лаҳза, ҳодиса, далел бояд зери мушоҳидаю назорати кормандони оперативӣ қарор гиранд.

Зери мафҳуми муҳокима ботинан доир ба масъала, ҳодиса, далел ва дигар ҳолатҳо баҳс кардану нисбати онҳо қарори қонунӣ қабул намудан фаҳмида мешавад.

Аз ин хотир, ҳар як корманди оперативӣ дар фаъолияти хизматиаш оид ба ҳар як ҳодиса бояд мушоҳидакор ва муҳокимарон бошад. Яъне рафтору амалҳоро таҳлил карда тавонад, хатогӣ ва камбудиҳоро ҳангоми амалӣ сохтани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ саривақт пайдо намуда, онҳоро фавран бартараф созад.

Яке аз хусусиятҳои дигар дар фаъолияти кормандони оперативӣ ин риояи одоби муошират, муайян намудани шахсияти ҷинояткор, амалҳои ҷинояткоронаи ӯ ва гирифтани иттилооти зарурӣ ба шумор меравад.

Бояд тазаккур дод, ки ҷанбаи интеллектуалии корманди оперативӣ хеле пурмасъул буда, дар давоми малакаи корӣ таффакури амалии корманди оперативӣ ҳамчун ақли «оперативӣ» бояд истифода шавад, ки мазмуни касбияти вайро ташкил медиҳад ва дар раванди фаъолият аҳамияти махсус дошта, дар ин робита масъалаҳои одоби муошират, таҳамулпазирӣ, эҳтироми худ ва шахсияти дигарон, ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон, қобилияти қабули қарори дуруст ва дигар шаклҳои муносибат ва рафтор омили муҳим дар самти фаъолияти корманди оперативӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҳама имрӯз тавассути санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим гардида ва ҳамчун талаботи меъёрӣ аз ҷониби кормандони оперативӣ бояд риоя карда шавад.

Ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро бе ташкили омӯзишҳои касбӣ тасаввур кардан имконнопазир аст. Зеро дигаргуниҳои ҳамарӯзаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ дар дохили кишвар ва чи дар сиёсати байналмилалӣ, дастовардҳои нави илму техника, рушди техналогияҳои муосир ва фазои тағйирёбандаи муносибатҳои минтақавию ҷаҳонӣ тақозо менамояд, ки корманди оперативӣ пешоҳанги ин ҳама дигаргуниҳо бошад.

Дар заминаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани факултети № 6 оид ба «Тайёр намудани кадрҳои оперативӣ барои мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон» қадами ҷиддӣ дар самти тарбияи кадрҳои баландихтисос дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гашта, ҷиҳати ташаккул ва рушди ин ниҳоди муҳими иҷтимоӣ дар кишвар мусоидат мекунанд. Рӯзи 22 ноябри соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави Факултети фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии Академияи Вазорати корҳои дохилиро дар вазъияти тантанавӣ мавриди истифода қарор доданд, ки ин бозгӯи таваҷҷуҳи рӯзафзуни роҳбарияти Ҳукумати ҷумҳурӣ, алалхусус Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

Ҳамчунин, амалӣ гардидани фаъолияти факултети № 1 низ дар ин самт саҳми босазо мегузорад. Факултети № 1 ҳамчун зинаи олии касбӣ тайи солҳои 2020-21 ҷиҳати тарбияи кормандони оперативӣ ва омода намудани онҳо дар сатҳи сифатан нав дар самти фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ мусоидат намуда, 40 нафар роҳбарони шуъбаҳои мақомоти корҳои дохилӣ курсҳои бозомӯзиро аз рӯйи ихтисоси «Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ» хатм намуда, сазовори сертификат гардиданд.

Мавҷудияти механизми омӯзиш, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони оперативии мақомотҳои амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар раванди умумии омодасозии кадрҳо дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аҳамияти махсус дошта, баҳри самаранокии фаъолияти онҳо дар ин самт мусоидат менамояд. Бесабаб Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар Паёми худ ибрози назар накарданд, ки «Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки дар баробари чунин дастгириҳои давлат ва афроди ватандӯст сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд» [14, с. 17]

Ҳамин тариқ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун самти афзалиятноки ҳуқуқии давлат дар солҳои соҳибистиқлолӣ тахти назоратбарии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти муайян намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, дар ин давра тавонист мавҷудияти худро ҳамчун самти муҳиму зарурӣ собит созад. Ҷанбаи муҳими дигари фаъолияти ин самт вобаста ба рушди ҷомеа такмил ёфтани он мебошад, ки ин хусусият имконият медиҳад, то

самаранокии фаъолияти он таъмин карда шавад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ: қисми умумӣ: китоби дарсӣ / Нашри 5-ум. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – С. 15.

2. Гӯруғли. Москва. Изд-во Академии наук СССР. 1987.

3. Зоиров Ҷ.М. Заминаҳои ҳуқуқии пайдоиш ва инкишофи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон (Дастури илмӣ-таълимӣ). – Душанбе. 2008. – С. 9.

3. Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2013, № 3.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». – Душанбе. 2011. – С. 3.

5. Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум. – Душанбе: «Эр-граф», 2019. – С. 87.

6. Шарипов Ф.Р. Ҳиллаи оперативӣ: Дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2013. – С. 30.

7. Шарипов Ф.Р. Ҳиллаи оперативӣ: Дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2013. – С. 4.

8. Маҳмудов М., Худоёров Б. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2008. – С. 3-5.

9. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими гузоштани санги асоси бунёди бинои нави таълимии Академияи Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон аз 20.06.2014. Ниг.: http://www.president.tj/node/6958 (санаи муроҷиат: 23.10.2019).

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». – Душанбе. 2011. – С. 3.

11. Косимов Ф.М. Оперативно-розыскная деятельность – сущность, содержание и периодизация, совершенствование и развитие в истории Таджикистана (некоторые историко-правовые фрагменты). Федеральный научно-практический журнал «Правовое поле современной экономики». – Санкт-Петербург. – 2016. – №3. – С.185-191

12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». – Душанбе, 2011. – С.15.

13. Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум. – Душанбе: «Эр-граф», 2019. – С.90

14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 26 декабри соли 2019. – С. 17.

**Аннотатсия**

**Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун илми бунёдии иҷтимоӣ: ташаккул ва рушди он дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун самти афзалиятноки муҳими иҷтимоӣ дар ҳаёти ҷомеа ва давлат нақши муҳим дошта, занҷири иҷтимоии пайвандкунандаи муносибатҳои миёни ниҳодҳои мазкур, яъне ҷомеа ва давлат мебошад. Дар ин замина ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ раванди муташаккилонае мебошад, ки ба шаклгирии чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ ва рафторӣ, доираи муносибатҳо ва принсипҳо дар амалигардонии мақсадҳои давлат дар самти ошкор намудан, огоҳонидан, пешгирӣ кардан ва кушодани ҷиноятҳо, ҳамчунин ошкор ва муайян намудани шахсони ин ҷиноятҳоро тайёркунанда, содиркунанда ё содиркарда, ҷустуҷӯи шахсони аз мақомоти таҳқиқ, тафтиш ва суд пинҳоншуда, аз адои ҷазои ҷиноятӣ саркашинамуда, ҳамчунин ҷустуҷӯи шахсони бедарак гумшуда, ба даст овардани маълумот дар бораи ҳодиса ё ҳаракатҳое (беҳаракатие), ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ, давлатӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ё экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид менамоянд, муайян намудани номгӯй ва ҷойи молу мулки аз ҷониби суд мусодирашаванда, таъмини амнияти системаҳои иттилоотӣ, саҳми босазо мегузоранд.

**Аннотация**

**Оперативно-розыскная деятельность как фундаментальная социальная наука: формирование и её становление и развитие в период государственной независимости Республики Таджикистан**

Принцип гуманизма, а также принцип справедливости означают, что лица, в отношении которых проводится профилактическая деятельность, рассматриваются как субъекты взаимодействия с органами профилактики, а не как бесправные объекты. Ставится задача как можно раньше выявить и предупредить дальнейшие развитие криминогенных процессов, чтобы минимизировать ущерб для личности. Предупредительное воздействие должно начинаться с мер наиболее щадящих, и лишь при их недостаточности осуществляется переход к более интенсивному воздействию. Иными словами, принципы гуманизма и справедливости во взаимодействии с другими принципами предупреждения преступности находят своё выражение в требовании своевременности и необходимой достаточности предупредительных мер любого уровня, этапа, вида, направления, а не в объявлении самоцелью минимизации, во что бы то ни стало их интенсивности.

Принцип деполитизации и деидеологизации означает, что субъекты предупреждения преступности не должны быть последователями той или иной политической силы или идеологии. Особенность этого принципа заключается в том, что оно не распространяет своё воздействие на президента,

так, как президент является субъектом предупреждения преступности (право помилования) [10] и в свою очередь является членом той или иной политической партии.

В целом, проблема предупреждения преступности является актуальной не только в теории, но и на практике. Предупреждение преступности являясь ядром всей криминологии, может способствовать нормальному и эффективному изучению преступности в целом.

Незавершённым является то, что понятие предупреждение преступности между учёными интерпретируются по-разному. Эти интерпретации свидетельствуют о том, что в современной криминологии не сформировалось единого мнения относительно предупреждения преступности.

Также актуальным и немаловажным является то, что до сих пор учёные не разграничивали вопрос касательно понятий предупреждения преступности с профилактикой, так, как профилактика имеет место до совершения преступления или возникновения умысла и никоем образом не имеет никакого прямого отношения с предупреждением преступности. Вполне согласны с мнением профессора А.В. Крючкова отмечавший, что предупреждение преступности осуществляется на стадиях покушения и оконченного состава преступления. Разумное теоретическое разграничение предупреждения преступности с профилактикой облегчает работу субъектов предупреждения преступности и даже может помочь в разработке определенных подходов в борьбе против преступности.

Что касается основных целей предупреждения преступности, то следует отметить, что невозможно достичь конечного результата без участия общества в решение данной проблемы. Государство не может предупредить преступность без должного содействия общества, так, как общество является носителем всех общественных отношений.

Говоря о принципах предупреждения преступности, то следует отметить, что это руководящие начала всей деятельности субъектов предупреждения преступности. Все вышеперечисленные принципы зависимы друг от друга. Актуальной проблемой является то, что ни в одном из учебных материалов по криминологии не закреплён принцип деполитизации и деидеологизации. В чём важность или необходимость внедрения данного принципа в учебные материалы? Важность в том, что этот принцип поможет сотрудникам правоохранительных органов отгородиться от преступных элементов, так как большинство преступлений совершаются в высших эшелонах власти.

В общем, преступность в современных условиях превратилась в глобальную общечеловеческую проблему. Попытка проследить структуру мер предупреждения преступности даёт возможность проанализировать, возможно выделить ее тенденцию в современных государствах, которые стремятся к фактическому построению демократического и правового государства.

**Список литературы:**

1. Интервью профессора Холикзода А. Электронный ресурс: www.tvt.tj

2. Монтескье Ш. Избранные произведения. – М., 1955.

3. Бахриддинов С.Э. Предупреждение преступности в Таджикистане за годы независимости (на таджикском языке) // Труды Академии МВД РТ. Выпуск 5. – Душанбе, 2002. – С. 78-85; О некоторых вопросах теории предупреждения преступности (на таджикском языке) // Қонунгузорӣ (Законодательство). – 2011. – №1. – С. 68-72; Масоили пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонунгузорӣ (Законодательство). – 2016. – №1 (21). – С. 29-31. Бахриддинзода С.Э., Каримов М.Б. О зарубежном опыте предупреждения преступности // Қонунгузорӣ (Законодательство). – 2020. – № 1 (37).

4. Макаров. А.В. Преступность и преступление в бюджетной сфере. Автореферат д.ю.н. – С. Петербург, 2005.

5. Крючков. А.В. Профилактическая служба городских и районных внутренних дел. Издательство: Академия МВД СССР, 1982.

6. Алексеев. А.И. Криминологическая профилактика: теория, опыт, проблемы. – М., 2001.

7. Лекарь. А.Г. Некоторые вопросы деятельности органов МООП по предупреждению преступлений. – М., 1965.
8. Г.А. Аванесов. Криминология. – М.: Академия МВД, 1984.
9. Концепция правовой политики Республики Таджикистан на 2018-2028 годы. Утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 6 февраля 2018 года, №1005.
10. Уголовный кодекс Республики Таджикистан. – Душанбе, 2019.

**Аннотатсия**
**Оид ба мафҳуми пешгирии ҷинояткорӣ**
Дар ин мақола муаллиф мафҳуми пешгирии ҷинояткорӣ ва андешаҳои олимони муосирро барраси намуда, зарурати омӯзиши институти пешгирии ҷинояткорӣ дар шароити муосирро таъкид мекунад. Муаллиф мафҳумҳои «пешгирӣ» ва «огоҳонидан»-ро аз нигоҳи таърихӣ таҳлил намудааст. Дар баробари ин, муаллиф принсипҳои пешгирии ҷинояткориро омӯхта пешниҳод менамояд, ки дар маводи таълимии криминология принсипи «деполитизатсия» ва «деидеологизатсия» ворид карда шаванд.

**Аннотация**
**О понятии предупреждения преступности**
В данной статье автор, исследуя понятие предупреждения преступности с учетом мнений ученых, подчёркивает необходимость изучения института предупреждения преступности в современном государстве. В рамках настоящей статьи автор попытался разграничить два понятия - «предупреждение» и «профилактика». Наравне с ними, исследуя принципы предупреждения преступности, автор предлагает внедрить в учебные материалы по криминологии принципы «деполитизации» и «деидеологизации».

**Annotation**
**About the concept of crime prevention**
In this article, the author, exploring the concept of crime prevention, taking into account the opinions of scientists, emphasizes the need to study the Institute of crime prevention in the modern state. In this article, the author has tried to distinguish between two concepts - "prevention" and "prevention". On a par with them, exploring the principles of crime prevention, the author proposes to introduce the principles of "depoliticization" and "deideologization" in educational materials on criminology.



**Настарани Абдуғафор,**
*мутахассиси шуъбаи қонунгузории граждани, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

# НАҚШИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР АМАЛИШАВИИ ҲУҚУҚИ ШАҲРВАНДОН БА МЕҲНАТ

***Калидвожаҳо:*** *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳуқуқ ба меҳнат; озодии меҳнат; мазмуни конститутсионӣ; амалишавӣ.*

***Ключевые слова:*** *Конституция Республики Таджикистан; право на труд; свобода труда; конституционное содержание; реализация.*

***Keywords:*** *Constitution of the Republic of Tajikistan; labour right; freedom of labor; constitutional content; realization.*

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади дорои эътибори олии ҳуқуқӣ ва манбаи ҳуқуқии тамоми соҳаҳои қонунгузории миллӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла ҳуқуқи инсонро ба меҳнат эътироф, риоя ва ҳифз намуда, амалишавии бевоситаи онҳоро кафолат медиҳад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чун санади муқарраркунандаи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд, дар моддаи 35 ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат, элементҳои конститутсионии он ва кафолатҳое ки ба амалишавии ҳуқуқи меҳнатии шаҳрвандон бевосита мусоидат менамояд муқаррар намудааст.

Ҳамзамон доираи васеъ ва гуногуншаклии муносибатҳои меҳнатӣ, мавҷудияти поблемаҳои амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат, инчунин ҳимояи мақоми конститутсионии инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ чун арзиши олӣ, масъалаи таҳлили илмии заруриро талаб менамояд.

Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат кам буда наметавонад. Ҳамчунин дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудиятро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ кардааст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад [1].

Дар адабиётҳои илмӣ мазмуни меъёрии ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат дар ҳамбастагӣ бо дигар ҳуқуқу озодиҳо оварда шудааст, ки аз мазмуни конститутсионии он бармеоянд. Аз ҷумла, ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат ҳуқуқи озодона ихтиёрдории қобилияти меҳнатии худ, интихоби навъи фаъолият ва касб, ҳуқуқи ҳар як шахс ба коре, ки ба талаботи бехатарӣ ва гигиенӣ ҷавобгӯ бошад, ҳаққи подош барои кор бидуни ҳеҷ гуна табъиз; ҳуқуқ ба ҳимоя аз бекорӣ; ҳуқуқ ба баҳсҳои меҳнатии фардӣ ва коллективӣ бо истифодаи усулҳои муқарраршудаи ҳалли онҳо, аз ҷумла ҳуқуқи корпартоӣ; ҳуқуқи ҳар шахс ба истироҳатро дар бар мегирад [2].

Ҳамчунин ба андешаи олимони рус О.В. Борисов ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба меҳнат дар худ як қатор ҳуқуқҳоеро фаро мегирад, ки онҳо ҳуқуқҳои конститутсионии мустақил ба шумор мераванд, аз ҷумла ҳуқуқ ба ташкили иттифоқи касаба ҷиҳати ҳимояи манфиатҳои худ, ҳуқуқ ба моликият, фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ бо истифодаи имкониятҳои худ дар асоси қонун ва Г.Ю. Вдовин дар баробари чунин ҳуқуқҳо ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳангоми беморӣ ва маъюбиро низ тарафдорӣ менамояд.

Нақши Конститутсия дар амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат назаррас буда, натанҳо ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат, балки механизмҳои амалишавӣ ва дигар элементҳои

конститутсионии он дар моддаҳои 17, 19, 28, 37, 39 ва 41-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва танзим гардидаанд.

Аз натиҷаи таҳлил ва омӯзиши ҳуқуқии моддаҳои болозикр ва муқаррароти моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Конститутсия на танҳо ба шаҳрвандон ҳуқуқ ба меҳнат инчунин як қатор элементҳои ҳуқуқиро пешниҳод менамояд, ки мазмуни конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнатро васеъ мегардонанд.

Масалан Конститусияи Федератсияи Россия ба андешаи олимон натанҳо ҳуқуқ ба меҳнат, ҳамзамон мазмуни онро муайян намудааст, ки аз элементҳои зерин ба монанди интихоби озодонаи намуди касб ва фаъолият, таъмини шаҳрвандон ба меҳнат, музди меҳнати на кам аз андозаи ҳадди ақали муайяннамудаи давлат иборат аст, ки аз Конститутсияи соли 1936 ва Конститутсияи соли 1977 мазмуни конститутсионии фарққунанда доранд [3].

Аз ин нуқтаи назар, элементҳои зерини ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба меҳнатро пешниҳод намудан мумкин аст , ки амалишавии онҳо ба воситаи принсипҳои конститутсионии ҳуқуқи зикргардида ва кафолатҳои ҳуқуқию сиёсии муқаррарнамудаи давлат таъмин мегардад.

- озодии меҳнат;
- манъи маҳдудиятҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ ва музди меҳнат;
- манъи меҳнати маҷбурӣ;
- манъи истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон дар корҳои вазнини зеризаминӣ ва шароити меҳнатиашон зарарнок.

**Озодии меҳнат** – ифодакунандаи мазмуни қисми якуми моддаи 35 Конститутсия буда, ҳуқуқи ҳар касро ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ, музди одилонаи кор ифода менамояд. Андешаи олимон оид ба мазмуни элементи конститутсионии мазкур гуногун буда дар адабиётҳои илмӣ гуногун маънидод мегардад. Аз ҷумла, озодии меҳнат яке аз унсури муҳими ҳуқуқ ба меҳнат буда, ҷузъи асосии озодии инсон ва шаҳрванд аст. Интихоби озодонаи навъи фаъолият ва касб, ихтиёрдории озодона аз қобилияти меҳнатӣ, манъи махдудсозии ҳуқуқ дар муносибатҳои меҳнатӣ ва манъи меҳнати иҷборӣ, ҳифзи меҳнат, ҳуқуқ ба шароити одилонаю мусоиди меҳнатӣ ва музди баробар барои иҷрои кори баробарқиммат, маънои озодии меҳнатро дорад [4].

Аз нуқтаи назари олимони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат, амалишавии меъёри конститутсионӣ буда, аз амалишавии дигар намуди меъёрҳои ҳуқуқӣ тафовут дорад. Барои амалишавии чунин меъёрҳо принсипҳои конститутсионӣ, шакл ва методҳои махсус равона гардидаанд [5]. Аз ин ҷост, ки озодии меҳнат ҳамчун самти муҳими сиёсати иҷтимоии давлат тавассути кафолатҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ амалӣ мегардад. Дар низоми принсипҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат, ки дар моддаи 4 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, озодии меҳнат дар зинаи якум ҷойгир шудааст.

Дар баробари ин, қонунгузор дар моддаи 5 кодекси зикргардида мазмуну моҳияти принсипи мазкурро чунин кушода додааст: ҳар кас ҳуқуқ дорад бе ягон табъиз ва маҷбуркунӣ меҳнатро озодона интихоб намояд ва ё ба меҳнат озодона ризоият диҳад, ба малакаи худ ба меҳнат ихтиёрдорӣ кунад, касб ва самти фаъолиятро интихоб кунад [6].

Ҳамчунин дар моддаи 23 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (10 декабри соли 1948, Ассамблеяи Генералии СММ) ҳуқуқи ҳар шахс ба меҳнат, озодии интихоби меҳнат, шароити одилона ва мусоиди меҳнатӣ ва ҳимоя ҳангоми бекорӣ инчунин музди баробари меҳнат муқаррар гардидааст. Аз ин ҷост, ки ҳуқуқ ба меҳнат ифодакунандаи озодии меҳнат буда асос ва заминаҳои ҳуқуқӣ дорад.

Бояд зикр намуд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳар касро ба меҳнат муқаррар менамояд, ки он ифодакунандаи мазмуни озодии меҳнат аст (қ1 м.35). Аз ин ҷост, ки дар Конститутсияи аксарияти давлатҳо аз ҷумла Федератсияи Россия, дар қисми 1 моддаи 37, ҳуқуқ ба меҳнат бо мазмуни “меҳнат озод” оғоз мегардад ва мазмуни моддаи мазкур низ озодии меҳнат ва кафолатҳои таъмини амалишавии онро ифода менамояд. Дар адабиётҳои илмӣ андешаҳои зиёде атрофи озодии меҳнат чун принсипи конститутсионии ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат мавҷуд аст. Ба андешаи олимон, озодии меҳнатро ҳамчун кафолати конститутсионӣ ба шаҳрвандон дар интихоби ҳама шакли

муносибатҳои меҳнатӣ баҳо додан дуруст аст. Озодии меҳнат чун принсипи конститутсионӣ ба амалишавии имкониятҳои ҳуқуқи ҳар шахс барои машғул шудан ё нашудан ба меҳнат асос мегузорад [7].

Дар ҳамбастагӣ бо гуфтаҳои боло илова намудан мумкин аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодии меҳнатро ба шаҳрвандон муқаррар менамояд, дар муқоиса зикр намудан лозим аст, ки дар аксарияти давлатҳо ҳуқуқ ба меҳнат дар шакли ҳам ҳуқуқ ва ҳам вазифа муқаррар гардидааст. Масалан тибқи моддаи 27 Конститутсияи Япония ҳар кас ба меҳнат ҳуқуқ дорад, ва вазифадор аст меҳнат намоянд, тибқи моддаи 42 Конститутсияи Ҷумҳурии Халқии Чин ҳар кас ба меҳнат ҳуқуқ дорад ва вазифадор аст кор кунад, тибқи моддаи 53 Конститутсияи Испания ҳамаи испаниҳо вазифадоранд кор кунанд ва ба меҳнат ҳуқуқ доранд, аз ҷумла интихоби озодонаи намуди касб, фаъолият, ва музди меҳнати мувофиқ низ муқарар гардидааст.

Ба андешаи мо, озодии меҳнат чун элементи асосии ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба меҳнат дар шакли пешниҳоди имконияти интихоби озодонаи намуди фаъолият , касб ва як қатор кафолатҳои ҳифзи меҳнат, ҳимояи иҷтимоӣ ва музди меҳнатро дар бар мегирад, ва механизми асосии амалишавии ҳуқуқ ба меҳнатро чун асоси конститутсионӣ таъмин менамояд. Амалишавии элементи мазкур ба амалишавии механизмҳои ҳар як ҳуқуқи дар таркиби он муқаррургардида, аз ҷумла интихоби озодонаи фаъолият, касб, ҳифзи меҳнат, ҳимояи иҷтимоӣ, кафолати музди одилонаи меҳнат вобастагӣ дорад. Бо ҷонибдории андешаи олимон гуфтан мумкин аст, ки раванди муҳими амалишавии меъёрҳои конститутсионӣ ин ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунгузорӣ асос меёбад ва тавасути истифода, татбиқ, таъмин ва назорати меъёрҳои мукараршуда дар қонунгузорӣ амалишавии ҳуқуқҳои муқарраргардида воқеӣ мегардад. Меъёрҳои конститутсионӣ дар қонунгузории соҳавӣ инъикос гардида тавассути онҳо танзими ҳуқуқии муносибатҳои дахлдори ҷамъиятӣ амалӣ мегарданд.

Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки меъёрҳои конститутсионӣ, ки ба амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат мусоидат менамоянд бевосита дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ мустаҳкам гардидаанд. Масалан, яке аз ҳуқуқи дигари таркиби элементи озодии меҳнат ҳифзи меҳнат буда, механизмҳои амалишавии онро низоми санадҳои қонунгузорӣ, чораҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилӣ, техникӣ, гигиенӣ ва табобатию профилактикӣ ва воситаҳои таъмини бехатарӣ, ҳифзи саломатӣ ва қобилияти меҳнатӣ дар ҷараёни кор ташкил медиҳад. Ҳифзи меҳнат аҳамияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дорад. Аҳамияти иҷтимоии ҳифзи меҳнат дар он аст, ки ҳифзи меҳнат ба мустаҳкам намудани (ҳифзи) кормандон аз омилҳои зараровар ва хатарноки истеҳсолӣ мусоидат мекунад. Аҳамияти ҳуқуқии ҳифзи меҳнат танзими ҳуқуқии кор аз рӯи қобилият бо назардошти вазнинии шароити кор, хусусиятҳои физиологии бадани зан, ҷисми наврасон ва маъюбии маъюбон мебошад. Танзими ҳуқуқии ҳифзи меҳнат ба таври васеъ меъёрҳои мутамаркази қонунгузории меҳнатиро дар бар мегирад, ки он чораҳои ҳуқуқии ҳифзи меҳнатро бо усули шартномавӣ аз ҷумла дар асоси шартномаҳо, созишномаҳои коллективӣ, инчунин шартномаҳои меҳнатӣ муайян мекунад.

Чунончи, бо мақсади таъмини нишондоди конститутсионӣ оид ба ҳифзи меҳнат дар моддаи 345 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кормандон чунин ҳуқуқҳо пешбинӣ шудааст, ки амалишавии ин ҳуқуқро таъмин менамояд:

- ба ҷойи кори ба талаботи бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат ҷавобгӯ;
- таъмин будан бо бинои санитарӣ-маишӣ, воситаҳои муҳофизати инфиродӣ ва коллективӣ, либоси махсус тибқи талаботи бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, инчунин шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ;
- муроҷиат ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ё мақомоти маҳаллии он барои гузаронидани муоинаи шароит ва ҳифзи меҳнат дар ҷойи кор;
- шахсан ё ба воситаи намояндааш дар санҷиш ва тафтиши масъалаҳое, ки ба беҳтар намудани шароит ва ҳифзи меҳнат вобаста аст, иштирок намояд;
- дар ҳолати ба вуҷуд омадани вазъе, ки ба ҳаёт ё саломатии ӯ таҳдид мекунад аз иҷрои

кор даст кашида, дар ин хусус ба роҳбари бевоситааш ё корфармо хабар диҳад.

Ҳамзамон бояд зикр кард, ки тибқи қисми сеюми моддаи 1 Конститутсия - Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Дар ҳамин замина, яке аз унсури муҳими элементи озодии меҳнат, ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ мебошад. Олимон ҳуқуқ ба ҳимояи иҷтимоиро ҳамчун ҳуқуқи расмӣ баҳо дода, ба меҳнат таъмин будани шаҳрвандонро ҳуқуқи конститутсионии онҳо медонанд.[8]

Аз инҷост, ки дар баробари Конститутсия механизмҳои амалишавии ҳуқуқи мазкур дар моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» мустаҳкам гардидааст, ки дар ин асос давлат ба шаҳрвандони бекор кафолатҳои зеринро муқаррар намудааст.

- мусоидати ройгон дар интихоби кори мувофиқ ва бо кор таъминкунӣ тавассути миёнаравии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ;
- тамоюли ройгони касбӣ, тарбия ва бозомӯзии касбӣ, такмили ихтисос дар асоси роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ;
- таъмини дастгирии иҷтимоӣ;
- ҷуброни хароҷоти моддӣ бо сабаби дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳали дигар бо роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор (омӯзиш) равон намудан;
- имконияти бастани шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатӣ барои иштирок дар корҳои ҷамъиятии музднок, ки бо назардошти синну сол ва дигар хусусиятҳои шаҳрвандон ташкил карда мешаванд».

Яке аз элементҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ба меҳнат манъи маҳдудсозӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ ба ҳисоб меравад. Мазмуну моҳияти элементи мазкур дар он зоҳир меёбад, ки шаҳрвандон имконият доранд аз рӯи қобилияти корӣ ва касбият, ҳуқуқи худро ба меҳнат амалӣ намоянд. Яъне соҳиби кор гарданд, дар шароити муътадили корӣ, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат муайян гардидаанд, фаъолият намоянд ва музди меҳнати мувофиқ ба фаъолияташонро гиранд.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мукин аст, ки маҳдудсозии ҳуқуқ ба меҳнат тамоми паҳлӯҳои муносибатҳои меҳнатиро дар бар гирифта, ҳуқуқи ҳеҷ кас ба меҳнат наметавонад маҳдуд гардад ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ.

Қисми дигари элементи мазкурро ҳамчун унсури асосии ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба меҳнат, "музди меҳнат" ташкил медиҳад. Элементи конститутсионии мазкур давлатро вазифадор менамояд, ки механизмҳои амалишавии ин муқарраротӣ конститутсиониро бевосита дар чорчӯбаи муайян танзим намояд. Масалан, яке аз механизмҳои амалишавии онро моддаи 139 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Меъёри андозаи музди меҳнати кормандон пешбинӣ шудааст ва андозаи музди меҳнати корманд бо миқдор ва сифати меҳнати сарфшуда робитаи бавосита дорад. Ба сифати ченаки сарфи меҳнат, меъёри коркард, меъёри вақт, меъёри хизматрасонӣ ва дигар меъёрҳо хизмат мекунанд.

Ҳамчунин андозаи музди меҳнат дар асоси мувофиқаи корманд ва корфармо муқаррар шуда, аз андозаи ҳадди ақалии музди меҳнат, ки онро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, кам буда наметавонад ва бо ягон ҳадди ниҳоӣ, маҳдуд карда намешавад. Ин меъёр барои тамоми ташкилотҳо, новобаста аз манбаи маблағгузорӣ ва шакли ташкилию ҳуқуқиашон, инчунин корфармоён ва шахсони воқеӣ, ҳатмист. Музди меҳнати ҳадди ақалл бо назардошти болоравии сатҳи зиндагӣ, тағйирот дар буҷети ҳадди ақалӣ истеъмолӣ ва вазъи иҷтимоию иқтисодӣ давра ба давра муайян карда мешавад.

Элементи дигари ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба меҳнат манъи меҳнати маҷбурӣ аст. Ҳар як шаҳрванди қобилияти меҳнатидошта, дар интихоби ҷойи кор, фаъолияти меҳнатӣ аз рӯи касб ва малакаи худ озод аст. Дар ин кор ҳеҷ кас набояд ба ӯ монеа эҷод намояд. Меҳнати маҷбурӣ - иҷрои кор зери таҳдиди истифодаи ягон ҷазо (таъсиррасонӣ барои зӯроварӣ), ҳамчунин бо мақсади нигоҳдории интизоми меҳнат фаҳмида мешавад [9]. Ҳамчунин элементи мазкурро санадҳои байналмилалӣ асоси ҳуқуқӣ додаанд, аз ҷумла моддаи 1-и Конвенсияи Созмони байналмилалии меҳнат "Дар бораи барҳам додани меҳнати маҷбурӣ" ҳар як давлати узви СБМ-ро уҳдадор менамояд, ки меҳнати маҷбуриро барҳам диҳад ва кӯшиши дар ягон шакл истифода намудани онро накунад,

масалан, аз он ба сифати василаи таъсиррасонӣ ё тарбия, муҷозот барои доро будан ба ақидаи сиёсӣ ё эътиқоди ғоявии хилофи низоми мавҷудаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ё иқтисодӣ, усули сафарбарӣ ва истифода намудани қувваи корӣ баҳри рушди иқтисодиёт, усули пуштибонӣ аз интизоми меҳнат ва таҳкими он, муҷозот барои иштирок дар корпартоии қонунӣ, чораи маҳдудкунӣ аз рӯи мансубияти нажодӣ, иҷтимоӣ, миллӣ ва динӣ истифода набарад. Мафҳуми меҳнати маҷбуриро Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян наменамояд, вале дар моддаи 8 меҳнати маҷбуриро манъ намудааст, ҳамчунин дар қисми дуюми моддаи зикргардида он намудҳои меҳнатеро, ки меҳнати маҷбурӣ ба ҳисоб намераванд, муқаррар менамояд, ки ба амалишавии ин элементи конститутсионӣ мусоидат менамояд.

Қисми 4 моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифода намудани меҳнати занон ва ноболиғонро чун элементи конститутсионӣ манъ намудааст. Меъёри мазкур дар Кодекси Меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфта он дар се намуди шароити корӣ, меҳнати занон ва ноболиғонро манъ менамояд. Аз ҷумла, дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнатиашон зарарнок.

Амалишавии элементи мазкур дар дигар санадҳои зериқонунӣ пешбинӣ шудаанд. Масалан, Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 декабри соли 2002, №521 бо тағйиру иловаҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2007, №658, аз 31 декабри 2014, №794, дар бораи «Номгӯйи истеҳсолот, сеххо, корҳо, касбу вазифаҳое, ки шароити меҳнатии зарарнок ва вазнини кор дар онҳо барои рӯзи кӯтоҳи кор ва рухсатии иловагии ҳарсола ҳуқуқ медиҳад» ва Қарори Ҳукумати ҶТ аз 4 апрели соли 2017, №179, дар бораи «Рӯйхати корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ карда мешавад ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳое, ки барои занон дастӣ бардоштан ва кашонидани онҳо иҷозат дода мешавад» ва ғайра.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ механизми амалишавии ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба меҳнат пурра танзими худро ёфтааст. Элементҳои ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба меҳнатро шартан чунин пешниҳод кардан мумкин аст: озодии меҳнат; манъи маҳдудиятҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ ва музди меҳнат; манъи меҳнати маҷбурӣ; манъи истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон дар корҳои вазнини зеризаминӣ ва шароити меҳнатиашон зарарнок.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994.

2. Хурматуллина А.М. Конституционно-ценностное содержание права на труд // Вестник экономики, права и социологии. – 2015. – № 1. – С. 155-158

3. Чиканова Л.А., Право на труд: конституционный и международный аспекты// Журнал росийского права. – № 5. – 2018. – С. 5-9.

4. Шонасрудинов Н., Худоёрзода Б.Т., Мақумова С.А., Бобокалонов Ғ.М. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – С. 120.

5. Ген, Н.Л. Специфика конституционных норм и особенности их реализации // Журнал российского права. – 2001. – №11. – С. 53-59.

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016 [Нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0 / М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.1 электрон.

6. Анишина В.И., Попонов Ю.Г., Свобода труда или право на труд // Журнал росийского права. – № 4. – 2007. – С. 86-90.

7. Бобокалонов Ғ.М., Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инкишофи қонунгузорӣ оид ба меҳнат // Қонунгузорӣ. – 2019. – № 3 (35). – С. 17-23.

8. Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи иттилоотӣ-ҳуқуқӣ. – № 5 (132) қисми 1, 2019 с. Протокол ба Конвенсия дар бораи меҳнати маҷбурӣ аз соли 1930. – С 6-7.

**Аннотатсия**

**Нақши Конститутсия дар амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат**

Дар мақолаи мазкур масъалаи нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф бо дарназардошти моддаи 35 мазмуни конститутсионии ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнатро ба элементҳо ҷудо намуда, рафти амалишавии онҳоро баррасӣ намудааст.

**Аннотация**

**Роль Конституции в реализации права граждан на труд**

В данной статье рассматривается роль Конституции Таджикистана в реализации права граждан на труд. Принимая во внимание статью 35 автор разделил конституционное содержание права граждан на труд на элементы и обсудил их реализацию.

**Annotation**

**The Role of the Constitution in the Realization of Citizen's Rights to Labor**

This article examines the role of the Constitution of Tajikistan in the exercise of citizens' right to labor. Taking into account article 35, the author has divided the constitutional content of citizens' right to labor into elements and discusses their implementation.



**Тоҷиддинов Маҳмароиб Абдулвоҳидович,**
*котиб-коргузори Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*E-mail: tojidinov_9898@mail.ru*
*Тел:(+992) 904-25-26-30*

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ МАЪЮБОН

***Калидвожаҳо:*** *танзими ҳуқуқӣ; шахсони маъюб; ҳифзи иҷтимоии маъюбон; санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ; имтиёзҳо ва кафолатҳои маъюбон.*

***Ключевые слова:*** *правовое регулирование; инвалиды; социальная защита инвалидов; нормативные правовые акты; льготы и гарантии для инвалидов.*

***Keywords:*** *legal regulation; disabled; social protection of disabled people; regulations; benefits and guarantees for disabled people.*

Яке аз категорияҳои иҷтимоии одамон, ки шахсони имконияташон маҳдудбуда, ниёз ба кумак доранд, маъюбон мебошанд. Афроди маъюб гуфта дар асоси муқаррароти қонун онҳое дар назар дошта мешаванд, ки дар натиҷаи нуқсёбии саломатӣ бо коҳиши устувори вазифаҳои организм аз беморӣ, ҷароҳат, иллати ҷисмонӣ ва ақлонӣ боиси маҳдуд шудани фаъолияти ҳаётӣ гардидааст ва ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёз доранд.

Бояд қайд кард, ки маъюбон ашхосе мебошанд, ки аз ҳифзи иҷтимоӣ бархурдоранд. Ҳифзи иҷтимоии маъюбон гуфта аслан низоми чораҳои аз тарафи давлат андешидашудаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ки барои бартарафсозии маҳдудиятҳои ҳаёти маъюбон равона шудааст, фаҳмида мешавад. Ҳамзамон давлат барои иштироки баробарии онҳо дар ҳаёти ҷомеа бо дигар шаҳрвандон шароит фароҳам меорад.

Имтиёзҳо ва кафолатҳои иҷтимоии давлатии шахсони маъюб аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Чунончи, дар моддаи 34-и он дарҷ гардидааст, ки «Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд”. Мувофиқи моддаи мазкур уҳдадории давлат дар хусуси ҳифзи кӯдакони маъюб ва ятим, ҳамчунин, зоҳир намудани ғамхорӣ оид ба таълиму тарбияи онҳо муқаррар шудааст [1].

Ҳамзамон дар моддаҳои 38 ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва дар моддаи 39 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоии маъюбон муқаррар карда шудааст. Аз ҷумла, дар моддаи 39 муқаррар шудааст, ки «Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад».

Меъёрҳои муқаррарнамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар боло мо аз онҳо ёдовар шудем, тамоми ҷанбаҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии шахсони маъюбиятдоштаро пурра инъикос менамоянд. Пас аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» аз 29 декабри соли 2010, № 675 [5] муқаррароти асосиро вобаста ба вазъи иҷтимоии маъюбон пешбинӣ менамояд. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии таъминоти ҳифзи иҷтимоии маъюбонро муайян намуда, ба онҳо имконияти баробари зиндагӣ ва ҳамгироӣ бо ҷомеаро фароҳам меорад.

Тибқи қонунгузории амалкунанда маъюбон вобаста ба категорияҳо ва гурӯҳҳои маъюбиашон аз чунин имтиёзҳо ва кафолатҳои иҷтимоии давлатӣ бархурдоранд: табобати санаторию курортӣ, имтиёзҳо ҳангоми истифодаи нақлиёти мусофирбари ҷамъиятӣ, андоз аз воситаҳои нақлиёт, ҳаққи истифодабарии хизматрасонии коммуналӣ, хизматрасонии тиббӣ, пардохти ҳаққи истифодабарии телефонҳои хонагӣ, имтиёзҳо ҳангоми супоридани имтиҳонҳои тестӣ барои

дохил шудан ба муассисаҳои таълимӣ-давлатии маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ, афзалият ҳангоми қабул шудан ба хона-интернатҳо барои пиронсолону маъюбон, марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоии нафақахӯрон ва шӯъбаи расонидани ёрии иҷтимоӣ дар хона, афзалият ҳангоми касбомӯзӣ дар мақомоти шуғли аҳолӣ ва таълими калонсолон ва ғайраҳо.

Дар баробари ин, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди Кодексҳои андоз, тандурустӣ, манзил, меҳнат, оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» [6] ва «Дар бораи маориф» [7] ва дигарҳо муқаррароти махсус оид ба танзими ҳуқуқӣ ва кафолатҳои иҷтимоии маъюбон ҷой дода шудаанд.

Дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [3] бо мақсади танзими ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии маъюбон имтиёзҳо барои андозсупорандагон, аз ҷумла, маъюбон пешбинӣ шудааст. Бояд қайд кард, ки дар моддаи 274 Кодекси андоз пешбинӣ шудааст, ки заминҳои ташкилотҳое, ки дар онҳо на камтар аз 50 фоизи кормандонашонро маъюбон ташкил медиҳад, аз андози замин озод мебошанд. Ҳамзамон қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ, ки барои сохтани манзили истиқоматӣ ҷудо карда шудааст ва он ба оилае дода шавад, ки ҳамаи аъзоёни онро маъюбони бекор ташкил диҳад, аз супоридани андози замин озод мебошанд.

Ҳамчунин дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [2] масъалаи ҳуқуқҳои меҳнатии шахсони имкониятāшон маҳдуд, яъне маъюбон танзими худро ёфтааст. Аз ҷумла, дар кодекси мазкур дар боби 24 хусусиятҳои меҳнати маъюбон танзим карда шудааст.

Масалан, корфармо уҳдадор аст, ки ба корманди маъюб тамоми шароитҳои зарурии барои ӯ лозимаро муҳайё намояд. Ҳамчунин маъюбонро дар корҳои шабона, рӯзҳои истироҳат ва иди ғайрикорӣ ба кор сафарбар кардан манъ аст. Албатта, бояд зикр кард, ки Кодекси меҳнат барои кормандони маъюб бисёр имтиёзҳоро нисбати дигар кормандон пешбинӣ менамояд. Далели гуфтаҳо метавонад вақти кории 6-соатаи онҳо дар як ҳафта, манъи ҷалби онҳо ба корҳои шабона, манъи изофакорӣ барои маъюбон ва амсоли инҳо бошад.

Санади дигаре, ки танзимкунандаи ҳуқуқҳои иҷтимоии маъюбон аст, ин Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [4] мебошад. Кодекси мазкур дар бобҳои алоҳида вобаста ба ақди никоҳ, тартиби фарзандхонӣ, уҳдадориҳои алиментдиҳӣ ва ғайра муқарраротизарурӣро пешбинӣ намудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки меъёрҳо вобаста ба фарзандхонӣ ва пардохти алимент аз ҷониби падару модар ба фарзандон нисбат ба маъюбон низ пурра татбиқ мешавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» дар моддаи 24 кафолатҳои иҷтимоии дастгирии шахсони бекорро пешбинӣ менамояд. Яке аз чунин кафолатҳои пешбинигардида дар ин модда ин додани имтиёз ва ҷубронпулӣ ба кормандони аз корхонаю муассисаҳо ва ташкилотҳо аз кор озодгардида мебошад. Дар ин асос метавон гуфт, ки агар шахси маъюб дар ин ё он корхона ва ё ташкилот ба фаъолияти меҳнатӣ машғул бошад, бо сабаби аз кор озод карда шуданаш аз ҷониби давлат ба ӯ кумакпулӣ барои бекорӣ пардохт карда мешавад.

Бо мақсади ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз 12.01.2010, № 595 [8] қабул карда шудааст. Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқии танзими давлатии суғуртаи ҳатмии нафақавии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, шахсони воқеию ҳуқуқӣ, тартиби таъин ва пардохти нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатиро муайян мекунад. Масалан, дар моддаи 30 шахсоне, ки ба гирифтани нафақаи иҷтимоӣ ҳуқуқ доранд пешбинӣ шудааст. Дар банди якуми моддаи болозикр дарҷ шудааст, ки маъюбони гурӯҳҳои I, II ва III аз овони кӯдакиашон ҳуқуқ ба нафақаи иҷтимоӣ доранд.

Мақсади қонунгузор дар он ифода ёфтааст, ки ин навъи нафақаро ашхосе мегиранд, ки аз кӯдакӣ маъюб ҳастанд. Яъне, асоси таъини онро бемории умумӣ ташкил дода, маъюбии онҳо аз кор вобаста нест. Ҳамчунин андозаи пардохти нафақаи иҷтимоӣ барои маъюбон дар моддаи 31-и қонуни мазкур муқаррар карда шудааст. Гирифтани нафақа дар тамоми давраи маъюбӣ, ки аз ҷониби Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ муқаррар гардидааст таъин карда мешавад. Нафақа барои

мардони маъюби 60-сола ва занони маъюби 55-сола ба таври умрбод таъин карда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраҳои аввали соҳибистиқлол гардидан барои ҳимояи манфиатҳои ашхоси имконияташон маҳдуд тамоми чораҳои заруриро андешида истодааст. Аз ҷумла, санадҳои байналмилалии марбут ба ҳуқуқҳои маъюбон ва таъминоти иҷтимоии онҳоро эътироф намуда, барои ҳифзи манфиатҳои ашхоси маъюб тадбирҳои мушаххас меандешад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 22 марти соли 2018 Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбонро ба имзо расонид.

Дар ин асос бояд зикр кард, ки Конвенсияи мазкур тамоми меъёрҳои асосиро вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои маъбон дар бар гирифта, барои такмили қонунгузории миллии мо дар ин самт нақши калон дорад. Дар ин санад тамоми паҳлуҳои ҳаёти маъюбон ва ҳуқуқҳои онҳо дарҷ шудааст. Аз ҷумла, адами табъиз нисбати маъюбон, ҳуқуқ ба ҳаёт, тандурустӣ, таҳсил, меҳнат, озодии онҳо аз шиканҷа, истисмор, зӯроварӣ ва таҳқир, ҳамчунин дастрасии онҳо ба иттилоот, баёни фикру ақидаи шахсӣ ва иштироки онҳо дар ҳаёти фарҳангӣ муқаррар шудааст.

Лозим ба зикр аст, ки масъалаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид бо қабул кардани санадҳои зарурӣ оид ба танзими ҳуқуқии масоили маъюбон, дида баромада шудааст. Ҳанӯз аз соли 1981 дар созмони мазкур ба масъалаи маъюбон диққати ҷиддӣ доданд ва ҳамон солро Соли байналмилалии маъюбон номгузорӣ карданд. Ҳамин буд, ки соли 1993 Созмони Милали Муттаҳид «Қоидаҳои стандарти таъмини имкониятҳои баробар барои маъюбон»-ро қабул намуд.

Дар асоси ин санад давлатҳои ҷаҳон бо мақсади ҳифзи иҷтимоии афроди маъюби худ санадҳои миллиро таҳия ва ба тасвиб расониданд. Ин ҳам натиҷаи ниҳоӣ нест, чунки дар аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон ҳанӯз ҳам монеаҳои зиёде ҷой дорад ва он ба маъюбон имкон намедиҳад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои худро татбиқ намоянд. Ҳамзамон вазифаи давлат аст, ки тадбирҳои заруриро дар ин ҷода андешад ва ин монеагиҳоро бартараф намояд. Дар баробари ин барои ҳимояи манфиатҳои маъюбон бояд ташкилотҳои онҳо таъсис дода шуда, фаъолият намоянд.

Вобаста ба ин дар моддаи 15-и «Қоидаҳои стандарти таъмини имкониятҳои баробар барои маъюбон» пешбинӣ шудааст, ки «духтарону писарон ва мардону заноне, ки маъюбанд ҳамчун аъзои ҷомеа бояд ҳамон ҳуқуқ ва вазифаҳоеро дошта бошанд, ки одамони дигар доранд» [9, с. 187].

Таҳлили муқоисавию ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ вобаста ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон собит сохт, ки норасоӣ дар қонунгузории амалкунанда ҷой дорад.

Масалан, дар Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои маъюбон дар бобати таҳсилоти маъюбон пешбинӣ шудааст, ки маъюбон набояд аз системаи умумии таҳсилот ва кӯдакони маъюб аз системаи таҳсилоти ҳатмии ибтидоӣ ва миёнаи ройгон хориҷ карда шаванд. Ин меъёр дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъбон» ҷой надорад.

Бо назардошти ҳолатҳои мазкур пешниҳод менамоям, ки он дар қисми дуюми моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъбон» имплементатсия карда шавад.

Инчунин, мутобиқи қисми чоруми моддаи 24-и Конвенсияи мазкур давлатҳо бояд барои омӯзонидани забони имову ишора ба маъюбон, аз ҷумла алифбои Брайл ва таъмин намудани маъюбон бо омӯзгорон чораҳо андешанд. Дар асоси ин меъёр, бо мақсади пурра намудани қисми якуми моддаи 24-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» пешниҳод менамоям, ки дар банди дуюм ибораи «Давлат барои омӯзонидани алифбои Брайл бо маъюбон ва таъмини онҳо ба омӯзгорони донандаи ин алифбо чораҳо меандешад», ворид карда шавад.

Бо мақсади дастгирӣ ва тавонманд гардонидани маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд стратегияҳо ва барномаҳо қабул гардида буданд. Амсоли онҳо ин «Стратегияи миллии солимии аҳолӣ барои солҳои 2010-2020» ва «Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020» ба ҳисоб мераванд. Бинобар сабаби ба охир расидани ин нақшаҳо қабул гардидани стратегияву барномаҳои навро дар самти мазкур мувофиқи мақсад медонем.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо овоздиҳии оммавӣ 6 ноябри соли 1994 қабул шудааст) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.
2. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016 [Нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0 / М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.1 электрон.
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012 [Нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0 / М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.1 электрон.
4. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 [Нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0 / М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.1 электрон.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” аз 29 декабри соли 2010 [Нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0 / М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.1 электрон.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ” аз 01 августи соли 2003 [Нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0 / М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.1 электрон.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” 22 июли соли 2013 [Нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0 / М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.1 электрон.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ” аз 12 январи соли 2010 [Нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0 / М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.1 электрон.
9. Ҳуқуқи инсон: китоби дарсӣ барои синфи 11. – Душанбе: ТоРус, 2011. – 320 с.



**Аннотатсия**

**Танзими ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии маъюбон**

Дар мақолаи мазкур мавзӯи танзими ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии маъюбон мавриди омӯзиш, таҳия ва баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф бо дарназардошти санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, имтиёзҳо ва кафолатҳоеро, ки тибқи қонун ба маъюбон дода шудааст, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Ҳамзамон ҷиҳати такмили қонунгузории миллӣ ва мутобиқсозии (имплементатсия) онҳо бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ тавсияҳои судмандро пешниҳод намудааст.



**Аннотация**

**Правовое регулирование социальной защиты инвалидов**

В данной статье исследуется, развивается и рассматривается правовое регулирование социальной защиты инвалидов. Автор изучил и исследовал тему с учетом национальных и международных нормативных правовых актов, льготы и гарантии, предоставляемые инвалидам в соответствии с законом. В то же время он представил свои взгляды на совершенствование национального законодательства и его имплементацию с международными правовыми актами.



**Annotation**

**Legal regulation of social protection of disabled people**

This article examines, develops and discusses the legal regulation of social protection of disabled people. The author has studied and researched, taking into account national and international regulations, the benefits and guarantees provided to persons with disabilities in accordance with the law. At the same time, he presented his views on the improvement of national legislation and its implementation with international legal acts.

**ГУНОГУН** **РАЗНОЕ**

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҚОНУНГУЗОРИИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҚАРЗГИРИИ ДАВЛАТӢ ВА ҚАРЗЕ, КИ АЗ ҶОНИБИ ДАВЛАТ КАФОЛАТ ДОДА МЕШАВАД БО ҚОНУНГУЗОРИИ ҚАРЗГИРИИ ДАВЛАТИИ БАЪЗЕ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ

Танзими молиявӣ-ҳуқуқии қарзи давлатӣ яке аз масъалаҳои рӯзмараи низоми молиявии давлат мебошад. Қарзи давлатӣ қисми таркибии низоми молиявии ҳама гуна давлат буда, барои тавозуни сиёсати пулию қарзӣ истифода бурда мешавад. Қарзи давлатӣ ва танзими он барои иқтисодиёти муосири Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва душвор боқӣ монда, рушди иҷтимоию иқтисодии кишварро бозмедорад.

Вобаста ба нокифоя будани маблағҳои буҷетӣ барои аз ҷониби давлат иҷро намудани вазифаҳои худ зарурияти воқеии маблағҳои иловагии қарзӣ ба миён меояд, ки дар навбати худ метавонад бо роҳи гирифтани қарзгирии давлатӣ амалӣ карда шавад. Қарзгирии давлатӣ муносибатҳое мебошад, ки дар он давлат қарзгиранда ё кафолатдиҳандаи қарзгири дигар баромад менамояд. Ба ибораи дигар, қарзгирии давлатӣ ин ба моликияти давлат додани воситаҳои пулӣ бо шартҳои бозгардонӣ, муҳлатнокӣ ва пардохтпазириро ташкил мекунад.

Дар шароити муосир масъалаи манбаъҳои маблағгузории фаъолияти давлатӣ аҳамияти хоса дорад. Яке аз ин манбаъҳо дар баробари андозҳо ва дигар даромадҳо қарзи давлатӣ мебошад. Қарзи давлатӣ воситаи муҳими сиёсати иқтисодии давлат мебошад, ки қарзи давлатиро ташкил медиҳад. Қарздиҳии давлатӣ, инчунин, ҳамчун як воситаи танзими иқтисодиёт бо мақсади нигоҳ доштани соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, минтақаҳо, дар баъзе ҳолатҳо корхонаҳо ва ширкатҳои алоҳидаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ба кор бурда мешавад. Истифодаи қарзҳои байналмилалӣ дорои хусусияти сиёсӣ буда, барои таъмини манфиатҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ хизмат мекунанд.

Дар муносибатҳои қарзгирӣ ба сифати қарздиҳандагон метавонанд субъектҳои хоҷагидор (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ), давлатҳои хориҷӣ ва сармоягузорони хориҷӣ, инчунин ташкилотҳои молиявӣ – қарзии байналмилалӣ баромад менамоянд. Ғайр аз ин, давлат метавонад ҳамчун кафолатдиҳандаи баргардонидани қарзҳо баромад кунад. Дар ин сурат онҳо кафолатнок ҳисобида мешаванд. Истифодаи онҳо барои ҳама гуна давлатҳо, аз он ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон як амали муқаррарӣ мебошад. Қарзгирии давлатӣ ихтиёрӣ мебошад, аммо шартҳои қарз наметавонанд тағйир дода шаванд.

Қарзи давлатӣ танҳо масълаҳои муваққатии норасоии маблағҳои буҷетиро ҳал мекунанд. Натиҷаи қарзгирии давлатӣ боиси пайдоиши қарзи дохилӣ ё берунӣ мегардад, ки ҳаҷми он таъсири муҳим ба ҳолати иҷтимоӣ – иқтисодии давлат мерасонад. Таъмини кафолатҳои давлатӣ, инчунин боиси ташаккули қарзи давлатӣ мегардад, зеро давлат хароҷоти воқеиро ба зимма мегирад. Агар қарзгиранда имконияти ҳисоббаробаркуниро бо қарздиҳанда надошта бошад, давлат бори пурраи молиявиро бар дӯш мегирад. Аз ин ҷо, қарзгирии давлатӣ бояд назорат карда шавад.

Ҳамчун яке аз шаклҳои сафарбаркунии захираҳои молиявӣ, қарзи давлатӣ нақши дугона дорад. Аввалан, дар муносибатҳои қарзи давлатӣ он ба ташаккули фондҳои иловагӣ бо мақсади маблағгузории вазифаҳои асосии давлат ва дуюм, дар муносибатҳои қарздиҳии давлатӣ ба тақсимоти маблағҳои мавҷуда барои маблағгузории самтҳои алоҳидаи фаъолияти давлатӣ нигаронида шудааст.

Ҷалби қарзгирии давлатӣ ҳам оқибатҳои мусбӣ ва ҳам оқибатҳои манфӣ дорад. Аз як тараф, ҷалби маблағҳои иловагӣ ба рушди иқтисодиёт ва самаранокии иқтисодиёт дар давлат, ҳавасмандии истеъмолӣ ё сармоягузорӣ дар истеҳсолот таъсир расонад, аз тарафи дигар, таъсири манфӣ дорад, зеро хароҷотҳо барои нигоҳдории он ба вазъи иқтисодии кишвар бинобар коҳиш ёфтани захираҳо ба таври амиқ таъсир мерасонанд. Бо назардошти хусусияти дуҷонибаи хусусияти қарзи давлатӣ, онро бояд барои давлат воқеӣ арзёбӣ кард, зеро агар давлат қарор дар бораи истифодаи қарзҳо қабул

кунад, пас зарурият барои беҳтар кардани фаъолияти молиявии он вуҷуд дорад.

Вобаста ба ин ҳар як давлат бо мақсади кам кардани ҳаҷм ва оқибатҳои манфии бори қарз дар кишвар ва муносибгардонии истифодаи маблағҳои қарзӣ, бо назардошти нишондиҳандаҳо ва тамоюлоти уҳдадориҳои қарзӣ сиёсати оқилонаи қарзӣ дар қонунгузории молиявӣ пешбинишуда ва тағир додани онро пеш мебарад.

Аз ин рӯ, зарурати омӯзиш ва баррасию таҳлили қарзи давлатӣ, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсири мустақим дорад, муҳим аст. Зеро дар шароити ҷаҳонишавӣ омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷие, ки таърихи бисёрсолаи танзими ҳуқуқии қарзгирии давлатиро доранд, хеле муфид арзёбӣ мегардад.

Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» бо қонунгузории қарзгирии баъзе давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз он ҷумла Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Украина, Озорбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова ва Ӯзбекистон гузаронида шавад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин кишварҳо қонунгузорӣ оид ба қарзгирии давлатӣ рушд кардааст ва аз як қатор умумияту тафовут бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар соҳаи қарзгирии давлатӣ ба мушоҳида мерасад.

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» бо давлатҳои болозикр нишон медиҳад, ки дар аксарияти давлатҳо танзими ҳуқуқии муносибатҳои қарзгирии давлатӣ, дар тафовут аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи санади ягонаи мураттабгашта, яъне Кодекси буҷетӣ ба танзим дароварда шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои қарзгирии давлатӣ, пеш аз ҳама, тавассути Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, зеро тибқи моддаи 57 Конститутсия ризоят ба додугирифти қарзи давлатӣ ба салоҳияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад. Ба ғайр аз ин, дар моддаи 75 Конститутсияи кишвар зикр шудааст, ки Ҳукумат барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсати додугирифти қарзи давлатӣ, масъалаи андозаи имконпазири касри буҷети давлатӣ ва манбаи ҷуброни онро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд.

Қобили зикр аст, ки қонуне, ки бевосита муносибатҳоро дар самти қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад танзим менамояд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» [1] мебошад.

Қонуни мазкур 11 декабри соли 1999, №886 қабул шуда, аз 4 боб ва 21 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур муносибатҳоеро, ки дар рафти қарзгирии давлатӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарзгирии ғайридавлатиеро, ки аз ҷониби намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъмини кафолати давлатӣ ба вуқӯъ мепайванданд танзим намуда, инчунин чораёни идора намудани қарзи давлатӣ ва қарзи бо кафолати давлатӣ гирифташударо таъмин менамояд. Қонуни зикргардида санади ягона ва мушаххасе ба ҳисоб меравад, ки муносибатҳои қарзи давлатиро ба танзим медарорад.

Тибқи моддаи 1 Қонуни мазкур, қарзи давлатӣ маблағи гирифташуда ва бозпардохт нагардидаи пули қарзи давлатӣ дар муҳлати муқарраргардида, мебошад. Мақсади қарзгирии давлатӣ аз ҷалб намудани воситаҳои зарурӣ барои иҷрои буҷет ва бозпардохти қарзи давлатӣ иборат аст. Воситаҳое, ки аз рӯи пули қарзи давлатӣ гирифта шудаанд, ба ҳисоби буҷети давлатӣ гузаронида мешаванд ва барои иҷрои буҷет истифода карда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарзгирии давлатӣ дар шаклҳои қоғазҳои қимматноки давлатӣ ва созишномаҳо оид ба пули қарз амалӣ карда мешаванд [1]. Мақомоти давлатӣ дар соҳаи қарзгирӣ ва идора намудани қарзи давлатӣ Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Ҳамзамон, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии назорат аз болои қарзҳои хориҷии ба ҷумҳурӣ ҷалбшаванда, ки қарзҳои давлатии беруниро ташкил медиҳанд, иҷро намудани шартҳои пули қарзи давлатӣ ва ё аз ҷониби давлат кафолат дода шуда, аз

тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияи байниидоравӣ оид ба қарзҳои берунӣ таҳти раёсати вазири молия таъсис дода мешавад. Ба ҳайати комиссияи байниидоравӣ Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин дигар роҳбарони вазоратҳо ва идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи салоҳияти Ҳукумат ҷалб карда мешаванд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт, ба ғайр аз мақомот ва шаклҳои қарзгирии давлатӣ, инчунин масъалаҳои кафолати давлатӣ аз рӯи пули қарз, шакл ва мазмуни кафолати давлатӣ, ҳалли баҳсҳо оид ба қарзгирии давлатӣ ва ҷавобгарӣ барои вайрон намудани талаботи Қонуни мазкурро дар бар мегирад.

Кафолати давлатӣ - уҳдадории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди қарздиҳанда ҷиҳати пурра ё қисман пардохт намудани қарз дар ҳолати аз ҷониби қарзбардор - намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт нагардидани маблағи қарз дар муҳлати муайяншуда мебошад. Қарзи аз ҷониби давлат кафолат додашуда бошад, маблағи дар муҳлати муайян гирифта шуда ва бозпардохт нагардидаи пули қарзи ғайридавлатӣ, ки кафолати давлатӣ дорад, мебошад [1].

Қобили зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло зикршуда, барои ноил гардидан ба ҳадафҳои дарозмуддат ва нишондиҳандаҳои ниҳоят муҳим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти қарзгирии давлатӣ як қатор стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ қабул карда шуданд: Аз ҷумла:

1. Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2011 (бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, №526 тасдиқ карда шудааст);
2. Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2014 (бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, №199 тасдиқ карда шудааст);
3. Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 (бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2014, №214 тасдиқ карда шудааст);
4. Страегияи идоракунии қарзи двлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 (бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2017 № 486 тасдиқ карда шудааст) ;
5. Шартномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 (бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 октябрии соли 2017, №485 тасдиқ карда шудааст).

Ба ғайр аз ин, вобаста ба танзими қарзи давлатӣ Қарор дар бораи тасдиқи тартиби ҷалби лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои пешниҳоди кафолатҳои давлатӣ, истифодабарӣ, рӯйпӯшнамоӣ, баҳисобгирӣ ва бақайдгирии маблағҳои қарзҳои хориҷӣ, инчунин қарзҳои аз ҷониби давлат кафолатдодашуда, ки қарзи берунаи давлатиро ташкил медиҳанд аз 21 сентябри соли 2000, № 385 қабул карда шудааст.

Дар тафовут аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия муносибатҳо вобаста ба қарзгирии давлатиро Кодекси буҷети Федератсияи Россия [2] ба танзим медарорад. То ба амал даромадани Кодекси буҷети Федератсияи Россия, асоси қонунгузориро дар самти идоракунии қарзи давлатӣ ду қонуни асосӣ ташкил медод: «Дар бораи қарзи давлатии дохилии Федератсияи Русия» аз 13 ноябри соли 1992 № 3877-1 ва «Дар бораи қарзгирии давлатии берунии Федератсияи Россия ва қарзҳои давлатие, ки аз ҷониби давлатҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқии онҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба Федератсияи Россия пешниҳод карда мешуданд" аз 17 декабри соли 1994, № 76-ФЗ.

Кодекси буҷети Федератсияи Россия 31 июли соли 1998, №145- ФЗ қабул шуда, аз 1 январи соли 2000 ба қувваи амал даромадааст. Он аз муқаддима, 5 қисм, 9 фасл, 30 боб ва 307 модда иборат аст.

Бо ба амал даромадани Кодекси буҷети Федератсияи Россия бори аввал дар сатҳи қонунгузорӣ мафҳуми низоми ягонаи баҳисобгирӣ ва бақайдгирии уҳдадориҳои қарзҳои давлатӣ муқаррар шуд.

Кодекси буҷети Федератсияи Россия - санади меъёрии ҳуқуқии кодификатсионӣ буда, принсипҳои умумии қонунгузории буҷети Федератсияи Россия, ташкил ва фаъолияти низоми буҷети Федератсияи Россия, вазъи ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии буҷетиро муқаррар намуда, асосҳои раванди буҷетӣ ва муносибатҳои байнибуҷетӣ дар

Федератсияи Россия, тартиби иҷрои санадҳои судиро оид ба ҷамъоварии маблағҳо аз буҷетҳои низоми буҷети Федератсияи Россия, асосҳо ва намудҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории буҷети Федератсияи Россия муайян мекунад.

Муносибатҳои вобаста ба қарзгирии давлатиро фасли 4, боби 14 Кодекси буҷети Федератсияи Россия, ки "Қарзи давлатӣ ва мунисипалӣ" ном дорад (моддаҳои 97-121), ба танзим медарорад. Боби мазкур муносибатҳои вобаста ба қарзи давлатии Федератсияи Россия; сохтори қарзи давлатии Федератсияи Россия; намудҳо ва уҳдадориҳои қарзии Федератсияи Россия; қатъи уҳдадориҳои қарзии Федератсияи Россия, ки бо асъори Федератсияи Россия инъикос ёфтааст ва аз ҳисоб баровардани онҳо аз қарзи давлатии Федератсияи Россия; сохтори қарзи давлатии субъекти Федератсияи Россия; намудҳо ва муҳлати уҳдадориҳои қарзии субъекти Федератсияи Россия; сохтори қарзи мунисипалӣ, намудҳо ва муҳлати уҳдадориҳои қарзҳои мунисипалӣ; идоракунии қарзи давлатӣ (мунисипалӣ); масъулият барои уҳдадориҳои қарзии Федератсияи Россия, субъектҳои Федератсияи Россия, мунисипиалҳо; қарзгирии давлатӣ (мунисипалӣ); хусусиятҳои қарзгирӣ ва пешниҳоди кафолат аз ҷониби субъектҳои Федератсияи Россия, мунисипалҳо бо асъори хориҷӣ; таҷдиди қарзи давлатӣ (мунисипалӣ); ҳадди ниҳоии қарзгирии субъекти Федератсияи Россия (қарзи мунисипалӣ); арзёбии устувории қарзи субъектҳои Федератсияи Россия (мунисипалӣ); Барномаи қарзгирии давлатии берунии Федератсияи Россия; Барномаи кафолатҳои давлатии Федератсияи Россия бо асъори хориҷӣ; Барномаи қарзгирии давлатии дохилии Федератсияи Россия; кафолатҳои давлатӣ (мунисипалӣ); тартиб ва шартҳои додани кафолатҳои давлатӣ (мунисипалӣ); хизматрасонии қарзи давлатӣ; ҳисоб ва бақайдгирии уҳдадориҳои қарзии давлатӣ ва мунисипалӣ; китоби қарзи давлатии Федератсияи Россия; китоби қарзи давлатии субъектҳои Федератсияи Россия ва китоби қарзии мунисипалиро танзим мекунад.

Тибқи моддаи 97 Кодекси буҷети Федератсияи Россия қарзи давлатии Федератсияи Россияро ҳамчун маҷмӯи уҳдадориҳои қарзии Федератсияи Россия дар назди шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Федератсияи Россия, субъектҳои Федератсияи Россия, мунисипалҳо, давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, ки дар натиҷаи қарзгирии давлатии Федератсияи Россия бар меоянд, инчунин уҳдадориҳои қарзӣ оид ба кафолатҳои давлатии пешбининамудаи Федератсияи Россия ва уҳдадориҳои қарзӣ, ки дар натиҷаи қабули санадҳои қонунгузории Федератсияи Россия оид ба қарзи давлатӣ мансуб донистани уҳдадориҳои қарзии шахси сеюм ба вуҷуд омадаанд, муайян мекунад.

Қарзи давлатии Россия пеш аз ҳама дар натиҷаи қарзгирии давлатии Россия ба вуҷуд меояд, ки мутобиқи банди 1 моддаи 103 Кодекси буҷети Федератсияи Россия қарзҳои давлатӣ, ки тавассути барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ аз номи Россия ва қарзҳое, ки аз дигар буҷетҳои низоми буҷети Федератсияи Россия, ташкилотҳои қарзӣ, давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла қарзҳои (қарзгирии) мақсадноки хориҷӣ, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, ки аз рӯи онҳо уҳдадориҳои қарзии Россия ба вуҷуд меоянд, фаҳмида мешаванд.

Қисми дигари қарзи давлатии Россия ин уҳдадориҳои қарзӣ оид ба кафолатҳои давлатии аз ҷониби Русия пешниҳодшуда мебошад. Қарзи давлатии Федератсияи Россия пурра ва бечунучаро аз ҳисоби тамоми молу мулки федералӣ, ки ба хазинаи давлат мансуб аст, таъмин карда мешавад. Бояд гуфт, ки дар миёни масъалаҳои сиёсати муосири буҷетӣ масъалаи қарзи давлатӣ ҷои махсусро ишғол мекунад. Он яке аз масъалаҳои асосии иқтисоди Россия мебошад, ки ҳам ба суръати рушди иқтисодиёти кишвар дар маҷмӯъ ва ҳам ба самти сиёсати молиявӣ ва буҷет таъсири бевосита мерасонад.

Дар Федератсияи Россия дар сатҳи федералӣ ва минтақавӣ ду намуди уҳдадориҳои қарзиро ҷудо мекунанд: қарзи дохилӣ ва берунӣ. Бо мақсади беҳсозии идоракунии қарзи дохилӣ ва берунӣ Кодекси буҷети Федератсияи Россия ба Ҳукумати Федератсияи Россия таҳия кардани ду барномаро пешбинӣ менамояд: Барномаи давлатии қарзгирии берунӣ моддаи 108 Кодекси буҷет ва Барномаи давлатӣ барои мунисипалҳо, имконияти истифодаи танҳо як навъи онҳо , ки қарзи дохилӣ номида мешавад.

Уҳдадориҳои қарзии Федератсияи Россия мувофиқи қисми 2 моддаи 98 Кодекси буҷети Федератсияи Россия метавонанд дар намуди уҳдадориҳо оид ба:

- қарзҳое, ки Федератсияи Россия аз ташкилотҳои қарзӣ, давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва (ё) дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ҷалб мекунад;
- коғазҳои қиматноки давлатӣ, ки аз номи Федератсияи Россия баровarda мешаванд;
- қарзҳои буҷетие, ки аз дигар буҷетҳои низоми буҷети Федератсияи Россия ба буҷети федералӣ ҷалб карда мешаванд;
- кафолатҳои давлатии Федератсияи Россия;
- дигар уҳдадориҳои қарзӣ, ки қаблан мутобиқи қонунгузории Федератсияи Россия ба қарзи давлатии Федератсияи Русия дохил карда шуда буданд, мавҷуд бошад.

Уҳдадориҳои қарзии Федератсияи Русия метавонанд кӯтоҳмуддат (камтар аз як сол), миёнамӯҳлат (аз як сол то панҷ сол) ва дарозмуддат (аз панҷ то 30 сол) бошанд.

Қарзи давлатии Федератсияи Россия аз ҷониби Ҳукумати Федератсияи Россия ё Вазорати молияи Федератсияи Россия, ки аз ҷониби он ваколатдор шудааст, идора карда мешавад.

Тибқи моддаи 103 Кодекси буҷети Федератсияи Россия таҳти қарзгирии давлатӣ (мунисипиалӣ) аз номи ташкилоти оммавӣ-ҳуқуқӣ ҷалб намудани маблағҳои қарзӣ ба буҷети ташкилоти оммавӣ-ҳуқуқӣ тавассути ҷойгир кардани қоғазҳои қиматноки давлатӣ (мунисипалӣ) ва дар шакли қарзҳо, ки аз рӯи онҳо уҳдадориҳои қарзии ташкилоти оммавӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун қарзгир ба вуҷуд меоянд, фаҳмида мешавад.

Дар зери қарзҳои давлатии дохилии Федератсияи Россия аз номи Федератсияи Россия ҷалб намудани маблағҳои қарзӣ ба буҷети федералӣ бо роҳи ҷойгиркунии коғазҳои қиматноки давлатии Федератсияи Россия ва дар шакли қарзҳо аз дигар буҷетҳои низоми буҷетии Федератсияи Россия, аз ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, ки аз рӯи онҳо уҳдадориҳои қарзии Федератсияи Россия ҳамчун қарзгиранда бо асъори Федератсияи Россия ифода ёфтааст, ба вуҷуд меояд, фаҳмида мешавад [2].

Қарзи давлатии дохилии Федератсияи Русия бо мақсади маблағгузории касри буҷети федералӣ, инчунин барои пардохт намудани уҳдадориҳои қарзии давлатии Федератсияи Россия, таъминоти молиявии дигар манбаъҳои маблағгузории касри буҷети федералӣ ва пур кардани бақияи маблағҳо дар ҳисобҳои буҷети федералӣ дар давоми соли молиявӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳуқуқи амалӣ намудани қарзи давлатии дохилӣ аз номи Федератсияи Россия мутобиқи қисми 7 моддаи 103 Кодекси мазкур ба Ҳукумати Федератсияи Россия ё аз ҷониби ӯ ваколатдоршудаи Вазорати молияи Федератсияи Россия таалуқ дорад.

Тибқи моддаи 115 Кодекси мазкур кафолати давлатӣ (мунисипалӣ) иҷрои дурусти ӯҳдадориҳои молиявии худро дар назди бенефитсиар, ки аз шартнома ё дигар амалиёт (уҳдадории асосӣ) бармеояд, таъмин менамояд. Шакли хаттии кафолати давлатӣ (мунисипалӣ) ҳатмист. Кафолати давлатӣ (мунисипалӣ) бо асъор таъмин карда мешавад, ки маблағи он уҳдадории асосиро ифода мекунад. Кафолатдиҳандаи таҳти кафолати давлатӣ (мунисипалӣ) барои уҳдадории қарз дар назди маблағи кафолат масъулияти субсидиарӣ дорад.

Таъмини кафолатҳои давлатии Федератсияи Россия, кафолатҳои давлатии субъектҳои Федератсияи Русия, кафолатҳои мунисипалӣ мутобиқи ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатии Федератсияи Россия, мақомоти ҳокимияти давлатии субъектҳои Федератсияи Россия, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар асоси қонуни дахлдори федералӣ, қонуни субъекти Федератсияи Россия, қарори мақомоти намояндагии мунисипалӣ дар бораи буҷет барои соли молиявии навбатӣ (соли молиявии навбатӣ ва давраи банақшагирӣ), қарорҳои дахлдори Ҳукумати Федератсияи Россия, мақомоти олии иҷроияи ҳокимияти давлатии субъектҳои Федератсияи Россия, инчунин шартнома (созишнома) дар бораи додани кафолати давлатӣ (мунисипалӣ) амалӣ карда мешаванд.

Кафолати давлатӣ (мунисипалӣ) бо шарти аз ҷониби принсипиал, шахси сеюм таъмин намудани иҷрои уҳдадории принсипиал оид ба қонеъгардонии талаботи муроҷиати кафил ба принсипиал, ки вобаста ба иҷрои пурра ё қисмани чунин кафолат бармеояд, дода мешавад.

Ҳукумати Федератсияи Русия ҳуқуқ дорад қарор дар шакли санади Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи додани кафолати давлатии Федератсияи Россия тибқи қонуни федералӣ дар бораи буҷети федералӣ барои соли дахлдор ва давраи банақшагирӣ қабул кунад. Вазорати молияи Федератсияи Россия ҳуқуқ дорад дар ҳаҷм ва ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонуни федералӣ дар бораи буҷети федералӣ барои соли дахлдор ва давраи банақшагирӣ ва санадҳои Ҳукумати Федератсияи Россия, ки мутобиқи он қабул шудааст, дар бораи додани кафолати давлатии Федератсияи Русия қарор қабул кунад.

Дар Ҷумҳурии Украина танзими меъёрӣ-ҳуқуқии қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда мутобиқи як қатор санадҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла Конститутсияи Украина, Кодекси буҷетии Украина, Қонун дар бораи буҷети давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи идоракунии қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолат додашуда ба амал бароварда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Украина мутобиқи Кодекси буҷет [3] қарзи давлатӣ ҳамчун маблағи умумии уҳдадории қарзии давлат оид ба баргардонидани қарзҳои гирифташуда ва барнагардонидашудаи қарзҳо тибқи ҳолати давраи ҳисоботӣ, ки дар натиҷаи қарзгирии давлатӣ ба вуҷуд меоянд, муайян карда мешавад. Қарзгирии давлатӣ бо мақсади пӯшонидани касри буҷети давлатӣ ва азнавмаблағгузории қарзи давлатӣ амалӣ карда мешавад. Ҳуқуқи амалисозии қарзгирии давлатӣ дар доираи Қонун дар бораи буҷети давлатии Украина муқаррарнамуда ба давлат дар шахсияти вазири молияи Украина тибқи супориши Кабинети вазирони Украина тааллуқ дорад. Қарзҳо аз давлатҳои хориҷӣ бонкҳо ва ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ барои баамалбарории лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз ҷониби давлат дар асоси шартномаҳои байналмилалии Украина ҷалб карда мешаванд ва ба қарзҳои берунии давлат тааллуқ доранд.

Мутобиқи Кодекси буҷети Украина қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда – маблағи умумии уҳдадориҳои қарзии субъектҳои хоҷагидор – резидентҳои Украина мебошанд, ки қарзро гирифтаанд ва дар давраи ҳисоботӣ напардохтаанд, ки иҷрои онҳо бо кафолати давлатӣ таъмин шудаанд. То ба қувваи ҳуқуқӣ даромадани кафолатҳои давлатӣ (бавуҷудоии ҳолатҳои кафолат) амалиётҳо оид ба қарзи ишорашуда дар буҷети давлатӣ инъикос карда намешаванд.

Дар Украина қарзҳои давлатӣ дар доираи муайяннамудаи Қонун дар бораи буҷети Украина бо риояи ҳадди ниҳоии қарзи давлатӣ дар охири давраи буҷетӣ амалӣ карда мешаванд. Қарзхо аз давлатҳои хориҷӣ, бонкҳо ва ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ барои баамалбарории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки аз ҷониби давлат дар асоси шартномаҳои байналмилалии Украина ҷалб карда мешаванд ва ба қарзҳои берунии давлат таалуқ доранд. Воситаҳо барои баамалбарории чунин лоиҳаҳои сармоягузорӣ, инчунин хароҷотҳо барои хизматрасонӣ ва пардохти қарзҳои дахлдор дар Қонун дар бораи буҷети Украина дар тамоми муҳлати амали шартномаҳои қарз пешбинӣ карда мешаванд.

Хароҷотҳо барои хизматрасонӣ ва пардохти қарзи давлатӣ аз ҷониби Вазорати молияи Украина (мақомоти молиявии маҳаллӣ) мутобиқи шартномаҳои қарз, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз рӯи онҳо уҳдадориҳои қарзии давлатӣ ба вуҷуд меоянд, новобаста аз ҳаҷми воситаҳое, ки барои чунин мақсад равона карда шудаанд, Қонун дар бораи буҷети давлатии Украина (қарор дар бораи буҷети маҳаллӣ) муайян намудааст.

Бо мақсади самаранокона идора намудани қарзи давлатӣ (маҳаллӣ) ё бозоргир будани ҳисоби ягонаи хазинадорӣ вазири молияи Украина аз номи Украина (мақомоти маҳалли ҳокимият) ҳуқуқи амалӣ намудани аҳдҳоро бо қарзҳои давлатӣ (маҳаллӣ) дорад. Вазири молияи Украина бо ризоияти Бонки миллии Украина ҳуқуқи дар доираи давраи буҷетии ҷорӣ дар асоси озмун ё бо роҳи гузаронидани ауксион маблағҳои муваққатан озоди ҳисоби ягонаи хазинадорӣ ва маблағҳои ҳисобҳои асъории буҷети давлатиро ба депозит ё бо роҳи ба даст овардани қоғазҳои қимматноки давлатӣ бо минбаъд баргардони чунин воситаҳо то охири давраи буҷетии ҷорӣ амалӣ менамояд [3].

Шарти барориш ва муомилоти қоғазҳои қимматноки давлатӣ ва қоғазҳои қиматнок, ки аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимият бароварда шудааст, тибқи Қонуни Украина “Дар бораи қоғазҳои қимматнок ва бозори фондӣ” муайян карда мешавад[4]. Махсусан,

мутобиқи ин қонун вомбаргҳои давлатии Украина метавонанд номӣ ё тақдимкунанда бошанд. Вомбаргҳои давлатии Украина метавонанд истисноан дар шакли ғайриҳуҷҷатӣ амал кунанд. Фурӯши вомбаргҳои карзҳои дохилии Украина бо асъори миллӣ ё хориҷӣ амалӣ карда мешаванд, аммо вомбаргҳои қарзҳои бурунии давлатии Украина – бо асъори қарз.

Вазорати молияи Украина ҷадвали гузаронидани аукционҳоро оид ба ҷойгиркунии қоғазҳои қиматноки қарзии давлатӣ дар бозори дохилиро нашр мекунад. Чунин ҷадвал мумкин аст вобаста ба тағйирёбии шарти қарзҳои давлатӣ ё вазъи бозор аниқ карда шавад. Иттилоот дар бораи гузаронидани аукцион оиди ҷойгиркунии қоғазҳои қимматноки қарзи давлатӣ дар шабакаи Вазорати молияи Украина нашр карда мешавад.

Дар навбати худ кафолатҳои давлатӣ барои таъмини иҷрои пурра ё қисмани уҳдадориҳои қарзии субъектҳои хоҷагидорӣ – резидентҳои Украина метавонад бо қарори Кабинети Вазирони Украина ё дар асоси шартномаҳои байналмилалии Украина истисноан дар доира ва аз рӯи самте, ки дар Қонун дар бораи буҷети давлатии Украина муайян шудаанд, дода шавад (ба ихтиёр гузошта шавад). Тибқи супориши Кабинети Вазирони Украина аҳдҳои дахлдор аз рӯи чунин қарорҳоро вазири молияи Украина мебандад.

Кафолатҳои давлатӣ бо шартҳои музднокӣ, муҳлатнокӣ, инчунин таъмини иҷрои уҳдадориҳо тарзе, ки қонун пешбинӣ намудааст, дода мешавад. Кафолатҳои давлатӣ барои таъмини уҳдадориҳои қарзии субъектҳои хоҷагидор дода намешавад, агар сарчашмаи бевоситаи баргардонидани қарзҳо маблағҳои буҷети давлатӣ бошанд (ғайр аз уҳдадориҳои қарзие, ки аз рӯи қарзҳо аз ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ба вуҷуд меоянд). Пардохтҳое, ки бо иҷрои уҳдадориҳои кафолатии давлат алоқаманданд, мутобиқи шартномаҳои дахлдор новобаста аз ҳаҷми воситаҳое (маблағҳое), ки барои ин мақсадҳо дар Қонун дар бораи буҷети давлатии Украина муайян шудаанд, амалӣ карда мешаванд ва ҳамчун додани қарзҳо аз буҷет мутаносибан ба субъектҳои хоҷагидор, уҳдадорие, ки кафолат дода шудаанд, инъикос карда мешаванд.

Қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда қарзҳои мақомоти маҳаллии ҳокимият ва ташкилотҳои давлатие, ки бо кафолатҳои давлатӣ таъмин карда нашудаанд, дар бар намегирад. Ҳадди ниҳоии қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда, ҳадди ниҳоии додани кафолатҳои давлатӣ дар ҳар як давраи буҷетӣ тибқи Қонун дар бораи буҷети давлатии Украина муайян карда мешаванд. Ҳаҷми қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда дар шакли пулӣ ҳамчун напардохтани арзиши номиналии уҳдадориҳои қарзӣ ҳисоб карда мешавад. Ҳолати қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда бо воҳиди пулӣ ва доллари ИМА бо қурби Бонки миллии Украина дар рӯзи охирини давраи ҳисоботӣ муайян карда мешавад ва амалиёт барои рӯзро дар бар мегирад.

Тибқи маълумотҳои Вазорати молия аз рӯи ҳолати то 31 январи соли 2018 қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашудаи Украина 2 131, 85 млрд грн, ё 76, 11 млрд долл. ИМА, аз ҷумла, қарзи беруна – 1 373, 18 млрд грн (64,41% аз маблағи умумӣ) ё 49,03 млрд долл. ИМА; қарзи дохилӣ – 758, 67 млрд грн. (35,59%) ё 27,09 млрд долл.ИМА ташкил мекунад [5].

Мутобиқи Кодекси буҷети Украина ҳадди ниҳоии қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда ҳадди ниҳоии додани кафолатҳои давлатӣ дар ҳар як давраи буҷетӣ тибқи Қонун дар бораи буҷети давлатии Украина (қарор дар бораи буҷҷети маҳаллӣ) муайян карда мешавад. Ҳадди ниҳоии қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда дар охири давраи буҷетӣ аз 60% ҳаҷми солонаи номиналии маҷмӯи маҳсулоти дохилии Украина наметавонад баланд бошад. Дар сурати эҳтимолияти баланд шудани ин ҳадди бузургӣ Кабинети Вазирони Украина фавран ба Раддаи Олии Украина барои муваққатан баланд бардоштани чунин ҳадди бузургӣ мурочиат мекунанд ва барои маъқул донистан нақша чорабиниҳо оид ба овардани ҳаҷми умумии қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда мутобиқи талаботҳои муқарраршуда таҳия мекунанд [3].

Дар Ҷумҳурии Озорбойҷон бошад, танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба қарзи давлатӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Озорбойҷон, Қонуни Ҷумҳурии Озорбойҷон “Дар бораи низоми буҷетӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Озорбойҷон “Дар бораи қарзи давлатӣ”, дигар

санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Озорбойҷон ва шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Озорбойҷон ишттирокчии онҳо мебошад, асос меёбад.

Мутобиқи Қонун "Дар бораи қарзи давалатӣ" қарзи давлатии Ҷумҳурии Озорбойҷон ҳамчун маҷмӯи қарзи давлатии дохилӣ ва берунӣ, уҳдадории қарзии Ҳукумати Ҷумҳурии Озорбойҷон дар назди шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин давлатҳои хориҷӣ барои сармоягузории хароҷотҳои таъхирнопазири (зарурии) иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва пур кардани касри буҷети ҷумҳурӣ, ки пардохт бо фоизҳои дахлдор бо асъори миллӣ ё хориҷӣ ифода меёбад, муайян карда мешавад.[6]

Дар Ҷумҳурии Озорбойҷон қарзҳои давлатӣ бо мақсади таъмини баамалбарории барномаҳо истеҳсол карда шуда, ба рушди иҷтимоӣ – иқтисодии давлат, пӯшонидани касри буҷети давлатӣ, маблағгузории сармоягузориҳои давлатӣ ва ҳалли дигар масъалаҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Озорбойҷон муқаррар шудаанд, равона карда шудааст.

Маблағе, ки дар ҷараёни соли буҷетӣ гирифта шудааст ва бевосита аз ҳисоби воситаҳои бучети давлатии қарзи давлатӣ хизмат расонида шудааст, истифода ва хароҷотҳои он бо хизматрасонӣ алоқаманд аст, дар буҷети давлатӣ инъикос карда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Озорбойҷон ҳадди болоии бузургии қарзи давлатии дохилӣ ва бурунӣ бо Қонун дар бораи буҷети давлатӣ барои давраи буҷетии дахлдор муқаррар карда мешавад. Ҳадди болоии қарзи давлатӣ мумкин аст танҳо бо роҳи даровардани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Озорбойҷон дар бораи буҷети давлатӣ барои соли дахлдор зиёд ё кам карда шавад. Мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроия ҳисоби қарзҳоро мутобиқи нусхаи аслии ҳуҷҷатҳо аз рӯи қарзи давлатӣ пеш мебарад ва дар нашриётҳо дар бораи онҳо маълумот нашр мекунад. Шаффофияти ҷараёнҳое, ки бо қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда алоқаманданд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ таъмин карда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Озорбойҷон ҳадди болоии қарзи давлатии дохилӣ дар соли 2018 дар сатҳи 700 млн манат пешбинӣ карда шуда буд, қарзи берунӣ – дар сатҳи 1 млрд манат. Аз рӯи ҳолати 1 июли 2017 ҳаҷми қарзи берунии давлатии Озорбойҷон 7 172,6 млн доллари ИМА (12 208,5 млн манат), ро ташкил дод, ки 18,9% маҷмӯи маҳсулоти дохилии давлатро ташкил медиҳад.[7]

Аз рӯи маълумоти Вазорати молияи Ҷумҳурии Озорбойҷон дар ҳаҷми қарзгирӣ уҳдадориҳои мустақими давлат ва уҳдадориҳои шартӣ аз рӯи қарзҳо дохил карда шудааст, ки бо кафолати давлатӣ ҷалб карда шудаанд. Қарзи давлатии беруна асосан аз барномаҳои қарзӣ ва лоиҳаҳои инфрасохтории институтҳои байналмилалии молиявӣ, инчунин аз коғазҳои қиматноке, ки дар бозори байналмилалии молиявӣ ҷойгир карда шудаанд, иборат аст.

Дар Ҷумҳурии Молдова дар соҳаи қарзи давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад як қонуни мукаммал амал мекунад. Дар тафовут аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» Қонуни Ҷумҳурии Молдова «Дар бораи қарзи бахши оммавӣ, кафолатҳои давлатӣ ва пардохти қарзҳои (рекредитование) давлатӣ» (22 декабри соли 2006, таҳти №419-XVI қабул карда шудааст) ном дошта, аз 8 боб ва 51 модда иборат мебошад [8].

Қонуни мазкур тамоми муносибатҳои вобаста ба қарзи бахши оммавӣ, кафолатҳои давлатӣ ва пардохти қарзҳои (рекредитование) давлатӣ, яъне қарзи давлатиро танзим менамояд ва нисбат ба қонунгузории қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тафовути бештар дорад ва нисбат ба қонунгузории мо рушд кардааст, зеро тамоми муносибатҳои қарзи давлатиро ба танзим даровардааст. Ҳамзамон, хусусиятҳои фарққунанда низ ҷой доранд. Хусусиятҳои фарққунандаи қонунҳои зикргардида дар он аст, ки онҳо муносибатҳои қарзи давлатиро вобаста ба шароити ҳамон давлат танзим мекунанд.

Дар тафовут аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» Қонуни Ҷумҳурии Молдова «Дар бораи қарзи бахши оммавӣ, кафолатҳои давлатӣ ва пардохти қарзҳои (рекредитование) давлатӣ» муқаддима надорад, ки он қисми таркибии санади қонунгузорӣ дар бештари давлатҳои ИДМ ба ҳисоб меравад ва дар он мавзӯъ ва вазифаҳои

асосии танзими муносибатҳо инъикос мегарданд.

Вобаста ба таҳлили муқоисавии моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» чунин иброз бояд дошт, ки номи модда мафҳумҳои асосӣ мебошад, чунин меъёр дар Қонуни Ҷумҳурии Молдова «Дар бораи қарзи бахши оммавӣ, кафолатҳои давлатӣ ва пардохти қарзҳои (рекредитование) давлатӣ» дар моддаи 2 он пешбинӣ гардидааст. Таҳлили муқоисавии моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» нишон дод, ки нисбат ба қонуни Ҷумҳурии Молдова онҳо аз камбудӣ холӣ нестанд. Гарчанде мафҳумҳои асосӣ дар қонуни Тоҷикистон дар як модда чамъ оварда шудааст, аммо он низ пурра намебошад. Тибқи моддаи 50 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар ҳолати зарурати дақиқ намудани истилоҳот ва мафҳумҳои дар санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодашуда дар санад моддае (қисме, банде) оварда мешавад, ки дар он моҳияти ин истилоҳоту мафҳумҳо шарҳ дода мешавад. Бинобар ин, пеш аз ҳама зарур аст, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти қарзи давлатӣ бояд мафҳумҳо аз рӯи ҷобаҷогузории ҳарфҳо пешбинӣ карда шаванд. Ба ғайр аз ин дар Қонуни Ҷумҳурии Молдова мафҳумҳое пешбинӣ шудаанд, ки дар самти қарзи давлатӣ пешбинӣ намудани онҳо ва танзими онҳо зарур шуморида мешавад, аз ҷумла, тақсимоти махсуси ҳуқуқи қарзгирии, бенифитсиари пардохти қарз, шартномаи кафолати давлатӣ, ҳисоби бо баҳисобгирии фоиз, бахши қарзи оммавӣ, амонат, хизматрасонии қарзӣ, кафолати маъмурию ҳудудӣ, воситаи қарзӣ, ғайрирезидент, тахфиф, баҳисобгирии мӯҳлат ва мӯҳлати миёна истифода гардидаанд ва ғайраҳо. Пешбинӣ намудани мафҳумҳои зикргардида дар Қонуни Тоҷикистон ба мавриди шуморида мешавад, зеро дар Қонуни амалкунандаи қарзи давлатӣ масъалаҳои амонат, шартномаи қарзи давлатӣ, мӯҳлат ва мӯҳлатҳои дигар низ мустаҳкам карда шудаанд ва шарҳ додани онҳо дар қисмати моддаи 1 мафҳумҳои асосӣ ба мавриди мебошад.

Ба ғайр аз ин, дар Ҷумҳурии Молдова масъалаи қарзи давлатӣ дар қонунгузорӣ доир ба қарзи бахши оммавӣ, қарзи дохилии давлатӣ, қарзи берунаи давлатӣ, пардохти қарзҳои давлатӣ, кафолатҳои давлатӣ қарзҳои баъзе ҷамъиятҳои тиҷоратӣ, корхонаҳо, мақомотҳои маъмурию ҳудудӣ ба бобҳо ҷудо гардида ба танзим дароварда шудааст. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, бобҳои он танҳо ба қарзгирии давлатӣ ва қарздиҳии давлатӣ, кафолатҳои он номгузорӣ гардидааст ва дигар масъалаҳо барои ба таври возеҳу равшан ба танзим даровардан ҳаллу фасл карда нашудааст.

Дар баробари ин қайд кардан ба маврид аст, ки қонунгузории Ҷумҳурии Молдова дар самти гирифтани қарзи оммавӣ (қарзи давлатӣ ва қарзгирии он, идоракунии қарзи давлатии ва маъмурию ҳудудӣ, идоракунии кафолатҳои қарзи давлатӣ, пешбинӣ намудани меъёр (лимит) барои қарзи давлатӣ ва кафолатҳои он, пешбурди ҳисоботҳо, гузаронидани мониторинг ва муайян намудани уҳдадориҳо оид ба пардохти қарзи давлатӣ ба танзим дароварда шудааст.

Вобаста ба қарзи дохилӣ бошад, воситаҳои пешбурди қарзӣ давлатӣ, эмиссияи қоғазҳои қимматноки давлатӣ ва намудҳои он барои додани қарз, пардохтҳо ва интиқоли маблағи қарз ва агенти давлатӣ дар самти қарзӣ давлатӣ дар Молдова муайян карда шудааст.

Дар Молдова қарзи берунаи давлатӣ низ ба танзим дароварда шуда, воситаҳои ҷалби қарзҳо ба давлат, фаъолияти давлат дар бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ, қабули шартномаҳо оид ба қарзи беруна ва пардохтҳои онҳо танзим гардидааст.

Ҳамчунин дар қонуни Молдова масъалаи рекредитикунонӣ низ ҳаллу фасл карда шудааст, ки дар он мақсад, тақсим намудани маблағҳои молиявӣ ва баргардонидани рекредитҳо муқаррар шудааст. Чунин истилоҳ ва танзими рекредикунонӣ ба низоми молиявии мо хос намебошад ва он дар муносибатҳои молиявӣ истифода намегардад.

Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон “Дар бораи қарзи давлатӣ ва ғайри давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон” аз 21 сентябри соли 2001, №83 қабул гардида, Қонуни мазкур муносибатҳоеро, ки дар раванди ҷалби қарзҳои давлатӣ ба вуҷуд меоянд, ҳангоми амалӣ намудани ваколатҳои мақомоти давлатӣ оид ба ҷалб, гирифтан ва баргардонидани қарзҳо, идоракунии қарзи давлатӣ, инчунин баҳисобгирии қарзҳои хусусиро кафолат дода,

аз ҷумла ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва масъулияти резидентҳои Ҷумҳурии Қирғизистонро оид ба ҷалб, таҳия ва баргардонидани маблағҳои қарзӣ танзим менамуд [9]. Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2017 бинобар қабул гардидани Кодекси буҷетии Ҷумҳурии Қирғизистон [10] аз эътибор соқит дониста шудааст. Айни замон дар Ҷумҳурии Қирғизистон муносибатҳо вобаста ба қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад, тавассути Кодекси мазкур ба танзим даровarda мешаванд.

Бо назардошти он ки масъалаи қарзи давлатӣ ба буҷети давлатӣ алоқамандӣ дорад, дар Ҷумҳурии Қирғизистон ин масъалаҳо дар Кодекси буҷетӣ ба танзим даровarda шудааст. Дар ин Кодекс қарзи давлатӣ ва маҳаллии (муниципалӣ) дар фасли VII, ки аз бобҳои 13 ва 14 иборат мебошад, ба танзим даровarda шудааст. Бобҳои ин фасл қарзгири аз ҷониби Ҳукумат ва қарзгирӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ номгузорӣ карда шудааст.

Дар қонунгузории Буҷети Ҷумҳурии Қирғизистон ба мисли дигар қонунҳои давлатҳои ИДМ дар самти қарзи давлатӣ мақсадҳои қарзгирии давлатиро маблағгузории буҷети давлатӣ, кам намудани қарзҳои давлатӣ ва рушди бозори қоғазҳои қимматнок ба ҳисоб меравад. Дар Кодекси буҷетӣ асосҳои принсипи қарзи давлатӣ, идоракунии он, қарзҳои беруна ва дохилӣ кафолати давлатӣ пешбинӣ гардидааст. Аммо меъёрҳои зикргардида дар қонунгузории мо низ дарҷ гардидаанд. Хусусияти фарққунанда дар он аст, ки дар Ҷумҳурии Қирғизистон қарзи давлатӣ дар сатҳи кодекс ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонуни соҳавии оддӣ ба танзим даровarda шудааст. Инчунин, дар Кодекси буҷетии Қирғизистон мафҳумҳои қарздеҳони хориҷӣ, уҳдадории қарзӣ истифода гардидаанд, ки дар қонуни қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дида намешаванд. Дигар масъалаҳои вобаста ба қарзи давлатӣ ва кафолатҳои давлатии қарзи давлатӣ дар ҳардуи давлатҳо қариб ба ҳамдигар ба таври ягона ба танзим даровarda шудааст.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон аз 2 августи соли 1999, **№** 464-I, Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон **“**Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзгирии давлатии кафолатдодашуда”[11] қабул гардида буд, ки Қонуни мазкур муносибатҳои дар раванди гирифтани қарзи давлатӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Қазоқистон ва қарзгирии ғайридавлатӣ аз ҷониби резидентҳои Ҷумҳурии Қазоқистон бадастомада, ки бо кафолатҳои давлатӣ таъмин карда мешуданд, инчунин ҳангоми идоракунии қарзи кафолатноки давлатӣ ва давлатро танзим менамуд.

Қонуни мазкур бинобар сабаби қабул гардидани Кодекси буҷетии Ҷумҳурии Қазоқистон [12] аз 24 апрели соли 2014, **№** 548-II аз эътибор соқит дониста шуд. Айни замон дар Ҷумҳурии Қазоқистон муносибатҳоеро, ки қаблан Қонуни мазкур танзим менамуд, Кодекси мазкур дар Фасли 12, ки аз 4 боб ва 26 моддаи иборат аст, танзим менамояд. Бобои 42 Кодекси Ҷумҳурии Қазоқистон муқаррароти умумӣ дар бораи қарзгирии давлатӣ бо кафолатҳои давлатӣ ва қарзи бо кафолати давлатӣ номгузорӣ шудааст, ки аз 6 модда иборат буда оид ба муқаррароти умумӣ дар бораи қарзгирӣ, шакл ва намудҳои қарзи давлатӣ, қарзи давлатӣ, уҳдадориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллӣ оид ба пардохт ва хизматрасониҳои қарзи давлатӣ, идоракунии қарзӣ давлатӣ ва давлатии кафолатдодашуда ва қарзҳои бо кафолатҳо ва хавфҳои давлатӣ ва интишори маълумот дар бораи қарзи давлатӣ ва кафолати давлат, қарзи таҳти кафолати давлатиро муқаррар намудааст.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба қарзгирии давлатӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон тавассути Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон “Дар бораи қазгирии берунӣ”[13] аз 29 августи соли 1996, № 263-I танзим карда мешаванд.

Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 12 модда иборат буда, аз мафҳумҳои асосӣ, қонунгузорӣ дар бораи қарзи берунӣ, уҳдадории қарзгирии хориҷӣ, шартнома дар бораи қарзи берунии давлатӣ, кафолатҳои давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, уҳдадориҳои қарзгиранда, ваколатҳои Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, ваколатҳои Бонки марказии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ваколатҳои палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва пешниҳоди иттилоот ба ташкилотҳои байналмилалии молиявиро дар бар гирифтааст.

Мафҳуми қарзи давлатиро Кодекси буҷетии Ҷумҳурии Қазоқистон дар моддаи 201 муқаррар намудааст, ки мутобиқи он қарзи давлатӣ маблағест, ки дар санаи муайяни қарзи

гирифташуда (аз худ кардашуда) ва пардохтнашудаи давлатӣ, инчунин ӯҳдадориҳои қарзӣ дар санаи муайян, ки мутобиқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба қарзи Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон, Бонки Миллии Ҷумҳурии Қазоқистон ё қарорҳои маслиҳатҳо ба қарзи мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, бе назардошти талаботи тарафайн дода мешаванд, мебошад.

Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон бошад, мафҳуми қарзи берунии давлатӣ - гуфта маҷмӯи ухдадориҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки аз қарзгирии давлатии беруна бармеоянд, фаҳмида мешавад.

Дар моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатӣ" қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки он аз ӯҳдадориҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, давлатҳои дигар, ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, дигар субъектҳои ҳуқуқии байналмилалӣ иборат мебошад, пешбинӣ гардидааст. Аз ин ҷо, мафҳуми қарзи давлатӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи қарзгирӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад"ба таври васеъ кушода дода нашудааст. Аз ин лиҳоз, мувофиқи мақсад аст, ки мафҳуми қарзи давлатӣ дар Қонуни мазкур таҷдиди назар карда шавад. Аз нуқтаи назари мо, мафҳуми қарзи давлатие, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатӣ" пешбинӣ гардидааст, ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ҳамчунин дар Кодекси Ҷумҳурии Қазоқистон, вобаста ба намудҳо ва шаклҳои қарзи давлатӣ, моддаи алоҳида пешбинӣ гардидааст, ки дар он намудҳои қарзи давлатӣ, қарзҳои давлатии бозори қоғазҳои қиматнок, шаклҳои қарзгирии қарзҳои давлатӣ, қоғазҳои қиматноки саҳҳомии давлатӣ аз рӯи мухлат, қоғазҳои қиматноки саҳҳомии давлатӣ ва мақсади бароришии онҳо, ба намудҳо ҷудо гардидаанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи қарзгирӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад" вобаста ба шаклҳои қарзгирии давлатӣ дар моддаи 9 он ду намуди қарзи давлатӣ: коғазҳои қимматноки давлатӣ ва созишномахо оид ба пули қарзро муайян намудааст. Аз ин ҷо, моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шавад.

Вобаста ба кафолатҳои давлатӣ дар Кодекси Ҷумҳурии Қазоқистон боби алоҳида пешбинӣ гардидааст, ки дар он оид ба кафолатҳои давлатӣ, маҳдудиятҳои пешниҳоди кафолатҳои давлатӣ, шартҳои пешниҳоди кафолатҳои давлатӣ, талабот ба ашхосе, ки барои гирифтани кафолати давлатӣ муроҷиат мекунанд, интихоби лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва (ё) барномаҳои сармоягузорӣ барои кафолати давлатӣ, шакли кафолати давлатӣ, баҳисобгирии пешниҳоди кафолатҳои давлатӣ ва қарзҳои кафолатдодаи давлатӣ, иҷрои кафолати давлатӣ, таҷдиди сохтории кафолати қарзҳои давлатӣ, иваз намудани қарзгиранда барои гирифтани қарзи кафолатноки давлатӣ, асосҳои қатъи эътибори кафолати давлатӣ, маҳдудиятҳо барои истифодаи маблағҳои қарзи кафолати давлатӣ ва назорат ва масъулият оид ба истифодаи маблағҳои бо қарзи давлатӣ кафолатдодашуда меъёрҳои мушаххас муқаррар гардидааст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон бошад, моддаи алоҳида бо номи "Кафолати давлатии Ҷумҳурии Узбекистон" пешбинӣ гардидааст, ки тибқи он кафолати давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (минбаъд кафолати давлатӣ) ухдадории Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар назди қарздиҳанда мебошад. Инчунин муқаррар гардидааст, ки кафолатҳои давлатии қарзҳо (ба қарзҳо) бо қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ё Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо шартҳои бо қарзгир басташуда дода мешаванд.

Доир ба кафолатҳои давлатӣ аз рӯи пули қарзи давлатӣ, дар боби 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи қарзгирӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад" як қатор меъёрҳо пешбинӣ гардидааст. Аммо дар муқоиса бо Кодекси буҷетии Ҷумҳурии Қазоқистон онҳо дарбаргирандаи тамоми унсурҳои кафолатҳои давлатиро доро намебошанд. Аз ин лиҳоз, мувофиқи мақсад мешуморем, ки боби 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи қарзгирӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад" ҷиҳати такмили он таҷдид карда шавад.

Ғайр аз ин дар Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ваколатҳои Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва ҳалли баҳсҳои марбут ба қарзгирии хориҷӣ меъёрҳои алоҳида пешбини гардидааст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи қарзгирӣ ва қарзе, ки аз

ҷониби давлат кафолат дода мешавад” оид ба ҳалли баҳсҳо моддаи алоҳида пешбинӣ гардидааст, ки аз рӯи мазмун ба талаботи пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқат намекунад. Аз ин лиҳоз, мувофиқи мақсад аст, ки моддаи мазкур бо мақсади оммафаҳм гардидани он таҷдиди назар карда шавад.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили гузаронидаи муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад” бо қонунгузории қарзгирии давлатии давлатҳои болозикр бар меояд, ки бисёр аз масъалаҳои муҳиме ҳастанд, ки имрӯз бояд дар қонунгузории мо ҳалли худро ёбанд. Чунончи, ба мисли Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Украина, Қазоқистон ва Қирғизистон қабул намудани Кодекси буҷетӣ зарур аст. Зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар баробари гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва пайдо гардидани шаклҳои гуногуни моликият, тағйир ёфтани муносибат ба он аз мо тақозо менамояд, ки қонунгузории соҳа мукаммал карда шавад. Чунки бе мавҷуд будани қонунгузории ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ танзим намудани ин муносибатҳо кори басо душвор мебошад. Бо ҳамин мақсад имрӯз фурсате фаро расидааст, ки бо мақсади такмили қонунгузорӣ дар низоми қарздиҳию молиявӣ, мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои қарздиҳӣ аз қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд даст кашида, ба қонуни ягонае рӯ оварем, ки ба талаботи шароити иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯ бошад. Ба ақидаи мо, ба сифати чунин санад - Кодекси буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад карда метавонад. Зеро, аз таҷрибаи давлатҳои дар боло зикршуда бар меояд, қабули Кодекси буҷетӣ рушди низоми қарздиҳию молиявиро на танҳо тақвият, балки устувор низ мегардонад. Чунончи, таҷрибаи давлатҳои зикргардида нишон медиҳад, амали Кодекси буҷетӣ дар самти фаъолияти қарздиҳӣ мусбӣ арзёбӣ мешавад. Зеро, дар Кодекси мазкур тамоми масъалаҳо ба таври мушаххас ба танзим дароварда шудаанд, ки барои пешрафти соҳа мусоидат менамоянд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қарзгирии давлатӣ ва Қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» аз 11 деабри соли 1999, №886.

2. Кодекси буҷети Федератсияи Россия аз 31.07. 1998, № 145 – ФЗ (тах. Аз 08.06.2020).

3. Кодекси буҷети Ҷумҳурии Украина аз 08.07.2010, №2456 – VI.

4. Қонуни Украина “Дар бораи Қоғазҳои Қиматнок ва бозори фондӣ”аз 23 феврвли соли 2006 №3480-IV.

5. Манбаи дастрас: https://mof.gov.ua.

6. Қонуни Ҷумҳурии Озорбойҷон “Дар бораи Қарзи давалатӣ” аз 22 майи соли 2007, №334-IIIГ.

7. Манбаи дастрас: minval.az›news/123743476.

8. Қонуни Ҷумхурии Молдова «Дар бораи Қарзи бахши оммавӣ, кафолатҳои давлатӣ ва пардохти Қарзҳои (рекредитование) давлатӣ» (22 декабри соли 2006, тахти №419.

9. Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон “Дар бораи қарзи давлатӣ ва ғайри давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон” аз 21 сентябри соли 2001, №83 (аз эътибор соқит дониста шудааст).

10. Кодекси буҷети Ҷумҳурии Қирғизистон аз 16 майи соли 2016, № 59.

11. Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон “Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзгирии давлатии кафолатдодашуда” аз 2 августи соли 1999, № 464-I (аз эътибор соқит дониста шудааст).

12. Кодекси буҷетии Ҷумҳурии Қазоқистон аз 24 апрели соли 2014, № 548-II.

13. Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон “Дар бораи қазгирии берунӣ” аз 29 августи соли 1996, № 263-I.

**Шуъбаи қонунгузорӣ оид ба молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ИТТИЛООТ** **ИНФОРМАЦИЯ**

## НАВИГАРИҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАИ СОХТОРИ ДАВЛАТӢ, МАҚОМОТИ СУДӢ ВА ҲИФЗИ ҲУҚУҚ

Бо баробари рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва зарурияти танзими мақсадноки як қатор муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, дар самти қонунгузории соҳаи сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ як қатор навигариҳо ба вуҷуд омада, як қатор қонунҳо дар таҳрири нав ва тағйиру иловаҳо ба қонунҳо қабул карда шуданд. Аз ҷумла:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ"аз 4 июли соли 2020, №1694;

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 4 июли соли 2020, №1695;

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 4 июли соли 2020, №1696;

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 4 июли соли 2020, №1697;

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 4 июли соли 2020, №1699;

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 4 июли соли 2020, №1700;

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 4 июли соли 2020, №1701;

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофивии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 4 июли соли 2020, №1702;

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авдвокатура ва фаъолияти адвокатӣ" аз 4 июли соли, №1704.

I. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ" аз 7 боб ва 36 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба танзим даровarда, роҳҳои амалишавии ҳуқуқ ва ухдадории шахсони воқеиро ҳангоми ба онҳо расонидани ёрии ҳуқуқӣ муайян менамояд.

**II. Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 4 июли соли 2020, №1695 иловаҳои зерин ворид гардиданд:**

1. Ба моддаи 29 қисмҳои 7 ва 8 бо мазмуни зерин илова карда шуданд:

«7. Ҳуқуқшиноси давлатӣ ҳуқуқ дорад ба сифати ҳимоятгар дар пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати шахсони зерин иштирок намояд:

- ноболиғи бепарастор ё ноболиғе, ки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда)-и ӯ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирандаи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ мебошанд;

- шахсе, ки бинобар камбудиҳои ҷисмонию рӯҳӣ доштан ҳуқуқи худро оид ба ҳимоя мустақилона амалӣ карда наметавонад.

8. Ҳуқуқшиноси давлатӣ дар мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» иштирок менамояд.».

2. Моддаи $29^1$ бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«**Моддаи $29^1$. Пардохти ҳаққи хизмати ҳимоятгар аз ҳисоби давлат**

1. Пардохти ҳаққи хизмати адвокате, ки ба сифати ҳимоятгар иштирок менамояд, аз ҳисоби давлат ба шахсони зерин кафолат дода мешавад:

- шахсе, ки имконияти пардохти ҳаққи хизмати ҳимоятгарро надошта, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирандаи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ мебошад;

- ноболиғи бепарастор ё ноболиғе, ки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда)-и ӯ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирандаи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ мебошанд;

- шахсе, ки бинобар камбудиҳои ҷисмонию рӯҳӣ доштан ҳуқуқи худро оид ба ҳимоя мустақилона амалӣ карда наметавонад;

- ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, ветеранҳои амалиёти ҷангӣ дар ҳудуди давлатҳои дигар ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, инчунин шахсоне, ки бар асари фалокати неругоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд ё дар рафъи оқибатҳои ин фалокат ширкат варзидаанд.

2. Ҳангоми таъмини ҳимоятгар аз ҳисоби давлат судя қарор ва суд дар бораи таъини адвокат ба сифати ҳимоятгар ва пас аз ба анҷом расидани пешбурди парванда дар бораи пардохти ҳаққи хизмати адвокат таъинот мебароранд.».

Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2025 мавриди амал қарор дода мешавад.

**III. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 4 июли соли 2020, №1696 чунин иловаҳо ворид карда шуданд:**

1. Ба моддаи 50 қисми 13 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«13. Таъмини ҳимоятгар аз ҳисоби давлат ва пардохти ҳаққи хизмати ӯ дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи $50^1$ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» амалӣ карда мешавад.».

2. Моддаи $50^1$ бо мазмуни зерин илова карда шуд:

**«Моддаи $50^1$. Пардохти ҳаққи хизмати ҳимоятгар аз ҳисоби давлат**

1. Пардохти ҳаққи хизмати ҳимоятгар аз ҳисоби давлат ба шахсони зерин кафолат дода мешавад:

- гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшудае, ки ба ёрии ҳуқуқӣ эҳтиёҷ доранд, вале имконияти пардохти чунин хизматрасониро надоранд ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирандаи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ мебошанд;

- гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ё маҳкумшудаи ноболиғи бепарастор ё ноболиғе, ки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда)-и ӯ имконияти пардохти чунин хизматрасониро надоранд ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирандаи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ мебошанд;

- ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, ветеранҳои амалиёти ҷангӣ дар ҳудуди давлатҳои дигар ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, инчунин шахсоне, ки бар асари фалокати неругоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд ва ё дар рафъи оқибатҳои ин фалокат ширкат варзидаанд;

- шахсони дар сархатҳои сеюм, панҷум, шашум ва ҳафтуми қисми 1 моддаи 51 Кодекси мазкур пешбинигардида.

2. Ҳангоми таъмини ҳимоятгар аз ҳисоби давлат, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва судя қарор, суд бошад, дар бораи таъини адвокат ҳамчун ҳимоятгар ва баъд аз ба анҷом расидани пешбурди парванда дар бораи пардохти ҳаққи хизмати адвокат таъинот мебароранд.».

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

**IV. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 4 июли соли 2020, №1697 чунин иловаҳо зерин ворид карда шуданд:**

1. Ба қисми 1 моддаи 37 сархати якум бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«- аз ёрии ҳуқуқии аз тарафи давлат кафолатдодашуда дар асос ва бо тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» истифода баранд;».

2. Ба моддаи 55 қисми 7 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«7. Иштироки ҳуқуқшиноси давлатӣ дар суд ба сифати намоянда бо тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» таъмин карда мешавад.».

3. Ба моддаи 102 қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«3. Дар сурате, агар бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» ба тарафе, ки ба манфиати он қарор қабул гардидааст, ёрии ҳуқуқӣ расонида шуда бошад ва ҳаққи хизмати адвокат ё намоянда аз ҳисоби давлат пардохт шуда бошад, хароҷоти ба пардохти ҳаққи хизмати адвокат ё намоянда вобаста аз ҳисоби тарафи дигар ба фоидаи давлат ситонида мешаванд.».

Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2025 мавриди амал қарор дода мешавад.

**V. Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 4 июли соли 2020, №1699 чунин тағйиру иловаҳо ворид гардид:**

1. Ба ҷумлаи дуюми қисми 4 моддаи 63 пас аз калимаҳои «муовинони онҳо» калимаҳои «, прокурорҳои шаҳру ноҳияҳо» илова карда шуданд.

2. Дар қисми 1 моддаи 93 рақамҳои «497-500» ба калимаҳо ва рақамҳои «497 қисми 2, 498, 499 қисми 2, 500» иваз карда шуданд.

3. Дар моддаи 98:

- ба қисми 1 пас аз рақамҳои «493-496,» калимаҳо ва рақамҳои «497 қисми 1, 499 қисмҳои 1 ва 3,» илова карда шуданд;

- ба сархати якуми қисми 2 пас аз рақами «491,» калимаҳо ва рақамҳои «493-496, 497 қисми 1, 499 қисмҳои 1 ва 3,» илова карда шуданд;

- сархати чоруми қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«- сардори хадамоти шиносномавию бақайдгирии Вазорати корҳои дохилӣ ва муовинони ӯ, сардорони хадамотҳои шиносномавию бақайдгирии раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва сардорони хадамотҳои шиносномавию бақайдгирӣ дар шӯъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳру ноҳияҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки дар моддаҳои 469, 470, 493-496, 497 қисми 1, 499 қисмҳои 1 ва 3 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд;».

4. Дар қисми 3 моддаи 150 калимаҳои «як шабонарӯз» ба калимаҳои «ҳафт шабонарӯз» иваз карда шуданд.

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

**VI. Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 4 июли соли 2020, №1700 чунин тағйирот ворид гардиданд:**

1. Матни моддаи 497 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«1. Барои аз тарафи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд риоя нагардидани қоидаҳои ворид шудан ба минтақаи сарҳадӣ, инчунин қоидаҳои истиқомат ё аз қайд гузаштан дар минтақаи сарҳадӣ, -

огоҳӣ дода мешавад ё ба андозаи аз панҷ то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори дар қисми 1 ҳамин модда пешбинишуда, -

ба андозаи аз даҳ то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо берун кардан ё бе берун кардан аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима таъйин карда мешавад.».

2. Дар моддаи 499:

- санксияи қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«огоҳӣ дода мешавад ё ба андозаи аз даҳ то понздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.»;

- санксияи қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«ба андозаи аз понздаҳ то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо берун кардан ё бе берун кардан аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима таъйин карда мешавад.»;

- аз санксияи қисми 3 калимаҳои «ва берун кардан аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» хориҷ карда шуданд.

Қонуни мазкур пас интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

**VII. Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 4 июли соли 2020, №1701 ба моддаи 207 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаи зерин ворид гардиданд:**

- қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«2) Ҳамин кирдор, агар дар шароити пайдоиш ва паҳншавии бемории барои инсон хавфнок ё ҳангоми амалигардонии чорабиниҳои маҳдудкунандаи карантинӣ содир шуда бошад, ки аз беэҳтиётӣ боиси бемории оммавӣ ва ё заҳролудшавии одамон гардидааст,-

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.»;

- қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар аз беэҳтиётӣ боиси расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ва ё мубталои сирояти вируси норасоии масунияти одам ва ё марги як ё зиёда шахсон гардида бошанд,-

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазо дода мешаванд.».

Қонуни мазкур пас интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

**VIII. Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 4 июли соли 2020, №1702 чунин тағйиру иловаҳо ворид гардиданд:**

1. Сархати дувоздаҳуми моддаи 6 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«- прокурор – Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ, Сарпрокурори ҳарбии Тоҷикистон, прокурорҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони онҳо, сардорони раёсатҳо (шуъбаҳо), муовини якум ва муовинони онҳо, ёрдамчиёни калон ва ёрдамчиёни Прокурори генералӣ, прокурорҳои калон ва прокурорҳои раёсатҳо (шуъбаҳо), ёрдамчиёни калон ва ёрдамчиёни прокурорҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, прокурорҳои калон ва прокурорҳои шуъбаҳои прокуратураҳои вилоятҳо, прокурорҳои шаҳру ноҳияҳо ва прокурорҳои ба онҳо баробаркардашуда, ки прокурорҳои нақлиёт, ҳарбии гарнизонҳо ва назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳиро дар бар мегиранд, муовини якум ва муовинони онҳо, ёрдамчиёни калон ва ёрдамчиёни онҳо, прокурор - криминалистҳои калон ва прокурор - криминалистҳо, ки дар доираи салоҳияташон фаъолият мекунанд;».

2. Дар қисми 4 моддаи 12 калимаи «қонун» ба калимаҳои «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шуд.

3. Ба моддаи 14 пас аз калимаҳои «Ҳар шахс ба» калимаҳои «ҳифзи маълумоти шахсӣ,» илова карда шуданд.

4. Ҷумлаи дуюми қисми 1 моддаи 111 хориҷ карда шуд.

5. Дар моддаи 161:

- дар қисми 2 калима ва рақамҳои «286 қисми 2» ба калима ва рақамҳои «286 қисмҳои 2 ва 3,» иваз карда шуданд;

- дар қисми 9 рақамҳои «286-291» ба рақамҳо ва калимаи «286 қисми 1, 287 - 291» иваз карда шуданд.

6. Ба моддаи 245 қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«4. Ба суд ҳозир шудани шахсоне, ки дар рӯйхатҳо тахаллуси онҳо сабт шудааст, аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори пешбурди тосудии парвандаи ҷиноятӣ таъмин карда мешавад.».

7. Ба қисми 5 моддаи 355 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«Зимнан, тарафҳо ҳуқуқ доранд ариза дар бораи оштиро то ба хонаи машваратӣ рафтани судя пешниҳод намоянд.».

Қонуни мазкур пас интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

**IX. Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи авдвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” тағйироту иловаи зерин ворид гардидаанд:**

1. Ба моддаи 31 қисмҳои 10 ва 11 бо мазмуни зерин илова карда шуданд:

«10. Бо мақсади расонидани ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа адвокат бо маркази ёрии ҳуқуқӣ созишнома баста, ба феҳристи давлатии адвокатҳои расонандаи ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа дохил карда мешавад. Адвокат ӯҳдадор аст, ки бо даъвати маркази ёрии ҳуқуқӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» ба назди таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё судя фавран ҳозир шавад.

11. Ҳаққи хизмати адвокате, ки барои расонидани ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа ба сифати ҳимоятгар дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё дар мурофиаи судии гражданӣ ба сифати намоянда иштирок намудааст, бо тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» пардохт карда мешавад.».

2. Дар қисми 1 моддаи 32:

- аз сархати дуюм калимаҳои «иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, инчунин шахсоне, ки бар асари фалокати Нерӯгоҳи барқии атомии Чернобил зарар дидаанд,» хориҷ карда шуданд;

- сархати ҳафтум хориҷ карда шуд.

Қонуни мазкур пас интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

**Шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ**

# НАВИГАРИҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ ҚОНУНГУЗОРИИ ГРАЖДАНӢ, СОҲИБКОРӢ ВА ОИЛАВӢ

Дар семоҳаи сеюми соли 2020 ба шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавӣ бо дар назардошти тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ як қатор навигариҳои қонунгузорӣ ворид гардиданд. Аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 7 қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шуд.

**1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»**

**2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ»**

**3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)»**

**4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият»**

**5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кино»**

**6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гарави молу мулки манқул ва бақайдгирии ухдадориҳои таъминшуда»**

**7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он»**

**1.Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ки 4 июли соли 2020 № 1703, қабул гардидааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид гардиданд.**

**Аз ҷумла:**

Ба моддаи 1 сархатҳои даҳум, ёздаҳум, дувоздаҳум, сенздаҳум, чордаҳум ва понздаҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- низоми иттилоотии додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ – маҷмӯи воситаҳои барномавӣ, усулҳо ва расмиёт барои гирифтани дархости электронӣ, қабул, тартиб додан, коркард, супоридан, нигоҳдорӣ ва тафтиши пуррагии ҳуҷҷатҳои электронӣ ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ;

- шакли электронии иҷозатдиҳӣ – иҷозат дар шакли ҳуҷҷати электронӣ, ки бо истифода аз низоми иттилоотии додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба расмият дароварда ва гирифта мешавад;

- барасмиятдарории электронии ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ – барасмиятдарории ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ бо истифода аз технологияи иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар доираи ҳамгироии электронии байни мақомоти давлатӣ, ташкилоти ваколатдор ва дархосткунандагон;

- ҳамгироии байниидоравии электронӣ – мубодилаи маълумот байни мақомоти давлатӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ;

- дархости электронии додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ – ҳуҷҷат барои додани иҷозат, ки тибқи шакли ягонаи электронии тасдиқшуда аз ҷониби дархосткунанда тартиб дода шудааст;

- махзани электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ – ҷузъи низоми иттилоотии додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, ки дорои маълумот оид ба ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳии ва субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ додашуда ва маълумоти дигари оморию таҳлилӣ мебошад;».

2. Ба моддаи 6 сархатҳои дувоздаҳум ва сездаҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- амалӣ намудани расмиёти иҷозатдиҳӣ барои додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ дар шакли электронӣ тавассути низоми иттилоотии додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ;

- фиристодани дархости электронӣ ба мақомоти давлатӣ оид ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва маълумот, ки барои додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ зарур мебошанд;».

3. Дар моддаҳои 7 ва 29 калимаи «қаламрави» ба калимаи «ҳудуди» иваз карда шавад.

4. Дар моддаи 10:

- ба қисми 4 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Дар доираи низоми иттилоотии додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ махзани электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ пеш бурда мешавад.»;

- қисми 7 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«7. Тартиби баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ ва нобуд кардани ҳуҷҷатҳои электронии иҷозатдиҳиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.».

5. Қисми 2 моддаи 14 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Принсипи масъулияти изҳоршуда ҳангоми додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳие, ки сархатҳои дуюм, сеюм, панҷум ва шашуми банди 2), сархатҳои якум, дуюм, сеюм, чорум, панҷум ва ҳафтуми банди 3), банди 4), сархати якуми банди 5), сархатҳои якум ва дуюми банди 6), сархатҳои якум, дуюм ва сеюми банди 7), бандҳои 8) - 10), 12) -15), сархатҳои дуюм, сеюм ва шашуми банди 16) моддаи 29 Қонуни мазкур муқаррар намудаанд, татбиқ намегардад.».

6. Матни моддаи 15 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ аз рӯи принсипи равзанаи ягона ба воситаи ҳамгироии байниидоравии электронӣ бо истифода аз низоми иттилоотии додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ амалӣ карда мешавад.

2. Мақомоти давлатӣ бо дархости мақоми иҷозатдиҳӣ ҳуҷҷатҳои электронӣ, иттилоот ва ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳиро дар мӯҳлати панҷ рӯзи корӣ баъд аз гирифтани дархости дахлдор ирсол мекунанд.

3. Агар мақоми давлатӣ дар мӯҳлати муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ба дархости мақоми иҷозатдиҳӣ ва ё дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ ҷавоб надиҳад, ҳуҷҷатҳо ва иттилооти дахлдор мувофиқашуда ва ё тасдиқшуда ҳисобида мешаванд.».

7. Дар моддаи 16:

- қисми 3 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Расмиёти маъқулдонии худ аз худ нисбат ба ҳамаи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳии аз ҷониби мақоми иҷозатдиҳанда додашуда татбиқ карда мешавад, ба истисноии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, ки мувофиқи сархатҳои дуюм, сеюм, панҷум ва ҳафтуми банди 2), сархати панҷуми банди 3), сархати якуми банди 4), сархати сеюми банди 7), бандҳои 8), 10), 14) ва 15), сархати шашуми банди 16) моддаи 29 Қонуни мазкур дода мешаванд.»;

- қисми 8 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«8. Ҳангоми дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти давлатии дахлдор ба дархосткунанда пешниҳод нагардидани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар доираи низоми иттилоотии додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, низом онро додашуда меҳисобад.».

8. Аз қисми 2 моддаи 17 калимаҳои «дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» хориҷ карда шаванд.

9. Ба қисми 1 моддаи 21 пас аз калимаҳои «(дар шакли ҳуҷҷати электронӣ бо имзои рақамӣ)» калимаҳои «, инчунин дархости электронии додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ тибқи шакли ягона дар доираи низоми иттилоотии додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ» илова карда шаванд.

10. Қисми 3 моддаи 22 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар шакли электронӣ тавассути низоми иттилоотии додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ амалӣ карда мешавад. Иҷозате, ки дар шакли электронӣ дар доираи низоми мазкур дода шудааст, ҳамчун ҳуҷҷати ҳомили коғазии он эътибори ҳуқуқӣ дорад.».

11. Дар қисми 1 моддаи 29:

- бандҳои 1) ва 2) дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«1) Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ:

- иҷозати воридоти карантинӣ;

- аттестати байторию санитарии шароити истеҳсолот.

2) Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ:

- хулосаи санитарию эпидемиологӣ;

- мувофиқакунонии усулҳои нобудсозии пеститсидҳо ва захрхимикатҳои мӯҳлати истифодабариашон гузашта ва иҷозати истифодабарӣ надошта;

- мувофиқакунонии лоиҳаҳои биноҳои қабул ва нигоҳдории пораву партовҳои

металлҳои сиёҳ ва ранга (нуқтаҳои қабул) ва таҷҳизоти он;

- шаҳодатномаи аккредитатсияи субъектҳои соҳибкории фармасевтӣ, аз ҷумла намояндагиҳои тиббии ташкилотҳои фармасевтии хориҷии ба фаъолият дар соҳаи фармасевтӣ машғулбуда;

- рухсатнома барои гузаронидани озмоишҳои клиникӣ;

- рухсатнома барои воридот ва содироти маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ;

- шаҳодатномаи воридот ва содироти маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои дар соҳаи тиб истифодашаванда.»;

- бандҳои 3) ва 4) хориҷ карда шаванд;

- сархати чоруми банди 8) хориҷ карда шавад;

- дар сархати панҷуми банди 9) аломати нуқтавергул «;» ба аломати нуқта иваз карда, сархатҳои шашум ва ҳафтум хориҷ карда шаванд;

- дар сархати якуми банди 10) аломати нуқтавергул «;» ба аломати нуқта иваз карда, сархатҳои дуюм ва сеюм хориҷ карда шаванд;

- сархатҳои якум, дуюм, сеюм, панҷум, шашум ва ҳафтуми банди 11) хориҷ карда шаванд;

- дар номи банди 12) калимаи «авиатсия» ба калимаҳои «авиатсияи гражданӣ» иваз карда шавад ва дар сархати нуҳуми банди мазкур аломати нуқтавергул «;» ба аломати нуқта иваз карда, сархати даҳум хориҷ карда шавад;

- банди 18) хориҷ карда шавад;

- сархати панҷуми банди 19) хориҷ карда шавад;

- бандҳои 5) - 17), 19) мувофиқан бандҳои 3) - 16) ҳисобида шаванд.

**2. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ», ки 4 июли соли 2020 № 1706, қабул гардидааст, чунин тағйиру иловаҳо ворид шудаанд:**

ба қисми 3 пас аз калимаи «ташаккулёфта» калимаҳои «бе истифодаи пасвандҳои -ов, -ова, -ев, -ева мутобиқи қисми 4 моддаи мазкур» илова карда шаванд;

- аз қисми 4 калимаҳои «аз номи падар, номи падари падар ё решаи насаби ӯ» хориҷ карда шуда, пас аз пасванди «-фар» аломат ва пасвандҳои «, -пур, -духт» илова карда шаванд;

- қисми 6 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«6. Номи падар бо иловаи пасвандҳои ташаккулдиҳандаи -зод, -зода, -ёр, -ниё, -фар, -пур, -духт ва ё бе иловаи чунин пасвандҳо ташаккул меёбад. Истифодаи пасвандҳои -овна, -евна, -овиҷ, -евич дар номи падар манъ аст.»;

- қисми 12 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«12. Дар сурати гуногун будани миллати падару модар насаби кӯдак бо мувофиқаи падару модар бо насаби падар ё модар тибқи талаботи қисми 11 моддаи мазкур сабт карда мешавад.».

**3. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)», ки 4 июли соли 2020 № 1713, қабул гардидааст, тағиру иловаҳои зерин ворид гардиданд:**

Ба моддаи 1 сархати панҷум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- мавзӯи гарав дар гаравхона – молу мулки манқули аз муомилот бароварданашуда ва молу мулки манқуле, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муомилоташон маҳдуд карда нашудааст;».

2. Аз матни моддаи 2 аломати қавсайн ва калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шаванд.

3. Дар моддаи 4:

- ба қисми 2 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Сармояи оинномавии гаравхона бояд на камтар аз се ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил намояд ва дар шакли пул ташаккул дода шавад.».

- қисми 4 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«4. Гаравхона ба намудҳои зерини фаъолият машғул шуда метавонад:

- додани қарзи кӯтоҳмуддат бар ивази гарави молу мулки манқули шаҳрвандон;

- қабул ба гарав, нигаҳдошт ва хариду фурӯши молу мулки манқул, аз ҷумла хариду фурӯши молу мулке, ки дар таркибашон металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо доранд ва ашёи атиқа;

- хизматрасонӣ оид ба нигаҳдошти ҳуҷҷатҳо ва маводи арзишноки шаҳрвандон;

- фурӯши молу мулки багаравмонда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- нархгузории молу мулки пешниҳодшуда мувофиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё шартҳои шартнома;

- муайян намудани намуд, навъ ва хусусиятҳои молу мулки ба гаравхона пешниҳодгардида;

- фаъолияти дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.»;

- қисмҳои 12, 13, 14 ва 15 бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«12. Зимни анҷом додани фаъолият гаравхона бояд талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом»-ро риоя намояд.

13. Гаравхона фавран ва бе огоҳонидани пешакӣ бояд ҳама гуна амалиётро бо маблағҳои пулӣ ё молу мулки дигари шахсони воқеӣ, ки дар рӯйхати шахсони алоқаманд бо терроризм ва паҳнкунии силоҳи қатли ом дохил гардидаанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ намояд.

14. Гаравхона оид ба ошкорсозӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, баҳодиҳӣ, назорат ва коҳиш додани хавфҳои вобаста ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом чораҳои зарурӣ меандешад ва мунтазам оид ба хавфҳои ошкоргардида ба мақомоти дахлдори танзим ва назорат ва мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом хабар медиҳад ва бояд ин маълумотро ба муҳлати на кам аз панҷ сол нигоҳ дорад.

15. Мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дар якҷоягӣ бо мақомоти танзим ва назорат ва ё мустақилона бо мақсади ошкор кардани вайронкунии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, санҷиши фаъолияти гаравхонаҳоро мегузаронад.».

4. Моддаи 41 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Моддаи 41. Мавзӯи гарав ва нигаҳдошт дар гаравхона

Мавзӯи гарав ва нигаҳдошт дар гаравхона, ба истиснои молу мулке, ки дар қисми 3 моддаи 4 Қонуни мазкур нишон дода шудаанд, метавонад ҳама гуна молу мулки манқул бошад, аз ҷумла:

- молу мулке, ки дар таркибашон металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо доранд;

- воситаҳои нақлиёт ва таҷҳизоти маишӣ;

- ҳуҷҷат ва маводи арзишнок барои нигаҳдошт;

- телефони мобилӣ, компютер, планшет ва таҷҳизоти дигари электронӣ;

- ашёи атиқа;

- молу мулки манқули дигари арзишнок.».

5. Моддаи 51 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Моддаи 51. Талабот оид ба ҳудуди гаравхона ва ҷойи махсуси нигоҳдории молу мулки гаравхона

1. Гаравхона бояд дар биноҳо, иншоот ва иморатҳое, ки объектҳои асосии сохтмонӣ мебошанд, ҷойгир карда шавад ва ба талаботи бехатарӣ ва муҳофизат ҷавобгӯ бошад.

2. Гаравхона дар ҷойҳои зерин ҷойгир карда намешавад:

- дар объектҳои сохтмонашон нотамом, сохтмони муваққатӣ, дӯконҳо, дар зери айвонҳо ва иншооти дигари монанд;

- дар биноҳо, иншоот ва иморатҳое, ки дар онҳо муассисаҳои кӯдакона, таълимӣ, тандурустӣ, динӣ, осоишгоҳ ва истироҳатгоҳ ҷойгиранд;

- дар иншооти инфрасохтори нақлиётӣ.».

6. Дар қисми 3 моддаи 7 калимаи «предмети» ба калимаи «мавзӯи» иваз карда шавад.

7. Дар сархати сеюми қисми 3 моддаи 9 калимаҳои «ва маблағгузории терроризм» ба аломати вергул ва калимаҳои «, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» иваз карда шаванд.

8. Матни қисми 3 моддаи 12 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Дар сурати ба вуҷуд омадани ҳолати пешбининамудаи қисми 2 моддаи мазкур

гаравхона дар давоми се рӯзи корӣ баъд аз маҷбуран гирифтани молу мулки багаравмонда ва (ё) барои нигаҳдошт супурдашуда уҳдадор аст ба молгузор огоҳиномаи хаттӣ ва (ё) электронӣ фиристад. Агар дар шартномаи қарз ва (ё) нигаҳдошт тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, огоҳиномаи хаттӣ тавассути почта ҳамчун мактуби фармоишӣ бо лифофа ва зикри номгӯйи замима ба огоҳинома дар бораи супурдан фиристода мешавад. Дар огоҳиномаи хаттӣ ва (ё) электронӣ маълумоти зерин дарҷ мегардад:».

**4. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» , ки 4 июли соли 2020, № 1712 тағйиру зерин ворид карда шудаанд. Аз ҷумла:**

1. Сархатҳои чилу сеюм ва панҷоҳуми моддаи 17 хориҷ карда шаванд.

2. Дар сархати нуҳуми қисми 1 моддаи 18 аломати нуқта ба аломати нуқта вергул «;» иваз карда шуда, сархатҳои даҳум ва ёздаҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

3. «-фаъолият оид ба ташкилу нигоҳдории кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото;

4. - фаъолияти гаравхона (ломбард).».

**5.Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «оид ба ворид намудани тағйироту илова ба қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи кино», ки 4 июли соли 2020, № 1707 тағйиру иловаҳои зерин ворид гардидаанд:**

1. Аз матни моддаи 2 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад.

2. Дар моддаи 5:

- дар сархати панҷум калимаҳои «ба филмҳо индекс мегузорад» ба калимаҳои «таснифоти филмҳоро амалӣ менамояд» иваз карда шаванд;

- дар сархати даҳум аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шавад;

- сархати ёздаҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- дигар ваколатҳоро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.».

3. Моддаи 16 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 16. Таснифоти филмҳо аз рӯи синну сол

1. Ҳамаи филмҳои истеҳсоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин филмҳое, ки ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пахш кардан ворид мегарданд, аз рӯи синну сол ба категорияҳои зерин ҷудо мешаванд:

- филмҳое, ки барои кӯдакони то шашсола пешбинӣ шудаанд, бо рақам ва аломати «0+» ишора карда мешаванд;

- филмҳое, ки барои кӯдакони аз шашсола боло пешбинӣ шудаанд, бо рақам ва аломати «6+» ё бо калимаҳои «барои кӯдакони аз шашсола боло» ишора карда мешаванд;

- филмҳое, ки барои кӯдакони аз дувоздаҳсола боло пешбинӣ шудаанд, бо рақам ва аломати «12+» ё бо калимаҳои «барои кӯдакони аз дувоздаҳсола боло» ишора карда мешаванд;

- филмҳое, ки барои кӯдакони аз шонздаҳсола боло пешбинӣ шудаанд, бо рақам ва аломати «16+» ё бо калимаҳои «барои кӯдакони аз шонздаҳсола боло» ишора карда мешаванд;

- филмҳое, ки барои тамошобинони аз ҳаждаҳсола боло пешбинӣ шудаанд, бо рақам ва аломати «18+» ё бо калимаҳои «барои кӯдакон манъ аст» ишора карда мешаванд.

2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки барои намоиш ё паҳн кардани филм дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома доранд, уҳдадоранд тамошобинро пеш аз пахши филм дар бораи категорияи синнусолии он хабардор намоянд.».

**6. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйир ба қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи гарави молу мулки манқул ва бақайдгирии уҳдадориҳои таъминшуда» ки 4 июли соли 2020, №1710 тағйиротҳои зерин ворид гардид:**

қисми 8 хориҷ карда шуда, қисми 9 қисми 8 ҳисобида шавад.

**7. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани илова ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» , ки 4 июли соли 2020 № 1711, қабул гардидааст,тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуд. Аз ҷумла:**

Сархати чорум бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«-қарори иҷрочии мақомоти иҷро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;».

**Шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавӣ**

## ТАЛАБОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

### 1. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН

– насаб, ном ва номи падари муаллиф / муаллифон (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);

– номи пурраи мақомот – вазифа, рутба, унвони илмӣ, агар хориҷӣ бошад – қайди давлат, шаҳр (бо се забон);

– почтаи электронии муаллиф / муаллифон (телефон барои тамоси муҳаррирон);

– акси муаллиф дар формати JPEG.

### 2. НОМИ МАҚОЛА

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 3. КАЛИДВОЖАҲО

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд. Калидвожаҳо ё ибораҳо аз якдигар бо аломати нуқтавергул (;) ҷудо карда мешаванд.

### 4. АННОТАТСИЯ

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 5. БАХШҲОИ МАВЗӮӢ

Нишон додани рамзи «КУД» ё «КОА» (тибқи талаботи амалкунандаи тахассусии кормандони илмӣ).

### 6. ОРОИШИ МАТН

***Доираи саҳифа***: 3 см. аз чап, 1 см. аз рост, 2 см. аз боло ва 2 см. аз поён.

***Шрифт***: Times New Roman TJ 14 кгл; Times New Roman 14 кгл (барои матни русӣ).

***Фосила:*** 1,5.

***Сархат***: 1,25 см.

***Ориентатсия***: «книжная», бе гузоштани саҳифа, бе кӯчонидан аз сатр ба сатр, истиноди библиографӣ ба сарчашма дар дохили матн, бо ишораи рақамҳо дар дохили қавси кунҷӣ: «[1]». Агар саҳифа дошта бошад: «[1, с. 12]». Такрори истинод бо ишораи рақами истиноди қаблӣ ва рақами саҳифаи нав меояд.

***Барномаи таҳририӣ***: бастаи Microsoft Office - Word 2003 ё Word 2007.

***Номи мақола***: дар маркази сатр, бе сархат,

## ТРЕБОВАНИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

### 1. СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ

– фамилия, имя, отчество автора / авторов (на таджикском, русском и английском языках);

– полное название организации – должность, звание, ученая степень, если иностранец / иностранцы – указать страну, город (на трех языках);

– электронная почта автора / авторов (телефон для связи редакторов);

– фотография в формате JPEG.

### 2. НАЗВАНИЕ СТАТЬИ

Приводится на таджикском, русском и английском языках.

### 3. КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА

Приводятся на таджикском, русском и английском языках. Ключевые слова или словосочетания отделяются друг от друга знаком точка с запятой (;).

### 4. АННОТАЦИЯ

Приводится на таджикском, русском и английском языках.

### 5. ТЕМАТИЧЕСКИЕ РУБРИКИ

Указывается код УДК или ВАК (согласно действующей номенклатуре специальностей научных работников).

### 6. ОФОРМЛЕНИЕ ТЕКСТА

***Поля***: 3 см. слева, 1 см. справа, 2 см. сверху и 2 см. снизу.

***Шрифт***: Times New Roman 14 кгл; Times New Roman TJ 14 кгл (для таджикского текста).

***Интервал***: 1,5.

***Абзацный отступ***: 1,25 см.

***Ориентация***: книжная, без простановки страниц, без переносов, библиографическая ссылка на источник внутри текста, обозначается цифрами внутри квадратных скобок: «[1]». Если имеется страница: «[1, с. 12]». Повтор ссылки с указанием номера прежней ссылки и новой цифрой страницы.

***Редактор формул***: пакет Microsoft Office - Word 2003 или Word 2007.

***Название статьи***: по центру, без отступа,

бо ҳарфҳои калон.

***Матн*:** баробаркунӣ – «по ширине».

***Ҳаҷми саҳифа*:** на камтар аз 7 саҳифа (барои мақолаи илмӣ).

**ШАКЛИ НАМУНАВИИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ РӮЙХАТҲОИ БИБЛИОГРАФӢ**

**1. МАҚОЛА АЗ МАҶАЛЛАҲО ВА МАҶМӮАҲО**

Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004. – № 12, қ. 1. – Мод. 699.

Баҳриддинов С.Э. Доир ба баъзе масъалаҳои назарияи пешгирии ҷиноятқорӣ // Қонунгузорӣ. – 2011. – № 1. – С. 68-72.

**2. МОНОГРАФИЯҲО:**

Тарасова В.И. Политическая история Латинской Америки: монография. – 2-е изд. – М.: Проспект, 2006. – 241 с.

**3. АВТОРЕФЕРАТҲО**

Глухов В.А. Исследование, разработка и построение системы электронной доставки документов в библиотеке: автореф. дис. … канд. техн. наук. – Новосибирск, 2000. – 18 с.

**4. ДИССЕРТАТСИЯҲО**

Фенухин В.И. Этнополитические конфликты в современной России: на примере Северо-Кавказского региона: дис. … канд. полит. наук. – М., 2002. – 213 с.

**5. ШАРҲҲОИ ТАҲЛИЛӢ**

Экономика и политика России и государств ближнего зарубежья: аналит. обзор, апр. 2007 / Рос. акад. наук, Ин-т мировой экономики и междунар. отношений. – М.: ИМЭМО, 2007. – 39 с.

**6. МАВОДҲОИ КОНФЕРЕНСИЯҲО**

Археология: история и перспективы: сб. ст. Первой межрегион. конф., Ярославль, 2003. – 350 с.

**7. ҲУҶҶАТҲО АЗ ИНТЕРНЕТ**

Смертина П. Исламский банкинг пришел в Россию [Манбаи электронӣ] // URL:http://www.banki.ru/news/bankpress/ (санаи муроҷиат: 12.09.2016).

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

прописными буквами.

***Текст*:** выравнивание «по ширине».

***Объем страниц*:** не менее 7 страниц (для научной статьи).

**ПРИМЕРНЫЙ ФОРМАТ ОФОРМЛЕНИЯ БИБЛИОГРАФИЧЕСКИХ СПИСКОВ**

**1. СТАТЬИ ИЗ ЖУРНАЛОВ И СБОРНИКОВ**

Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2004. – № 12, ч. 1. – Ст. 699.

Баҳриддинов С.Э. Доир ба баъзе масъалаҳои назарияи пешгирии ҷиноятқорӣ // Законодательство. – 2011. – № 1. – С. 68-72.

**2. МОНОГРАФИИ**

Тарасова В.И. Политическая история Латинской Америки: монография. – 2-е изд. – М.: Проспект, 2006. – 241 с.

**3. АВТОРЕФЕРАТЫ**

Глухов В.А. Исследование, разработка и построение системы электронной доставки документов в библиотеке: Автореф. дис. … канд. техн. наук. – Новосибирск, 2000. – 18 с.

**4. ДИССЕРТАЦИИ**

Фенухин В.И. Этнополитические конфликты в современной России: на примере Северо-Кавказского региона: дис. … канд. полит. наук. – М., 2002. – 251 с.

**5. АНАЛИТИЧЕСКИЕ ОБЗОРЫ**

Экономика и политика России и государств ближнего зарубежья: аналит. обзор, апр. 2007 / Рос. акад. наук, Ин-т мировой экономики и междунар. отношений. – М.: ИМЭМО, 2007. – 39 с.

**6. МАТЕРИАЛЫ КОНФЕРЕНЦИЙ**

Археология: история и перспективы: сб. ст. Первой межрегион. конф., Ярославль, 2003. – 350 с.

**7. ИНТЕРНЕТ-ДОКУМЕНТЫ**

Смертина П. Исламский банкинг пришел в Россию [Электронный ресурс] // URL:http://www.banki.ru/news/bankpress/ (дата обращения: 12.09.2016).

Закон Республики Таджикистан «О

тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» аз 5 марти соли 2007 [Манбаи электронӣ] // URL:http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/2007/ (санаи муроҷиат: 12.10.2016).

физической культуре и спорте» от 5 марта 2007 года [Электронный ресурс] // URL:http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/2007/ (дата обращения: 12.10.2016).

Маҷаллаи «Қонунгузорӣ» бо мақсади мусоидат ба инкишофи илми ҳуқуқ, низоми давлатии иттилооти ҳуқуқӣ, фаҳмондадиҳии муқаррароти асосии қонунгузорӣ, интишори тафсири илмию амалии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводи ҳуқуқӣ ва иттилоотию таҳлилӣ дар як сол чор маротиба нашр мегардад.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯши чакана бароварда мешавад.
Роҳи дастрас намудани маҷалла обуна мебошад.
Обуна ба маҷаллаи «Қонунгузорӣ» тавассути шуъбаҳои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.
**Индекси обуна:** - 77710
**Нархи солонаи обуна:** - 200 сомонӣ

**Реквизитҳои бонкӣ:**
**Ташкилоти дастраскунанда:** Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
**Бонк:** Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе
**Суратҳисоб:** 20204972712010100002
**С/муросилотӣ:** 22402972000002
**БИК:** 350101800
**РМА:** 010082702
**Суроға:** шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13.
**Телефон:** 227-47-71; 227-45-53; 227-08-07
**Суроғаи электронӣ:** info@mmk.tj

В целях содействия развитию юридической науки и государственной информационно-правовой системы, разъяснения основных положений действующего законодательства, публикации комментариев нормативных правовых актов, правовых и информационно-аналитических материалов Журнал «Законодательство» издается четыре раза в год.

В розничную продажу журнал поступает в ограниченном количестве.
Оптимальным условием ознакомления с его содержанием является подписка на него.
Подписка на журнал «Законодательство» осуществляется в отделениях Службы связи при Правительстве Республики Таджикистан.
**Подписной индекс:** - 77710
**Цена на годовую подписку:** - 200 сомони

**Банковские реквизиты:**
**Получатель:** Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан.
**Банк:** Главное управление центрального казначейства Министерства финансов Республики Таджикистан, город Душанбе
**Расчетный счет:** 20204972712010100002
**К/счет:** 22402972000002
**МФО:** 350101800
**ИНН:** 010082702
**Адрес:** город Душанбе, улица академика А. Адхамова, 13.
**Телефоны:** 227-47-71; 227-45-53; 227-08-07
**Электронный адрес:** info@mmk.tj

**МУРАТТИБОН**

***Манучеҳр Ҳамидзод***
***Абдураҳимзода Фаридун***
***Тоирзода Малика Тоир***

Маҷалла дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар матбааи ҶДММ «Нашрияи Нур» бо тарзи рақамӣ ба табъ расидааст.
Ба матбаа 29.09.2020 супорида шуд. Ба чопаш 05.10.2020 иҷозат дода шуд. Коғази офсетии № 1. Андозаи 60х84 1/8. Ҳуруфи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 10,0.
Адади нашр 200 нусха.

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*734024. ш. Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 13 телефон/факс 227-63-64*

---

**СОСТАВИТЕЛИ**

***Манучехр Хамидзод***
***Абдурахимзода Фаридун***
***Тоирзода Малика Тоир***

Журнал подготовлен к печати в Национальном центре законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Напечатан цифровым способом в типографии ООО «Нашрияи Нур». Сдано в печать 29.09.2020. Разрешен к печати 05.10.2020. Бумага офсетная №1. Формат 60х84 1/8. Шрифт Times New Roman Tj. Условный печатный лист 10,0. Тираж 200 экз.

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

*734024. г. Душанбе, улица А.Адхамова, 13 телефон/факс 227-63-64*